КУМИТАИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА
ТОҶИКИСТОН




# ШАРҲИ
# ВАЗЪИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2020

ПЕШГИРӢ,

МУҲОФИЗАТ,

НАҶОТ!



«…Вазифаи асосии ҳар яки мо – аз Роҳбари давлат сар карда, то вакилони мардум, аъзои Ҳукумат, роҳбарони ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ ва тамоми хизматчиёни давлатӣ – содиқона хизмат кардан ба халқи азизи Тоҷикистон, ҳамеша ва дар ҳама ҳолат дар паҳлуи халқ будан аст.

Соли 2020 бо тамоми мушкилоташ собит намуд, ки мо барои боз ҳам беҳтар зистан, обод намудани Ватани азизамон ва тараққӣ додани давлати соҳибистиқлоламон нерӯ, имконият, таҷриба, шароит ва захираҳои заруриро дорем».

**Иқтибос аз матни Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**
**ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**26 январи соли 2021**

## МУНДАРИҶА:

**I. ПЕШГУФТОР** ........ 5
*Сухани ифтитоҳии Раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенант Р. Назарзода* ........ 5

**II. ҲИФЗИ АҲОЛӢ ВА ҲУДУДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА** ........ 7
*Таҳлили ҳолатҳои фавқулодаи бақайдгирифташуда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020* ........ 7
*Гузаронидани корҳои барқарорсозӣ баъд аз офатҳои табиӣ дар мисоли ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон* ........ 26
*Тадбирҳои пешгирикунанда бо мақсади паст кардани хавфи офатҳои табиӣ* ........ 33
*Фаъолияти сохторҳои минтақавии КҲФ оид ба масъалаҳои ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода дар соли 2020* ........ 44
*Чорабиниҳои пешгирикунанда ва зиддисадамавӣ дар фаъолияти Хадамоти ҲНКҶ дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Норак* ........ 58

**III. ЧОРАБИНИҲОИ ЗИДДИЭПИДЕМОЛОГӢ ДАР ДАВРАИ СИРОЯТИ КОРОНАВИРУС «COVID-19»** ........ 62
*Гузаронидани чорабиниҳои зиддиэпидемиологӣ дар давраи сирояти коронавирус «COVID-19»* ........ 62
*Гузаронидани чорабиниҳои дезинфексионӣ дар ташкилотҳо, муассисаҳо ва ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон* ........ 66
*Нуқтаи коркарди махсуси нақлиёт ва безараргардонии ҳайати шахсӣ* ........ 69

**IV. ЧОРАБИНИҲО ОИД БА МУДОФИАИ ГРАЖДАНӢ** ........ 70
*Омӯзиш ва омодасозии шахсони мансабдори вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мудофиаи гражданӣ дар Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ методӣ* ........ 70

**V. ТАШВИҚОТУ ТАРҒИБОТ ДАР СОҲАИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА** ........ 78
*Фаъолияти муштараки КҲФ ва ВАО дар соли 2020* ........ 78
*Корҳои ташвиқотӣ-тарғиботии КҲФ оид ба пешгирӣ аз паҳншавии коронавирус* .. 81

**VI. КОРҲОИ КОФТУКОВӢ-НАҶОТДИҲӢ ВА ДИГАР РОҲАНДОЗИИ ФАВРӢ ДАР ИН САМТ** ........ 88
*Амалҳои сохторҳои таъиноти махсусгардонидашудаи кофтуковӣ-наҷотдиҳӣ КҲФ дар вақти ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои фавқулода* ........ 88
*Фаъолияти қӯшунҳои мудофиаи гражданӣ ҳангоми бартараф кардани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода* ........ 92

**VII. СИЁСАТИ КАДРҲО, ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИМОЯИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ҲАЙАТИ ШАХСӢ** ........ 95
*Таъмини Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда бо кадрҳои баландихтисос* ........ 95
*Таъминоти тиббӣ* ........ 99

**VIII АМАЛИГАРДОНИИ ЛОИҲАҲО БАРОИ УСТУВОРГАРДОНИИ ЗАМИНАИ МОДДӢ-ТЕХНИКИИ КҲФ** ........ 105
*Такмили системаи огоҳкунии қаблӣ ва мониторинги кӯли Сарез* ........ 105
*Муҷаҳҳазгардонӣ ва баланд бардоштани иқтидори Хадамоти зидди жола* ........ 109

**IX. ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ** ........ 112
*Тавсеа ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода* ........ 112
*Иштирок дар чорабиниҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар шакли видеоконфронсҳо* ........ 114
*Нақши Гурӯҳи РЕАКТ дар соли 2020 дар вокуниш ба пандемияи COVID-19* ........ 120
*Стратегияи вокуниши башардӯстонаи КҲФ/РЕАКТ ба COVID-19* ........ 122
*Кумакҳои созмонҳои байналмилалӣ ба Кумита барои пешгирии бемории сироятии коронавирус* ........ 124

**X. ДУРНОМАИ РУШДИ СОҲАИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА ВА МУДОФИАИ ГРАЖДАНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** ........ 127
*Нақшаҳои рушди Кумита барои соли 2021* ........ 127

# I. ПЕШГУФТОР

**Сухани ифтитоҳии Раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенант Р. Назарзода**



**Хонандаи азиз!**

Ба таваҷҷӯҳи Шумо Шарҳи навбатии вазъи ҳолатҳои фавқулодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020, ки аз ҷониби гурӯҳи кории Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гашта, бо кумаки САҲА дар ш. Душанбе ба чоп расидааст, пешниҳод мегардад.

Дар Шарҳи мазкур Шумо бо маҷмӯи чорабиниҳое, ки барои роҳандозии корҳои пешгирикунанда ва бартарафсозии оқибатҳои хавфи офатҳои табиӣ равона гаштаанд, шинос мешавед. Инчунин, дар маҷалла оид ба ҳамкории муштараки Кумита бо вазорату идораҳои мамлакат ҷиҳати пешгирӣ ва бартарафсозии офатҳои табиӣ, амалисозии чорабиниҳо дар доираи «Стратегияи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019–2030», ташкили ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои маблағгузор дар самти коҳиши хавфи офатҳои табиӣ маълумот пеш овардем.

Хонандагон ва ҳамкорони азиз! 11-уми марти соли 2020 Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ пандемияи коронавируси COVID-19-ро эълон кард. Кормандони Кумита дар пешгирии паҳншавии сирояти коронавирус дар кишвар саҳми назаррас гузошта, дар ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои профилактикӣ ва санитарию эпидемиологӣ фаъолона ширкат варзиданд.

Дар давраи пандемияи COVID-19 офатҳои табиӣ ба кишвари мо низ таъсири худро расонид. Аз аввали сол дар кишвар беш аз 200 ҳолатҳои табиӣ рух додааст, ки аз он 25 офатҳои табиӣ ба аҳолӣ ва иқтисодиёти кишвар зарари назаррас расонидааст. Мутаассифона, дар натиҷаи рух додани офатҳои табиӣ ҳалокати шаҳрвандон низ ба қайд гирифта шуд.

Дар ин шароит Кумита дар соли 2020 дар самти кории худ оид ба масъалаҳои омодагӣ ва эътино ба ҳамагуна хавфи офатҳо ислоҳот ворид намуда, диққати махсусро барои пешгирии COVID-19 равона намуд.

Инчунин, Кумита новобаста аз вазъи душвори мавҷуда татбиқи минбаъдаи «Барномаи рушди Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2022» ва «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба коҳиши хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019–2030» идома дода, заминаи моддию техникиро мустаҳкам гардонида, нерӯи мақомоти ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ дар самти таъмини ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди кишварро аз офатҳои табиӣ ва техногенӣ афзоиш дод.

Дар хотима ба ҳамаи шарикон барои ҳамкориҳои самарабахш ва кӯмак дар ҳалли масъалаҳои марбут ба коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ ва пешгирии паҳншавии пандемияи COVID-19 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон миннатдории самимии худро баён мекунам.

Умедворем, ки маълумотҳои дар «Шарҳи вазъи ҳолатҳои фавқулодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020» оварда шуда на танҳо барои хизматчиёни давлатӣ, балки барои ҷомеа, намояндагони ВАО ва қишрҳои гуногуни аҳолӣ муфид хоҳад буд.

Бо мақсади таъмини ҳифзи аҳолӣ аз офатҳои табиӣ ва устуворӣ барои наслҳои оянда, Кумита минбаъд низ дар ҳалли масъалаҳои коҳиши хавфи офатҳо дар ҳама сатҳҳо саҳм хоҳад гузошт.

Бо камоли эҳтиром,

**Раиси Кумита** **Р. Назарзода**

# II. ҲИФЗИ АҲОЛӢ ВА ҲУДУДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН АЗ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА

**Таҳлили ҳолатҳои фавқулодаи бақайдгирифташуда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020**

Истилоҳи «ҳолатҳои фавқулода» дар ҳаёт ва шуури инсон мустаҳкам ҷой гирифтааст. Ин пеш аз ҳама аз он вобаста аст, ки таърихи рушди тамаддун ва ҷаҳони муосир бо ҳолатҳои фавқулода ба монанди: зилзила, обхезӣ, тӯфон, сардӣ, гармӣ, оташ, таркиш, садамаҳои саноатӣ, терроризм, гуруснагӣ, эпидемия, бемориҳо пайванди ногусастанӣ дошта, ҳамсафари доимии инсон мебошанд. Ҳодисаҳои фавқулода инсонро доимо ҳамроҳӣ мекунад, ба ҳаёти ӯ таҳдид мекунад, дард, ранҷ ва захмро ба бор меорад, арзишҳои моддиро вайрон ва нобуд мекунад, ба муҳити табиӣ ва ҷомеа зарари азим мерасонад.

Дар соли 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 052 ҳолатҳои фавқулода ва ҳодисаҳо ба қайд гирифта шуданд, ки нисбат ба соли 2019 (3 449) 11,5% коҳиш ёфтааст. Аз ҷумла:

| Намуди офатҳои табиӣ | Соли 2019 | Соли 2020 | Коҳиш/ афзоиш (+/–),% |
|---|---|---|---|
| Шумораи ҳодисаҳои хавфнок ва фавқулодаи табиӣ | 680 | 213 | – ба 3,2 маротиба |
| Шумораи ҳолатҳои техногенӣ | 2 555 | 2 676 | +4,7% |
| Ҳодисаҳои нохуш | 214 | 163 | –23,8% |
| **Ҳамагӣ:** | **3 449** | **3 052** | **–11,5%** |

Сарфи назар аз пешрафти илм ва техника, хавфҳои мухталиф боиси ҳалокати одамон мегарданд. Дар соли 2020 чун солҳои қаблӣ, шумораи зиёди фавтҳо дар натиҷаи рух додани ҳодисаҳои техногенӣ ба қайд гирифта шудааст.

**Шумораи фавтидагон дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода дар солҳои 2019–2020**



## Офатҳои табиӣ

Вақтҳои охир мушкилоти тағйирёбии иқлим ба яке аз масъалаҳои муҳим дар миқёси сайёра табдил ёфтааст. Тағйирёбии иқлим аз равандҳои динамикии сайёраи Замин, инчунин аз таъсири беруна, ба монанди тағйирёбии шиддатнокии радиатсияи офтоб ва фаъолияти одамон ба амал меояд. Тағйиёбии иқлим барои Тоҷикистон низ мушкилоти бузургеро ба бор меорад. Тибқи маълумоти Маркази омӯзиши тағйирёбии иқлим ва қабати озони назди Агентии обуҳавошиносии Тоҷикистон ҳарорати миёнаи солона дар кишвар дар 65 соли охир дар ноҳияҳои кӯҳӣ ва баландкӯҳ 0,3–1,20°С зиёд шудааст – аз 0,1–0,70°С ва дар шаҳрҳо – аз 1,2–1,90°С. Тибқи таҳлилҳо то соли 2050 муайян гаштааст, ки ҳарорати миёнаи солона аз 1,8 дараҷа то ба 3 дараҷа гарм хоҳад шуд, алалхусус дар байни моҳҳои декабр ва август. Ин омилҳо сабаби рух додани офатҳои табиӣ, аз қабили тармафароӣ, сел, ярч, ҳаракати пиряххо, обхезиҳо ва ғайра мебошанд.

**Микдори офатҳои табиӣ ва фавтидагон дар давоми солҳои 2016–2020**




Дар соли 2020 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 213 офати табиӣ ба қайд гирифта шудааст, аз ҷумла 95 ҳодисаи фаромадани тарма, 36 – сел, 30 – заминҷунбӣ, 21 – шамолҳои сахт, 9 – боронҳои шадид, 9 – фаромадани сангҳо, 6 – ярчҳо, 4 – баланд шудани сатҳи об дар обанборҳо ва 2 ҳолати раъду барқ.

**Шумораи офатҳои табиӣ ва фавти шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019–2020**



## МАЪЛУМОТ
### оид ба ҳолатҳои фавқулодаи хусусиятҳои табиӣ дошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019–2020

| Намуди ҳодисаҳо | 2019 | | | 2020 | | | Паст шудан/ афзоиш (+/–),% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | миқ-дор | фав-тида | наҷот дода шуд | миқ-дор | фав-тида | наҷот дода шуд | |
| Заминларза | 25 | | | 30 | | | +20,0% |
| Тарма | 445 | 9 | 6 | 95 | 2 | 3 | –4,7 маротиба |
| Ярч | 13 | | | 6 | | | –2,2 маротиба |
| Сангрезӣ | 37 | 3 | | 9 | | 1 | –4,1 маротиба |
| Шамоли сахт | 18 | 2 | 1 | 21 | | 1 | +16,7% |
| Боришоти барфи зиёд | 8 | | | 1 | | | –8 маротиба |
| Боришоти борони зиёд | 17 | | | 9 | | | +47,1% |
| Баландшавии сатҳи об | 32 | | | 4 | | | –8 маротиба |
| Раъду барқ | 1 | 1 | | 2 | 2 | | +2 маротиба |
| Сел | 80 | 7 | | 36 | 4 | 1 | –2,2 маротиба |
| Яхбандӣ | 2 | | | | | | |
| Яхпора, канда шудани пирях | 2 | | | | | | |
| **Ҳамагӣ:** | **680** | **22** | **7** | **213** | **8** | **6** | **–3,2 маротиба** |

**Намудҳои асосии офатҳои табиӣ дар солҳои 2019–2020**



Дар миёни рух додани офатҳои табиӣ афзоиши ҳолатҳои тармафароӣ ба қайд гирифта шудааст, ки дар соли 2020 45% шумораи умумии офатҳои табииро ташкил дод, дар соли 2019 бошад – 65%. Тармаҳо сабаби басташавии роҳҳои автомобилгард, ки пойтахти кишвар шаҳри Душанбе ва минтақаҳои кишварро мепайванданд, боис мегардад.

**Таносуби офатҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019–2020**







Шумораи зиёди тармафароӣ дар соли 2020 дар минтақаи Варзоб ба қайд гирифта шуда, шумораи он 63,2%-ро ташкил намуд. Инчунин, тармафароӣ дар минтақаи Рашт (НТҶ), вилояти Суғд (ноҳияи Айнӣ) ва ВМКБ (минтақаи Шуғнон ва ноҳияи Ванч) ба қайд гирифта шудааст. Бар асари тармафароӣ дар минтақаи Рашт ду нафар шаҳрвандон ба ҳалокат расиданд.

**Шумораи ҳолатҳои тармафароӣ ва фавти одамон дар натиҷаи онҳо дар соли 2020 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯи минтақаҳо**




**Харитаи фаромадани тармаҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020**




Сел яке аз офатҳои табиӣ мебошад, ки бештар ба аҳолӣ ва иқтисодиёти мамлакат зарар мерасонад. Соли 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 36 ҳолати омадани сел ба қайд гирифта шуд (17%), ки дар натиҷаи он 4 нафар шаҳрвандон ба ҳалокат расиданд (ду нафар дар вилояти Суғд, ноҳияҳои Мастчоҳ ва Деваштич; ду нафар дар ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон).

### Шумораи сел ва фавтидагон дар натиҷаи онҳо дар соли 2020 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз рӯи минтақаҳо




### Харитаи фаромадани селҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020




Дар соли 2020 ба монанди соли 2019 шумораи камтарин офатҳои табиӣ дар фасли тирамоҳ рост омад. 47,4% офатҳои табиӣ дар фасли зимистон ба қайд гирифта шуданд, ки шумораи зиёди онҳо дар моҳи феврал, яъне 55 ҳолатро ташкил доданд.

### Шумораи офатҳои табиӣ дар солҳои 2019–2020, аз рӯи моҳҳо




Дар соли 2020 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 нафар дар натиҷаи офатҳои табиӣ ҳалок шуданд (дар соли 2019 – 22).

### Ҳалокшудагон аз офатҳои табиӣ дар солҳои 2019–2020, аз рӯи намудҳои офатҳои табиӣ




### Шумораи офатҳои табиӣ ва ҳалокшудагон дар соли 2020, аз рӯи моҳҳо



## МАЪЛУМОТ
## оид ба ҳодиса ва офатҳои табиӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар соли 2020, аз рӯи минтақа бо нишон додани маблағи зарар (сомонӣ)

| Соли 2020 | | Намуди ҳодисаҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | замин-ларза | тарма | кӯҳпора, сангрез | ярч | шамоли сахт | сел | баланд-шавии сатҳи об | дигарон | ҳамагӣ |
| ВМКБ | Миқдори ҲФ | 7 | 9 | 14 | 1 | 4 | 5 | | | **30** |
| | Ҳалокшудагон | | | | | | | | | **0** |
| | Маблағи зарар | | | 260 000 | | 508 7900 | | | | **5 347 900** |
| в. Суғд | Миқдори ҲФ | 4 | 6 | 1 | | 3 | 11 | 1 | 3 | **29** |
| | Ҳалокшудагон | | | | | | 2 | | 1 | **3** |
| | Маблағи зарар | | | | | 32 078 400 | 10 688 200 | | | **42 766 600** |
| в. Хатлон | Миқдори ҲФ | 6 | | | | 1 | 4 | 1 | 1 | **13** |
| | Ҳалокшудагон | | | | | | 2 | | 1 | **3** |
| | Маблағи зарар | | | | | | 8 218 100 | | | **8 218 100** |
| НТҶ | Миқдори ҲФ | 7 | 80 | 4 | 5 | 6 | 16 | 2 | 1 | **121** |
| | Ҳалокшудагон | | 2 | | | | | | | **2** |
| | Маблағи зарар | 875 700 | | | 33 600 | 157 900 | 1 383 000 | 128 600 | | **2 578 800** |
| Душанбе | Миқдори ҲФ | 6 | | | | 7 | | | 7 | **20** |
| | Ҳалокшудагон | | | | | | | | | **0** |
| | Маблағи зарар | | | | | | | | | **0** |
| **УМУМӢ:** | **Миқдори ҲФ** | **30** | **95** | **9** | **6** | **21** | **36** | **4** | **12** | **213** |
| | **Ҳалокшудагон** | **0** | **2** | **0** | **0** | **0** | **4** | **0** | **2** | **8** |
| | **Маблағи зарар** | **875 700** | **0** | **260 000** | **33 600** | **37 324 200** | **20 289 300** | **128 600** | **0** | **58 911 400** |

### Шумораи фавтидагон аз офатҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 нисбат ба соли 2019, аз рӯи минтақаҳо



Шумораи аз ҳама зиёди офатҳои табиӣ дар соли 2020 дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба вуқӯъ пайвастааст, ки он 57%-ро ташкил дод, соли 2019 бошад, 50,6%-ро дар ВМКБ ташкил дода буд.

**Шумораи офатҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 нисбат ба соли 2019, аз рӯи минтақаҳо**




Дар соли 2020 аз 213 офати табиӣ, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуд, 25 ҳолат ба аҳолӣ ва иқтисодиёти кишвар зарари калон расонид.

**Шумора ва на мудҳои ҳолатҳои фавқулода дар соли 2020, ки зарари калон расонидаанд**



Аз соли 2012 то 2020 тамоюли коҳиш ёфтани шумораи ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ дошта ба назар мерасад, ки он сабаби зарари зиёд ба иқтисодиёти кишвар гардид.

**Шумораи ҳолатҳои фавқулода ва фавтидагон дар давраи солҳои 2010–2019**




Яке аз сабабҳои коҳиш ёфтани шумораи рух додани ҳолатҳои фавқулода ин пурзӯр намудани фаъолият аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии офатҳои табиӣ ин таъмини омодагӣ, коҳиш додани хавфу хатар ва роҳандозии чорабиниҳои пешгирикунанда мебошад.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012, №98 дар асоси тавсияҳои Барномаи Чорчӯбаи Хиого дар назди Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода, Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба коҳиш додани хатари офатҳои табиӣ таъсис дода шуд, ки он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сохтори банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии амалҳо дар самти коҳиш додани офатҳои табиӣ буда, майдони иловагии муколама бо шариконн Гурӯҳи арзёбии фаврӣ ва ҳамоҳангсозӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулода РЕАКТ-ро таъмин менамояд.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №779 Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода таҳти раёсати Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда, бар он вазорату идораҳои масъули идоракунии хавфи офатҳои табиӣ шомиланд.

Яке аз вазифаҳои Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода ҳамоҳангсозии фаъолият оид ба таҳия ва татбиқи чорабиниҳои ташкилӣ ва муҳандисӣ оид ба пешгирии ҳолатҳои фавқулода мебошад.

Аз соли 2017 то инҷониб ҳамасола тибқи Фармоиши Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода, ба минтақаҳои хатарнок масолеҳи сохтмонӣ ва сӯзишвории барои роҳандозии корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ва дигар чорабиниҳои муҳандисию техникӣ оид ба пешгирии ҳолатҳои фавқулода фиристода мешаванд, ки он бевосита ба коҳиши хавфи офатҳои табиӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири худро мерасонад.

| Дар давраи | Фармонҳои Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода | Маблағ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|
| **2017** | аз 16 апрели соли 2017 | **3 697 375** |
| **2018** | аз 03 марти соли 2018 | **2 684 050** |
| **2019** | аз 26 феврали соли 2019<br>аз 15 июли соли 2019 | **5 140 460**<br>**2 206 000** |
| **2020** | аз 12 майи соли 2020 | **1 122 475** |
| **ҲАМАГӢ:** | | **14 млн. 850 ҳазору 360** |

Сарфи назар аз коҳиш ёфтани шумораи ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ зарари моддӣ барои иқтисоди кишвар, хеле назаррас боқӣ мемонад.

**Дар давраи аз соли 2010 то 2020 офатҳои табиӣ ба иқтисодиёти кишвар ба маблағи <u>1 миллиарду 348 миллиону 195 ҳазор сомонӣ хисорот ворид карданд – ин 241 миллиону 162 ҳазору 27 доллари ИМА-ро ташкил дод.</u>**

| Дар давраи | Маблағи зарар (сомонӣ) | Маблағи зарар (доллари ИМА) |
|---|---|---|
| **2010** | **518 796 700** | **117 825 328** |
| **2011** | **43 815 200** | **9 207 776** |
| **2012** | **72 568 300** | **15 231 362** |
| **2013** | **63 950 800** | **13 395 362** |
| **2014** | **41 504 600** | **7 819 401** |
| **2015** | **291 164 300** | **41 653 215** |
| **2016** | **161 336 200** | **20 484 015** |
| **2017** | **30 541 200** | **3 463 114** |
| **2018** | **34 249 000** | **3 632 073** |
| **2019** | **31 357 300** | **3 236 983** |
| **2020** | **58 911 400** | **5 213 398** |
| **ҲАМАГӢ:** | **1 348 195 000** | **241 162 027** |

Дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 зарари моддӣ аз офатҳои табиӣ (бо сомонӣ) 1,9 маротиба афзудааст.

**Маблағи зарар аз офатҳои табиӣ дар соли 2020 нисбат ба соли 2019**




Тибқи хулосаҳои комиссияҳои ҳолатҳои фавқулодаи вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо дар соли 2020 офатҳои табиӣ дар вилояти Суғд зарари калони моддӣ расониданд, ки он 72,5%-ро ташкил дод. Дар вилояти Хатлон ҳаҷми хисорот 13,9%-ро ташкил дод.

**Маблағи зарар аз офатҳои табиӣ дар соли 2020, аз рӯи минтақаҳо (бо сомонӣ)**




Дар соли 2020 аз ҳаҷми умумии зарари моддӣ – 37 миллиону 166 ҳазору 900 сомонӣ, оқибатҳои сардиҳо дар вилояти Суғд 32 миллиону 78 ҳазору 400 сомонӣ, дар ВМКБ – 5 миллиону 87 ҳазору 900 сомониро ташкил дод. Дар вилояти Суғд токзорҳо, дарахтони мева ва дар ВМКБ майдонҳои кишти картошка зарар диданд.

**Маблағи зарар аз офатҳои табиӣ дар солҳои 2019–2020, аз рӯи минтақаҳо (бо сомонӣ)**




Натиҷаҳои таҳлили ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ нишон медиҳанд, ки ҳиссаи асосии зарари иқтисодӣ ба сел рост меояд, ки дар соли 2020 он 48%-ро ташкил додааст. Бо мақсади коҳиш додани хисорот аз омадани сел дар маҳалҳои аҳолинишини осебпазир ва минтақаҳои хатарнок то давраи фаъолшавии хавфи офатҳои табиӣ бояд тадбирҳои иловагии муҳандисӣ ва техникӣ оид ба ҳифзи аҳолӣ, иншооти иқтисодӣ ва ҳудуд гузаронида шаванд, инчунин ҷиҳати омода намудани аҳолӣ дар самти пешгирӣ ва қоидаҳои дурусти рафтор ҳангоми рух додани офатҳои табиӣ корҳои таблиғотӣ-ташвиқотӣ пурзӯр карда шаванд.

Барои коҳиш додани хисороти иқтисодӣ аз офатҳои табиӣ, сатҳи огоҳии аҳолиро дар бораи қоидаҳои рафтор дар ҳолатҳои офатҳои табиӣ баланд бардоштан лозим аст.

Бояд қайд кард, ки сабабҳои боқӣ мондан ва афзоиши хатарҳои табиӣ инҳоянд:

- тайғирёбии иқлим;
- тақсимоти қитъаҳои замин дар минтақаҳои хатари эҳтимолии табиӣ;
- риоя накардани қоидаҳо, меъёрҳо ва талаботи корҳои сохтмонӣ ҳангоми сохтмони хонаҳои истиқоматӣ, хусусан дар минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ.

## Ҳолатҳои техногенӣ

Ҳодисаҳои хусусияти техногенӣ дошта бо фаъолияти инсон алоқаманд мебошанд. Хатари аз ҳама калон дар ҳодисаҳои техногенӣ садамаҳои нақлиётӣ, таркишҳо, сӯхтор, садамаҳои радиатсионӣ, садамаҳо бо партоби моддаҳои кимиёвӣ ва дигарро ташкил медиҳад.

Дар соли 2020 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 2667 садамаи техногенӣ ба қайд гирифта шудааст, ки ин нисбат ба соли 2019 (2,555) 4,7% зиёд аст. (Нишондиҳандаҳо оид ба садамаҳои нақлиётӣ ва сӯхтор аз маълумоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шудааст).

Аз инҳо: 1 300 сӯхтор; 1 109 садамаҳои нақлиётӣ; 227 маҳкамшавии дарҳои оҳанин ва лифтҳо; 25 садама дар хадамоти коммуналӣ; 8 фурӯравии иншоот; 4 таркиш (1 таркиши воситаи гармидиҳӣ, 1 таркиши балони оксиген, 2 таркиши лӯлаи газ); 2 ҳолати ошкор ва нобуд кардани лавозимоти ҷангӣ, 1 ҳолати заҳролудшавӣ.

Дар натиҷаи садамаҳо ва ҳодисаҳои техногенӣ 412 нафар ба ҳалок расида, 1 602 нафар наҷот дода шуданд. Дар соли 2020 шумораи фавтҳо нисбат ба соли 2019 3,1% коҳиш ёфт ва шумораи наҷотёфтагон 8,6% зиёд шудааст.

## Ҳолатҳои техногенӣ дар соли 2020 нисбат ба соли 2019




## МАЪЛУМОТ
### оид ба ҳолатҳои техногенӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019–2020

| Намуди ҳодисаҳо | 2019 | | | 2020 | | | Паст шудан/ афзоиш (+/–),% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | миқдор | фавтида | наҷот дода шуд | миқдор | фавтида | наҷот дода шуд | |
| Садамаи нақлиётӣ | 1 212 | 391 | 1 314 | 1 109 | 376 | 1 263 | –8,5% |
| Сӯхтор | 1 274 | 23 | 99 | 1 300 | 25 | 229 | +2,0% |
| Садама дар лифт | 8 | | 20 | 9 | | 19 | +12,5% |
| Садамаи саноатӣ | 1 | | | | | | |
| Кушодани дари хонаҳо | 38 | 9 | 35 | 218 | 7 | 76 | + 5,7 маротиба |
| Садамаи гази заҳролуд | 5 | 4 | 3 | 1 | 1 | | – 5 маротиба |
| Таркиш | 2 | 1 | 2 | 4 | 1 | 8 | + 2 маротиба |
| Дарёфти лавозимоти ҷангӣ | 6 | | | 2 | | | – 3 маротиба |
| Фурӯравии иншоот | 2 | 3 | | 8 | 2 | 4 | + 4 маротиба |
| Садамаи коммуналӣ | 6 | | 1 | 25 | | 3 | + 4,2 маротиба |
| Садамаи авиатсионӣ | 1 | 1 | 1 | | | | |
| **Ҳамагӣ:** | **2 555** | **425** | **1 475** | **2 676** | **412** | **1 602** | **+4,7%** |

Дар байни садамаҳои техногенӣ дар кишвар садамаҳои нақлиётӣ ва сӯхтор дар сатҳи баланд боқӣ мондаанд. Соли 2020 садамаҳои нақлиётӣ 41% аз шумораи умумии садамаҳои техногениро ташкил дод, дар соли 2019 бошад он 47%-ро дар бар гирифта буд. Шумораи садамаҳои нақлиётӣ дар соли 2020 нисбат ба соли гузашта 8,5% камтар ба қайд гирифта шуд.

## Таносуби ҳолатҳои техногенӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019–2020




Ҳалокшудагон дар садамаҳои нақлиётӣ 91% шумораи умумии фавтидагонро ташкил доданд, соли гузашта бошад, шумораи он 92% буд.

## Таносуби ҳалокшудагон аз ҳолатҳои техногенӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2020




Шумораи аз ҳама зиёди садамаҳои нақлиётӣ дар соли 2020 чун соли 2019 дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон ба қайд гирифта шудаанд.

## Шумораи садамаҳои нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 нисбат соли 2019, аз рӯи минтақаҳо



Инчунин, сӯхторҳо ҳиссаи зиёди шумораи садамаҳои техногениро дар соли 2020 ташкил дод, яъне – 51%. Шумораи асосии сӯхторҳо дар вилоятҳои Суғд ва Хатлон ба қайд гирифта шудаанд.

**Шумораи сӯхторҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 нисбат соли 2019, аз рӯи минтақаҳо**




Бо дарназардошти он ки тамоми техносфера офариниши дасти инсон аст, пас рух додани ҳодисаҳои техногенӣ ва офатҳои табиӣ, сабаби асосии рух додани онҳо худи инсон аст ё ҳаракатҳои он, яъне қабули қарорҳои хато ё роҳандозии нодурусти чорабиниҳо мебошад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки сабабҳои рух додани ҳодисаҳои техногенӣ аксар вақт на аз параметрҳои техникӣ, балки аз нишондодҳои иҷтимоӣ реша мегиранд. Ҳодисаҳои хавфнок аз он сабаб ба амал меоянд, ки қарорҳои хато қабул карда мешаванд, одамон дар иҷрои вазифаҳои хидматӣ бемасъулиятӣ зоҳир мекунанд, қоидаҳои бехатариро риоя намекунанд ва дар ҳолатҳои душвор нодуруст рафтор мекунанд.

## Ҳодисаи нохуш

Омили инсонӣ, мутаассифона сабаби асосии на танҳо рух додани садамаҳои техногенӣ, балки ҳодисаҳои нохуш низ мебошад.

Дар соли 2020 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 163 ҳодисаҳои нохуш ба қайд гирифта шудааст, ки он нисбат ба соли 2019 23,8% коҳиш ёфт. Дар натиҷаи рух додани ҳодисаҳои нохуш 132 нафар ба ҳалокат расидаанд, соли 2019 бошад шумораи ба ҳалокат расидагон 181 нафарро ташкил дода буд.

| Намуди ҳодисаҳо | 2019 | | | 2020 | | | Паст шудан/ афзоиш (+/–),% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | миқдор | фавтида | наҷот дода шуд | миқдор | фавтида | наҷот дода шуд | |
| Ҳолатҳои ғарқшавӣ | 155 | 141 | 51 | 123 | 107 | 36 | –20,6% |
| Ҳодисаи нохушӣ | 46 | 29 | 38 | 34 | 19 | 19 | –26,1% |
| Ёфтани ҷасад | 11 | 11 | | 6 | 6 | | –45,5% |
| Бедарак | 2 | | | | | | |
| **Ҳамагӣ:** | **214** | **181** | **89** | **163** | **132** | **55** | **–23,8%** |

75,5% шумораи умумии ҳодисаҳои нохушро ҳолатҳои ғаркшавӣ ташкил дод, дар соли 2019 бошад, шумораи он 72,4%-ро ташкил карда буд. Дар давраи ҳисоботӣ, яъне соли 2020 – 107 нафар ғарқ шудаанд, ки ин нисбат ба соли 2019 24,1% коҳиш ёфт.

Шумораи асоси ғаркшудагон дар соли 2020 дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (34,6%) ва вилояти Суғд (20,5%) ба қайд гирифта шуданд.

**Шумораи ғаркшудагон дар ҷумҳурӣ дар соли 2020 нисбат ба соли 2019**




86,1% онҳое, ки аз об наҷот ёфтанд, сокинони вилояти Суғд буданд.

**Шумораи наҷотдодашудагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019–2020**




Аз шумораи умумии ғаркшудагон дар соли 2020, аз рӯи таҳлил бо синну сол:
- 30,8% – то синни 17-сола;
- 44% – аз 17 то 35-сола;
- 25,2% – аз 35-сола боло.

Аз рӯи мансубият ба ҷинс – 24,3% занҳо ташкил менамоянд (26 зан).

## Шумораи ғарқшудагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020, аз рӯи гурӯҳи синну сол




## МАЪЛУМОТ
## оид ба шумораи ғарқшудагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020, аз рӯи гурӯҳи синну сол

| Синну сол | ш.Душанбе | | ВМКБ | | НТҶ | | Суғд | | Хатлон | | Ҳамагӣ: |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | зан | мард | зан | мард | зан | мард | зан | мард | зан | мард | |
| то 4-сола | | | | | 1 | 4 | | 1 | | | 6 |
| аз 5 то 10-сола | | | | 1 | 1 | 4 | | | 3 | 1 | 10 |
| аз 11 то 16-сола | | 2 | 1 | 4 | | 3 | 1 | 1 | 1 | 4 | 17 |
| аз 17 то 35-сола | | 6 | 1 | 6 | 3 | 11 | 6 | 7 | 2 | 5 | 47 |
| аз 35-сола боло | | 3 | 1 | 4 | 3 | 7 | 2 | 4 | 1 | 2 | 27 |
| **Ҳамагӣ:** | **0** | **11** | **3** | **15** | **8** | **29** | **9** | **13** | **7** | **12** | **107** |
| **Умумӣ:** | **11** | | **18** | | **37** | | **22** | | **19** | | **107** |

## Шумора ва сабабҳои ғарқ шудани одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019–2020



Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки асосан сабаби ба ғаркшавӣ дучор гардидани шаҳрвандон ин беэҳтиётӣ – 34%, худкушӣ – 13%, садамаи нақлиётӣ – 9%, бемориҳои руҳӣ – 7%, риоя накардани қоидаҳо – 7% ва бе назорати волидайн – 7% мебошанд.

**Таносуби сабабҳои ғарқ шудани одамон дар соли 2020**




Агар калонсолон асосан аз беэҳтиётии худ фавтанд, пас сабаби марги кӯдакон ин бе назоратии волидайн мебошад. Кӯмаки беҳтарин ва муассир барои ғаркшавӣ ин пешгирӣ аст!

**Қоидаҳои асосии пешгирӣ аз ҳолатҳои ғаркшавӣ инҳоянд:**

1. Шинавариро аз кӯдакӣ омӯхтан лозим аст.

2. Шахс бояд танҳо дар ҷойҳои иҷозатдодашуда, ки соҳилҳои муҷаҳҳазгардонидашуда доранд, ба оббозӣ машғул шавад. Дар обанборҳои саноатӣ, сарбандҳо, ҷӯйҳо набояд ба шиноварӣ машғул шуд.

3. Ҳангоми истироҳат дар назди обанбор ё дар дохили он волидайн бояд назорати доимӣ ва ҳатмии кӯдаконро таъмин намоянд.

## Гузаронидани корҳои барқарорсозӣ баъд аз офатҳои табиӣ дар мисоли ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон

Дар давраи моҳҳои апрел ва майи соли 2020 дар қаламрави ҷумҳурӣ фаромадани ярч ба қайд гирифта шуд, ки сабабҳои асосии ин ҳодиса боришоти боронҳои зиёд ва баландшавии сатҳи оби дарёҳоро дар бар мегирифт.

Дар баробари ин, дар натиҷаи боронҳои пай дар пай, омадани сел ва ярч дар давраи аз 14 то 16 майи соли 2020 ба аҳолӣ ва иқтисодиёти ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон зарари калони моддӣ расонида шуд. Бар асари омадани сел манзилҳои зисти шаҳрвандон, заминҳои наздиҳавлигӣ, иншоотҳои ёрирасони истиқоматкунандагони маҳаллии деҳаҳои Неъматулло Асадулло ва 18 Ҳизби ҷамоати деҳоти ба номи Садриддин Айнӣ зарар диданд.





Бо мақсади гузаронидани корҳои таъхирнопазир оид ба бартарафсозии оқибатҳои офатҳои табиӣ 14-уми майи соли 2020 аз ҷониби Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақт қувва ва воситаҳои Раёсати Кумита дар вилояти Хатлон сафарбар гардонида шуданд. Бо қувваи Раёсати Кумита дар вилояти Хатлон зиёда аз 700 нафар аҳолӣ ба ҷойҳои бехавф кӯчонида шуданд. Барои аҳолии бе хонаву дар монда шаҳраки хаймавӣ ташкил карда шуда, аз ҷониби Раёсати Кумита дар вилояти Хатлон 35 хайма барои муваққатан ҷойгир намудани аҳолӣ насб карда шуд.





Дар асоси супориши Раиси Комиссияи Давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ташкил намудани корҳо оид ба рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ 18 майи соли 2020 ба

минтақаи офатзада Комиссияи ҷумҳуриявӣ таҳти роҳбарии муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳозир шуданд. Дар ҳайати Комиссия як қатор масъулони вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардида буданд.

Дар ҷаласаи Ситоди фаврӣ оид ба рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ ҳисоботи раиси ноҳияи Хуросон оид ба фаъолияти Комиссия оид ба ҳолатҳои фавқулодаи ноҳия шунида шуд.

Мувофиқи маълумотҳои пешакӣ ба ҳолати 16 майи соли 2020 дар деҳот, 11 хонаҳои истиқоматии пурра ва 26 хонаҳои истиқоматии аҳолӣ қисман зарар дидаанд. Дар натиҷаи омадани сел, 301 хонаҳои истиқоматии шаҳрвандон зери об ва лоиқа монда, ҳамчунин бо ин сабаб ба қубурҳои обгузар, хатҳои ноқили барқ, системаи ирригатсионӣ, хоҷагии қишлоқ ва таърихи хисороти калони худро расонид.

Бо мақсади ташкили корҳои барқарорсозӣ, инчунин тадқиқоти такрории ҳолати фавқулода вобаста бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2020 гурӯҳи кори ҷумҳуриявӣ ташкил гардаида, таҳти роҳбарии муовини раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон сафарбар гардиданд.

Ба ҳайати гурӯҳи корӣ муовинони раиси вилояти Хатлон, раиси ноҳияи Хуросон, ва муовинони ӯ, инчунин як қатор намояндагони вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил гардиданд.




Оғоз аз 19 майи соли 2020 дар минтақаи офатзада Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба бартарафсозии офатҳои табиӣ кори худро оғоз намуд. Дар давраи гузаронидани тадқиқот 19–20 майи соли 2020 дар мавзеи дарҷгардида фаромадани ярч дуюм маротиба ба қайд гирифта шуд, ки дар умум душвориҳоро ба миён овард.




Аз ҷониби КҲФ Тоҷикистон дар ноҳияи ҷабрдида қувва ва воситаҳои иловагӣ аз ҳисоби афсарон ва сарбозони хизмати ҳатмии қисми ҳарбӣ, ки дар вилояти Хатлон ҷойгир мебошад, сафарбар карда шуд.

Дар рӯзҳои аввал аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аҳолии зарардида саривақт ҳароратсанҷҳо, ниқобҳо маҷмуи либосҳои махсуси ҳимоявӣ, дастпушакҳо, антисептикаҳо, 300 халта орд, 300 халта биринҷ, 300 адад зарфҳои 5-литраи равған, 600 қуттӣ макарон, 300 халта пиёз, 300 халта сабзӣ ва 300 халта картошка дастрас карда шуд.





19 майи соли 2020, Кумита бо дастгирии созмонҳои байналмилалие, ки дар ҷумҳурӣ кор ва фаъолият менамоянд, ба монанди Хазинаи кӯдакони СММ дар Тоҷикистон (ЮНИСЕФ) ва Агентии Оғохон оид ба макони зист 15000 (понздаҳ) ҳазор литр сӯзишвории дизелӣ, 300 маҳлулҳои антисептикӣ, 300 зарфҳои 10-литра барои оби нушокӣ, 10 маҷмӯъ маҳлулҳои доруворӣ барои безараргардонидани оби нушокӣ ва 15 тонна орд ҷудо ва дастрас карда шуд.






Бо мақсади расонидани кӯмаки ҳамаҷониба оид ба гузаронидани корҳои барқарорсозӣ аз ҷониби Кумита ба таври иловагӣ сӯзишвории дизелӣ ва нақлиёти махсуси муҳандисӣ ҷудо карда шуд. Бо кушишҳои кормандони Раёсати Кумита дар вилояти Хатлон, инчунин хизматчиёни ҳарбии КҲФ хонаҳои истиқоматии шаҳрвандон ва қитъаҳои назди ҳавлигиашон аз обу лойқа тоза карда шуданд.





Барои гузаронидани корҳои барқарорсозӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон нақлиёти автомобилӣ, экскаваторҳо ва автогрейдер ҷудо карда шуд. Дар мухлати кӯтоҳтарин роҳҳо ва каналҳои обёрикунанда аз обу лойқаҳо тоза карда шуданд.

Ҳамин тариқ, дар давраи аз 19 то 30 майи соли 2020 қувва ва воситаҳои Кумита, инчунин хадамотҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ноҳияи Хуросон офати табиӣ ба амаломадаро пурра бартараф намуданд.

Баъд аз гузаронидани таҳлил ва ташхиси иловагӣ аз ҷониби Комиссия хисороти ба аҳолӣ ва иқтисодиёти ноҳияҳои Хуросон расида, ҳисоб карда шуд.

Тибқи санади тартиб додашудаи Комиссияи давлатӣ маълум гардид, ки дар натиҷаи офати табиӣ ба амаломада, 260 хонаҳои истиқоматӣ, ки аз он 184 хонаҳои истиқоматӣ зери обу лой монда, 36 хонаҳо пурра ва 40 хонаҳо қисман хароб гардидааст. Дар баробари ин, роҳҳои аҳамияти маҳаллӣ, 8.1 км каналҳои обёрӣ аз истифода баромада, бинои мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ пурра хароб шудааст, 7.6 км хатҳои интиқоли барқ, 76 гектар кишти зироатҳои хоҷагии қишлоқ несту нобуд гардидааст. Инчунин, 112 сар моли калони шохдор ва моли майда талаф ёфтанд. Дар натиҷаи офатҳои табиӣ 2 нафар ба ҳалокат расиданд.

Маблағи умумии зарари расида аз офатҳои табиӣ 8 миллиону 63 ҳазору 700 сомониро ташкил дод.

Дар доираи муоинаи такроран гузаронидашуда ва хулосаи мутахассисони Корхонаи воҳиди давлатии «Экспедитсияи гидрогеологӣ»-и Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таҳдиди хатари ярчи дубора қарор қабул карда шуд, ки ба қитъаҳои замин ба аҳолии зарардида ҷудо карда шаванд.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 67 хоҷагиҳо барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ дар ҳудуди деҳаи Чорбоғи ҷамоати деҳоти С. Айнӣ қитъаи замини наздиҳавлигӣ ҷудо карда шуд.



Вобаста ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аҳолии зарардида кумакҳои иловагии хурокворӣ, аз қабили 13 тонна орд, 16 тонна картошка, 16 тонна пиёз, 16 тонна сабзӣ, 9 тонна биринҷ, 4 тонна макарон, 4 тонна равған, 3 тонна марҷумак ва 3 тонна перловка ҷудо карда шуд.

Барои сохтмони 67 хонаҳои истиқоматӣ, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла 370 тонна семент, 370 метри мураббаъ тахта, 3 700 дона шифер ва 74 тонна арматура, инчунин дарҳо ва тирезаҳои беруна ва дохили бинои ҷудо карда шуд.

Кумита бо дастгирии Барномаи рушди СММ ва Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон аз қабили кампал – 1300 дона, болишт – 1 300 дона, простин – 1 300 дона, лавозимотҳои беҳдоштӣ – 260 маҷмӯъ, лавозимотҳои ошхона – 260 маҷмӯъ, белҳо – 520 адад ва зарфи обгирӣ – 520 адад кумакҳо расонида шуд.





Илова бар ин, ба аҳолии зарардида аз офатҳои табиӣ аз ҷониби Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон бо маблағи 150 евро ба ҳар як хоҷагӣ кумакҳои молиявӣ расонида шуд.

Бо иштироки Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаи офатзада ду маротиба ҷаласаҳои сайёри Комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба ҳолатҳои фавқулода баргузор гардид.





Шурӯъ аз 6-уми июни соли 2020 корҳои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ барои аҳолии зарардида аз офати табиӣ ташкил ва оғоз гардид. Дар муҳлати зиёда аз ду моҳ корҳои сохтмонӣ идома ёфта, аҳолӣ ва сохтмончиён бо хӯроки гарми ду карата таъмин гардида буданд.

Сохтмони 67 хонаҳои истиқоматӣ дар муҳлати 78 шабонарӯз идома ёфта, 24 августи соли 2020 ба анҷом расонида шуд.







Дар шаҳраки навбунёд нуқтаи тиббӣ, дорухона ва мағозаи хӯрокворӣ сохта шуданд. Корҳои мумфаршкунии роҳҳо бо масофаи 1,4 километр ва 18 чоҳҳо барои таъмини оби нушокӣ, 2 адад трансформатор насб карда шуда, 83 симчубҳо барои ноқилҳои баландшиддати барқӣ таъмир ва насб карда шуданд. 1 сентябри соли 2020, бо иштироки Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода маросими ифтитоҳи кушодашавии шаҳраки навбунёд баргузор гардид.





Бо пешниҳоди сокинони шаҳраки навбунёд, ба ӯ номи «30-солагии истиқлолияти Давлатӣ» дода шуд.





## Тадбирҳои пешгирикунанда бо мақсади паст кардани хавфи офатҳои табиӣ

Новобаста ба паҳншавиии сирояти бемории коронавирус дар кишвари мо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати гузаронидани корҳои пешгирикунанда дар минтақаҳои бештар осебпазире, ки дар назди дарёҳо, каналҳо ва сойҳо ҷойгиранд, чораҳои бетаъхир андешида шуда истодааст.

Дар асоси Фармоиши Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавкулода аз 12 майи соли 2020 сӯзишвории дизелӣ ва масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла сӯзишвории дизелӣ 71 000 литр, 345 тонна семент, 5 тонна арматура, 2 000 метр симтаноб ва 3 000 метри мураббаъ симтур ҷудо гардид. Бо техникаи махсуси Кумита мавод ва масолеҳи ҷудогардида ба 10 шаҳру ноҳияҳои осебпазири ҷумҳурӣ расонида шуданд.

Оғоз аз аввали моҳи июни соли 2020 аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ванҷ, Шуғнон ва Рӯшони ВМКБ, шаҳри Кӯлоб, ноҳияҳои Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Темурмалик, Кушониён ва Панҷи вилояти Хатлон, ноҳияҳои Лахш ва Сангвор бо ҷалби наклиётҳои муҳандисии мавҷудбуда ва бо усули ҳашар аз ҳисоби воситаҳои ҷудогардида аз захираҳои давлатӣ, корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ гузаронида шуда, иншоотҳои муҳофизатӣ баркарор ва каналҳову селроҳаҳо аз селовардҳо тоза карда шуданд.

Чунончӣ, дар ноҳияи Ванҷ бо истифода аз 5 000 литр сӯзишвории дизелӣ дар минтакаи фурудгоҳ корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бо гузоштани сангҳои калонҳаҷм тули соҳили дарё (940 м ва бо ҳаҷми 11 381 $м^3$) гузаронида шуда, дар минтақаи Бичхарви ҷамоати М. Абдулло ҳавзи селпарто (40 м бо ҳаҷми 1 120 $м^3$) сохта шуд. Ҳаҷми умумии корҳо 980 метр корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бо ҳаҷми 12 501 $м^3$-ро дар гирифт.

Дар шаҳри Кӯлоб 292 адад тахтасангҳои оҳану бетонӣ рехта шуд, ки аз онҳо 120 адад дар соҳили дарё дар минтақаҳои махсусан хатарноки шаҳр насб карда шуданд.

Дар ноҳияи Ҳамадонӣ барои гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар соҳили дарёи Панҷ 4 212 адад тахтасангҳои оҳану бетонӣ рехта шуданд.




**Тахтасангҳои оҳуну бетонии омодагардида дар ноҳияи М. С. А. Ҳамадонӣ**

Дар маҷмӯъ, бо мақсади омодагӣ ба офатҳои табиӣ дар давраи баҳор-тобистони соли 2021 бо истифода аз масолеҳи сохтмонии ҷудошуда захираи тахминан 7 000 тахтасангҳои оҳану бетонӣ ташкил карда шуданд.





**Рафти омодасозии тахтасангҳои оҳану бетонӣ дар ноҳияи Ҳамадонӣ**

Дар қисмҳои ҳарбии Кумита 200 адад тахтасангҳои оҳану бетонӣ ва 2 000 м$^2$ симтур омода карда шуданд.

Ҳамоҳангсозии тамоми фаъолият дар ин самт аз ҷониби Кумита ва Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад, инчунин назорат аз рӯи азхудкунии воситаҳои ҷудогардида ва корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ пайваста бурда мешавад.

Дар соли 2020 дар вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ҷаласаҳои Комиссияҳо оид ба ҳолатҳои фавқулода бо иштироки шахсони масъули Кумита баргузор гардиданд, ки масъалаҳои омодагии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба давраи зимистон ва баҳор дар ҳолати омодагии доимӣ қарор додани қувва ва воситаҳо, ташкили захираҳои моддӣ ва молиявӣ дар ҳолати офатҳои табиӣ, ташкили навбатдорӣ дар минтақаҳои махсусан хавфнок ва ҳудудҳо баррасӣ карда шуданд.

**Ҷаласаҳои Комиссияҳои вилоятӣ оид ба ҳолатҳои фавқулода дар соли 2020**





**Ҷаласаи Комиссия оид ба ҳолатҳои фавқулода дар ВМКБ**





**Ҷаласаи Комиссия оид ба ҳолатҳои фавқулода дар вилояти Хатлон**





**Ҷаласаи Комиссия оид ба ҳолатҳои фавқулода дар вилояти Суғд**

**Ҷаласаҳои комиссияҳо оид ба ҳолатҳои фавқулодаи шаҳру ноҳияҳо дар соли 2020**






Бояд қайд намуд, ки дар чорабиниҳо, ки барои пешгирӣ намудани ҳолатҳои фавқулода ва бартарафсозии оқибатҳои онҳо равона шудаанд, соҳибкорон ва шахсони воқеии алоҳида фаъолона иштирок намуданд. Чунончӣ, дар шаҳри Душанбе корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар минтақаҳои осебпазири соҳили дарёҳои Варзоб ва Кофарниҳон гузаронида шуданд. Дар шаҳри Ваҳдат бо дастгирии ҶДММ «Ёқут-2000» (1 км) корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар соҳили дарёи Кофарниҳон гузаронида шуданд.




**Гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар соҳилҳои дарёҳои Варзоб ва Кофарниҳон**

Дар шаҳри Турсунзода бо дастгирии соҳибкорон ва бо усули ҳашар, корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ (1750 м) ва барқарорсозии саддҳои муҳофизатӣ (420 м) дар дарёҳои Қаратоғ, Ширкент ва Қамбар гузаронида шуданд, корҳо ҷиҳати сохтмонӣ 5 адад саддҳои муҳофизатӣ дар дюкери Канали калони Ҳисор дар мавзеи Меҳрободи ҷамоати Қаратоғ гузаронида шуданд, инчунин аз ҷониби ҶСК «Ширкати Алюминийи Тоҷик» дар мавзеъҳои махсусан осебпазири соҳили дарёҳои Қаратоғ ва Ширкент сутунҳои бетонӣ бо ҳаҷми умумии 3 712 $м^3$, барои ташкили иншоотҳои муҳофизатӣ насб карда шуданд.






**Корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар селпартои «Девдара» аз маҳаллаи Нодираи шаҳри Душанбе то дарёи Варзоб**

Тадбирҳои фаврии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва шарикони мо оид ба амалисозии корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, тоза намудани каналҳо ва селроҳаҳо, шинонидани дарахтон барои мустаҳкамсозии доманакуҳҳо дар мавзеъҳои махсусан осебпазир, имкон доданд, ки оқибатҳои вазнини офатҳои табииро пешгирӣ, дар баъзе мавридҳо хатарнокӣ ва хисороти онҳоро ба паст карда шаванд.

Қайд кардан зарур аст, ки корҳои пешгирикунанда ва соҳилмустаҳкамкунӣ, инчунин дар доираи машқҳои ғайринақшавии тактикӣ ва махсус бо истифода аз техникаҳои муҳандисӣ ва воситаҳои аз ҳисоби аз захираи Раиси Кумита ҷудо карда мешаванд, гузаронида мешаванд.




**Бартарафсозии оқибатҳои фаромадани ярч дар шаҳри Роғун**

Қайд кардан зарур аст, ки корҳои пешгирикунанда ва соҳилмустаҳкамкунӣ, инчунин дар рафти машқҳои ғайринақшавии тактикӣ ва махсус бо истифода аз техникаҳои муҳандисӣ ва воситаҳои аз ҳисоби аз захираи Раиси Кумита ба шаҳри Роғун (500 л), ба ноҳияҳои Рӯдакӣ (500 л) ва Варзоб (300 л) ҷудо гардида, гузаронида шуданд.

Мисол, дар соли 2020 дар доираи Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода машқҳо дар шаҳри Роғун (3–5 март) оид бартарафсозии фаромадани ярч (300 м) ва барқарорсозии роҳи маҳаллӣ (9 км) бо иштироки 420 нафар аҳолӣ ва 100 адад техникаи боркашу муҳандисӣ гузаронида шуд. Дар ноҳияи Рӯдакӣ ҷамоати Сарикиштӣ (25–27 март) корҳои тозакунии канали Сарикиштӣ-1 (1 000 м) бо иштироки аҳолӣ ва 1 адад наклиёти муҳандисӣ гузаронида шуд ва дар ноҳияи Варзоб ҷамоати Чорбоғ (17 октябр) корҳои тозакунии селпартои Гулбоғ-1 (442 м) бо иштироки 64 нафар ва 1 техникаи муҳандисӣ корҳои тозакунӣ гузаронида шуд.

Дар ҷараёни машқҳо масъалаҳои гузаронидани чорабиниҳои эвакуатсионӣ, барқарорсозии роҳи таворавӣ, тоза намудани селпартовҳо, каналҳо аз селовардҳо ва партовҳои маишӣ, инчунин огоҳонидани аҳолӣ аз таҳдиди хатари офатҳои табиӣ баррасӣ карда шуданд.






**Тоза намудани канали Сарикиштӣ-1 дар рафти машқ дар ноҳияи Рудакӣ**





**Тоза намудани селпартои Гулбоғ-1 дар рафти машқ дар ноҳияи Варзоб**

Инчунин, бо истифода аз 5 000 литр сӯзишвории дизелӣ аз ҳисоби захираи Раиси Кумита ва бо ҷалби мошинҳои боркаш ва техникаҳои муҳандисии Кумита (1 булдозер, 1 экскаватор, 2 мошини боркаши Дулан) корҳои кофтани қаър дар масофаи (2 220 м) барои тағйир додани маҷрои дарё ва корҳои барқарорсозии садди муҳофизатии соҳили чапи дарёи Қаратоғ дар мавзеи Янгиободи ҷамоати деҳоти Ҷ. Раҳмонов, ба анҷом расонида шуд.

Дар ноҳияи Шаҳринав бо ҷалби наќлиёти муҳандисии Кумита (1 экскаватори тасмачарх) корҳои тозакунии канали Заркамар (1 км) дар мавзеи Ҳаёти нави ҷамоати ба номи А. Ҳасанов ва канали Қаратоғ (1,5 км) дар мавзеи Шӯроб Гулистони ҷамоати Сабо корҳо ба анҷом расонида шуд.




**Корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар шаҳри Турсунзода**

Дар тамоми шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон аз 10 то 12 марти соли 2020 чорабиниҳо оид ба пешгирӣ ва бартарафсозии рафъи ҳолатҳои фавқулода бо усули ҳашар гузаронида шуданд. Бо ин мақсад аз ҳисоби захираи Раиси Кумита 4 000 литр сӯзишвории дизелӣ ҷудо карда шуда, ба ноҳияҳои Кушониён – 1 125 литр, Ҷомӣ – 500 литр, Ҷайҳун – 750 литр, Хуросон – 500 литр, Данғара – 625 литр ва ноҳияи Фархор – 500 литр ҷудо карда шуд.




**Корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар вилояти Хатлон**

Барои ташкил ва гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, тозакунии каналҳо, селроҳаҳо, селпартовҳо ва сойҳо дар тамоми вилояти Хатлон 159 адад техникаи автомобилӣ ва муҳандисӣ ҷалб карда шуда, 14 640 нафар кормандони муассисаҳо, идораҳо, ҷамоатҳо ва аҳолӣ иштирок намуданд.

Дар доираи чорабиниҳои гузаронидашуда дар ҳудуди вилоят, дар маҷмӯъ 1 145 метр корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, тоза кардани селроҳа ва селпартовҳо (13 473 м), тоза намудани каналҳои обёрикунанда (49 145 м), хобонидани симтӯр (1 180 м$^2$), кашонидани санг (127 гардиш), шинондани дарахтҳо барои мустаҳкам кардани нишебӣ (7 485 ниҳол), фаршкунии роҳҳо (9 500 м), инчунин омода ва насб намудани тахтасангҳои оҳану бетонӣ (261 дона) гузаронида шуданд.

Дар вилояти Суғд аз ҷониби Раёсати Кумита дар вилояти Суғд ва аз ҳисоби захираҳои раиси вилоят сӯзишвории дизелии ҷудогардида дар соли 2020 корҳои пешгирикунанда ва соҳилмустаҳкамкунӣ дар минтақаҳои махсусан осебпазир дар шаҳрҳои Панҷакент ва Исфара гузаронида шуд.





**Тозакунии селпарто дар ноҳияи Исфара**

Дар шаҳри Исфара бо истифода аз 7 000 литр сӯзишвории дизелӣ барои идомаи сохтмони иловагии саддҳои муҳофизатӣ дар мавзеи Сомониён бо масофаи (1,5 км) ва тоза кардани селпартови Шуроб–Баланд бо масофаи (250 м) оғоз гардида, корҳои заминӣ идома доранд.

Аз ҷумла, дар шаҳри Панҷакент бо истифода аз 5 000 литр сӯзишвории дизелӣ дар мавзеи Кашкаи ҷамоати Суҷина дар соҳили чапи дарёи Зарафшон бо масофаи (260 м) корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ гузаронида шуд. Инчунин, бо истифода аз 10 000 литр сӯзишвории дизелӣ корҳои заминӣ ва барқарорсозии садҳои муҳофизатӣ дар мавзеи Вени ҷамоати Вору (700 $м^3$), дар шоҳроҳи Айнӣ–Панҷакент (200 м), ҷамоати Моғиён (1 100 $м^3$), дар канали Зарафшони ҷамоати Саразм (3 400 $м^3$), мавзеи Ғарибаки ҷамоати Хумрӣ (1 960 $м^3$), гузаронидани корҳои заминӣ оид ба тозакунӣ ва барқарорсозии канали обёрикунандаи Шингак (4 200 $м^3$), Халифа Ҳасан (550 $м^3$), гузаронидани корҳои заминӣ вобаста ба барқарорсозии сарбандҳои Эшон ва Тухсан – Корези канали Халифа Ҳасан (4 030 $м^3$) ва канали Марғедар (4 050 $м^3$) корҳои заминканӣ барои тоза кардани сои Мармар (1 100 $м^3$) дар ҷамоати Чинор гузаронида шуданд.





**Тозакунии селпарто дар шаҳри Панҷакент**

Лоиҳаҳои митагатсионнӣ, ки ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ равона шудаанд, дар соли 2020 аз ҷониби шарикони доимии гурӯҳи РЕАКТ амалӣ карда шуданд. Дар доираи лоиҳаҳо корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, тоза намудани каналҳо ва селроҳаҳо, инчунин мустаҳкамсозии доманаҳо бо усули шинонидани дарахтон ва террасакунонии доманаҳо барои муҳофизат аз сангрезаҳо ва фаромадани тармаҳо гузаронида шуданд.

Аз ҷумла, бо дастгирии Барномаи Рушди СММ корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар ВМКБ дар мавзеи Шарикхонаи ҷамоати Навободи ноҳияи Шуғнон (1,2 км), дар мавзеи Бағу (600 м) ва тоза кардани селроҳаи Шуҷанди (625 м) ҷамоати Рӯшони ноҳияи Рӯшон, тоза кардани рудхонаи Ардобаки ҷамоати Ҷовидон (1 600 м), дарёчаи Удоби ҷамоати Техарв (1 550 м) ва дарёчаи Дуршери ҷамоати Praванди (1 550 м) ноҳияи Ванҷ гузаронида шуд. Инчунин мустаҳкамкунии доманаҳокуҳҳо дар ноҳияи Муъминободи вилояти Хатлон, дар шаҳри Панҷакент ва ноҳияи Айнии вилояти Суғд, дар ноҳияҳои Рашт, Тоҷикобод ва Файзобод дар 300 га бо шинонидани зиёда аз аз 100 ҳазор ниҳолҳо гузаронида шуд.

Бо дастгирии Агентии Оғохон оид ба макони зист дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ амалӣ карда шуданд, аз ҷумла дар мавзеи Шарифободи ҷамоати деҳоти Исмоили Сомонии шаҳри Хоруғ (300 м), мавзеи Эмси ҷамоати Рӯшони (500 м) ноҳияи Рӯшони ВМКБ, тоза кардани селроҳаи Зугванд дар ҷамоати Зонг (1 км) ноҳияи Ишкошим ва террасикунонии доманакуҳҳо дар мавзеи Эленакен дар ҷамоати Поршинев (1,2 км) дар ноҳияи Шуғнон, корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар селроҳаи Шураки Нушор (90 м) ноҳияи Тоҷикобод, тоза ва васеъ кардани маҷрои селроҳаи Руирез (465 м), Ҷангалак (520 м) ва сохтмони садди муҳофизатии Шаршара дар ноҳияи Сангвор, бунёди нуқтаҳои эвакуатсионӣ дар ноҳияҳои Сангвор, Файзобод ва шаҳри Роғун.





**Таъмир ва тозакунии каналҳо дар ноҳияи Лахш**

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон корҳои тозакунии каналҳои обёрикунанда ва селроҳаҳоро дар ноҳияҳои Ҷайҳун, Вахш, Балхӣ, Қубодиён, Панҷи вилояти Хатлон анҷом дод.

Дар ҳамкорӣ бо иштироки намояндагон ва бо ҷалби 9 адад нақлиёти муҳандисии Ҷумҳурии Ӯзбекистон корҳои тоза кардани Канали калони Ҳисор дар ҳудуди шаҳри Ҳисор (зиёда аз 25 км) анҷом дода шуданд.

Муассисаи давлатии Маркази «Идоракунии захираҳои оби водии Фарғона» дар доираи лоиҳаи «Барқарорсозии системаҳои обёрӣ ва такмили идоракунии онҳо дар ҳавзаи дарёи Зарафшон» корҳои барқарорсозии садди муҳофизатии Гусар (1 048 м)-и ҷамоати Л. Шералӣ амалӣ намуда, корҳои барқарорсозии саддҳои муҳофизатии Саразм (900 м) ва Шингак (750 м) дар шаҳри Панҷакентро оғоз намуд.

Таҳлили ҳолатҳои фавқулодаи дар соли 2020 ба вуқуъ омада имкон медиҳад, ки ба тадбирҳои аввалиндараҷае, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намуд ва аз ҷониби Кумита, Агентии беҳдошти замин ва захираҳои об ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо дастгирии созмонҳои байналмилалӣ ва бахшҳои хусусӣ дар ҷойҳои махсусан хавфноки табиӣ дар соҳилҳои дарёҳо, сойҳо ва каналҳо барои барқарорсозии иншооти муҳофизатӣ ва корҳои соҳилмутсаҳкамкунӣ оқибатҳои хавфноки офатҳои табииро пешгирӣ намуда, дар баъзе ҳолатҳо зарари онҳоро ба иқтисодиёт ва аҳолӣ коҳиш дода шуданд.

**Гузаронидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, вобаста ба лоиҳаи митигатсионӣ**





**Корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар шаҳри Хоруғи ВМКБ**





**Корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар ноҳияи Дарвози ВМКБ**





**Корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон**





**Корҳои тозакунии Канали калони Ҳисор аз ҳудуди шаҳри Душанбе то шаҳри Турсунзода**

## Фаъолияти сохторҳои минтақавии КҲФ оид ба масъалаҳои ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода дар соли 2020

Фаъолияти соҳаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждаиро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз тарафи раёсатҳо, шуъба ва бахшҳои Кумита дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо амалкунанда амалӣ карда мешаванд.

Сохторҳои таркибии Кумита дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо барои татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ оид ба омодагӣ ва ҳифзи аҳолӣ, иншооти иқтисодӣ ва ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода ва дигар чорабиниҳоро, ки ба ҳифзи аҳолӣ, иқтисодиёт ва ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенидошта масъул буда, барои омодагии доимӣ ва фаъолияти бонизоми қувва ва воситаҳои мудофиаи граждани ва зернизоими ҳудудии Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода мақоми ҳамоҳангсоз мебошанд.

Дар баробари ин сохторҳои Кумита дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ тибқи санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқии соҳа, Нақшаҳои чорабиниҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои мудофиаи гражданӣ, эътино, пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаҳои чорабиниҳои асосии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, ки аз тарафи сардорони мудофиаи гражданӣ, раисони комиссияҳои ҳолатҳои фавқулода – раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар тасдиқ мегарданд, фаъолият менамоянд.

Дар соли 2020 раёсатҳо, шуъба ва бахшҳои Кумита дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати амали намудани уҳдадориҳои ба зиммаашон гузошташуда чорабиниҳои зиёдеро ба сомон расониданд.

## Фаъолияти Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар давоми соли 2020 барои омодасозии аҳолӣ, қувва ва воситаҳои мудофиаи гражданӣ ва зернизоми ҳудудии Низоми ягонаи вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо 63 машқу тамринҳо ташкил ва гузаронид, ки дар маҷмӯъ, дар чорабиниҳо 4 331 нафар шаҳрвандон иштирок намуданд.



Дар машқҳои мазкур комиссияҳои мудофиаи гражданӣ ва ҳолатҳои фавқулода, ҳайати роҳбарикунанда ва хадамотҳои мудофиаи гражданӣ, аъзоёни зернизоми минтақавӣ ва ҳудудии Низоми ягонаи вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо, инчунин нерӯҳои ғайриҳарбӣ, гурӯҳҳои ихтиёрӣ, муассисаҳои таълимӣ ва аҳолӣ ҷалб карда шуданд. Мақсад аз гузаронидани машқҳои мазкур баланд бардоштани малакаи идоравии ҳайати роҳбарикунанда, фармондеҳон ва сардорон, инчунин ба аҳолӣ ҷиҳати дуруст амал намудан ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода омӯзонида шуд.

**Чорабиниҳо оид ба мудофиаи граждани**

Мақсад аз гузаронидани машқҳои мазкур, ин баланд бардоштани малакаи идоравии ҳайати роҳбарикунанда, фармондеҳон ва сардорон, инчунин амали дурусти аҳолӣ ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавкулода омӯзонида шуд.





Машқу тамринҳоҳои гузаронидашуда бо дарназардошти хусусиятҳои хоси маҳалҳо ва махсус дар минтақаҳои дорои хавфи офатҳои табиӣ гузаронида шуда, дар рафти машқҳо корҳои соҳилмустаҳакамкунӣ, зинакунонӣ барои пешгирӣ аз сангрезиш ва дигар корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ гузаронида шуданд.

Соли 2020 аз тарафи Раёсати Кумита дар ВМКБ дар доираи ҳамкориҳо бо созмонҳои ватанӣ ва байналмилалӣ як қатор чорабиниҳо оид ба пешгирии эҳтимолии селҳо ва сангрезиш дар минтақаҳои осебпазири шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят гузаронида шуданд.

Дар чорабиниҳои мазкур иштирок намуданд: КВД «Бадахшонроҳсоз», ҶДММ «Садбарг», ҶДММ «Аҷадиён» ва «Гулистон», Барномаи рушди СММ дар Тоҷикистон, Агентии Оғохон оид макони зист дар ВМКБ ва аҳолии маҳаллии ноҳияҳо, ки бо усули кори дастаҷамъона ва ҳашарҳо зиёда аз 5 018 метр ё дар ҳаҷми 59 004 $м^3$ корҳои мустаҳакамкунӣ аз сангрезишро дар минтақаҳои осебпазир, инчунин 3 431 метр ё дар ҳаҷми 11 000 $м^3$ корҳои дигари фоиданокро анҷом доданд.





Дар Маркази таълимӣ-методии Раёсати Кумитаи ҲФ ва МГ дар ВМКБ дар соли 2020 656 нафар ҳайати роҳбарикунандаи мудофиаи гражданӣ, сардорон ва фармондеҳони хадамотҳо ва нерӯҳои ғайриҳарбии мудофиаи гражданӣ, аъзоёни зернизоми минтақавӣ ва ҳудудии Низоми ягонаи вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо, ба таълим фаро гирифта шуданд.





Аз тарафи Маркази таълимӣ-методии Раёсати Кумита дар ВМКБ дар якҷоягӣ бо воситаҳои ахбори омма машғулиятҳои омӯзишӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба пешгирӣ аз хурӯҷи беморӣ сироятии COVID-19 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ машғулиятҳои таълимӣ гузаронида шуда, тавасути телевизиони Бадахшон пахш карда шуд.

Дар асоси дастуру супоришҳои Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ барои пешгирии интиқол ва пайдоиши бемории сирояти COVID-19 таҳти роҳбарии Раиси Комиссияи ҳолатҳои фавқулода – раиси ВМКБ Ситоди доимоамалкунандаи вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ташкил гардида ба фаъолият шурӯъ намуд.





Соли 2020 бо мақсади пешгирии бемории сирояти COVID-19 аз ҳисоби кормандони Раёсати Кумита дар ВМКБ дар хайати 31 нафар ташкил карда шуда, корхои фаҳмондадиҳӣ ва безаргардонии муҳит гузаронида шуданд.

Гурӯҳи мазкур бо аҳолӣ корҳои фахмондадиҳиро гузаронида, ҳамзамон чорабиниҳои тамизкорию безараргардониро дар ҳудуд ва атрофи биною иншоотҳои ташкилоту муассисаҳо, кӯчаю маҳаллаҳо ва муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилоят бо истифода аз маҳлулҳои гипохлориди натрий дар ҳаҷми 4 100 литр ва 5 790 кг хокаи хлор ба анҷом расониданд.





Соли 2020 Дастаи зудамали Раёсати Кумита дар ВМКБ, дар гузаронидани 194 амалиётҳои наҷотдиҳии вобаста ба ҳолатои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенӣ иштирок намуд.



Дар соли 2020 таҳти роҳбарии сардори Раёсати Кумита оид ба ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании ВМКБ 2 ҷаласаи гурӯҳи РЕАКТ гузаронида шуд. Дар ҷаласаҳо масъалаҳо оид ба фаъолияти Гурӯҳи РЕАКТ дар вақти бемории сироятии COVID-19 баррасӣ карда шуданд.

## Фаъолияти Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании дар вилояти Суғд

Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ дар вилояти Суғд, дар соли 2020 барои омодасозии ҳайати роҳбарикунандаи мудофиаи гражданӣ, бо комиссияҳои мудофиаи гражданӣ ва ҳолатҳои фавқулода, хадамотҳои мудофиаи гражданӣ, аъзоёни зернизомҳои ҳудудии Низоми ягонаи шаҳру ноҳияҳои вилоят, 18 тамринҳо ва машқҳои фармондеҳӣ-ситодиро бо иштироки 851 нафар ҳайати роҳбарикунанда баргузор намуданд.





Дар машқҳо масъалаҳои баланд бардоштани малакаи идоравии ҳайати роҳбарикунанда, фармондеҳон ва сардорон, барои амали дуруст дар ҳолатҳои фавқулодаи эҳтимолӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуданд.

Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании вилояти Суғд, дар соли хониши 2020 тайёрӣ ва омӯзиши ҳайати роҳбарикунанда, фармондеҳӣ-сардории мудофиаи гражданӣ, аъзоёни зернизоми ҳудудии Низоми ягона оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода ва тахассусҳои гуногуни аҳолиро дар ҳайати 1 552 нафар шунаванда ба омӯзиш ҷалб намуд.



Бо мақсади пешгирӣ ва паҳншавии беморӣ сироятии COVID-19 дар Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании вилояти Суғд Комиссия оид ба пешгири ва паҳншавии беморӣ сироятии COVID-19 ва гурӯҳи безараргардонӣ иборат аз 25 нафар таъсис дода шуд. Бо дастгирии Кумита ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлати вилояти Суғд бо таҷҳизоту лавозимоти зарурӣ ва воситаҳои ҳифзи инфиродӣ таъмин карда шуданд.





Гурӯҳи безараргардонии Раёсат дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят корҳои фаҳмондадиҳӣ ба аҳолӣ ва муассисаҳои таълимӣ гузаронида, чорабиниҳои безараргардониро дар манзилҳои истиқоматии шаҳрвандон, иншоотҳои иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ бо истифодаи маҳлули безараргардонии гипохлориди натрий дар масоҳати умумии 1 миллиону 81 ҳазору 953 метри мураббаъ безарар гардониданд.

Барои пешгирии паҳншави бемори сирояти COVID-19 амволи шайъӣ ва рахти хоби ҳайати шахсии қисмҳои ҳарбии гарнизони Суғд бо истифода аз автомашинаи махсус безарар гардонида шуданд.



Соли 2020 барои иҷрои корҳои пешгирикунанда аз ҳолатҳои фавқулода дар мавзеъҳои эҳтимолии рух додани селу обхезиҳо ва сойҳои селгузар дар шаҳру ноҳияҳои вилоят корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва созмони байналмилалии АКТЕД гузаронида шуд.





Моҳи апрели соли 2020 дар доираи ҳамкориҳо бо ташкилотҳои байналмилалӣ ҷаласаи навбатии Гурӯҳи РЕАКТ барои баррасии масъалаҳо вобаста ба пешгирии паҳншавии бемории сироятии COVID-19 гузаронида шуд.





Соли 2020 аз ҷониби Агентии Оғохон оид ба макони зист дар доираи кӯмакҳои башардӯстона ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мубориза бо бемории сироятии коронавирус COVID-19 кӯмакҳои зерин: хлор – 1 000 кг; ниқобҳои муҳофизатӣ (яккарата) – 1 000 адад; либоси муҳофизатӣ (ОЭЗ) – 500 маҷмӯъ; сӯзишвории дизелӣ – 5 000 литр; дастпушакҳои тибби Nosterilia – 1 000 ҷуфт; ниқобҳои респиратории FFP2 (бисёркарата) – 500 адад; антисептикҳо (моеъи антисептикӣ) – 1 000 адад; болопӯш – 320 адад; матрас – 320 адад ва дег – 5 адад расонида шуданд.

Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (ТУТ) ба Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании вилояти Суғд 10 адад генераторҳои ҳаводиҳӣ барои кӯмаки фаврӣ барои муолиҷаи беморони аз COVID-19 сироятёфта пешниҳод намуд.

**Фаъолияти Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании дар вилояти Хатлон**

Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ дар вилояти Хатлон дар давоми соли 2020 барои омодасозии аҳолӣ, қувва ва воситаҳои мудофиаи гражданӣ ва зернизоми ҳудудии Низоми ягонаи вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо **115** машқу тамринҳо ташкил ва гузаронид, ки аз он дар маҷмӯъ, дар чорабиниҳо **2 559** нафар ҳайати роҳбарикунандаи мудофиаи гражданӣ иштирок намуданд.





Дар машқҳои мазкур комиссияҳои мудофиаи гражданӣ ва ҳолатҳои фавқулода, ҳайати роҳбарикунанда ва хадамотҳои мудофиаи гражданӣ, аъзоёни зернизоми минтақавӣ ва ҳудудии Низоми ягонаи вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо, инчунин командирони нерӯҳои ғайриҳарбӣ ва роҳбарони гурӯҳҳои ихтиёрӣ, ҷалб карда шуданд.

Мақсад аз гузаронидани машқҳои мазкур баланд бардоштани малакаи дониши ҳайати роҳбарикунанда, фармондеҳон ва сардорон ҷиҳати идоракунии қувва ва воситаҳои мудофиаи гражданӣ ва зернизоми ҳудудии Низоми ягонаи вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо, ҳангоми ба амал омадани ҳолатҳои фавқулода омӯзонида шуданд.





Машқу тамринҳои гузаронидашуда, махсус дар минтақаҳои дорои хавфи офатҳои табиӣ гузаронида шуда, дар рафти машқҳо корҳои соҳилмустаҳакамкунӣ дар селроҳаҳо ва мавзеъҳои осебпазири дарёҳо, тоза кардани ҷӯйборҳои маҳаллаҳо, заҳбуру заҳкашҳо, бо ҷалби қувва ва воситаҳои нерӯҳои ғайриҳарбӣ, зернизомҳои ҳудудии Низоми ягона оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода, аҳолии ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳру ноҳияҳои вилоят корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ гузаронида шуданд.




Дар чорабиниҳои мазкур 3 977 нафар кормандони ташкилоту муассисаҳо, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, 10 663 нафар аҳолӣ ва 159 адад нақлиётҳои гуногунтамға ҷалб гардида, 49 145 метр тоза кардани заҳбуру заҳкашҳо, 1 180 $м^2$ корҳои симтурхобонӣ, кашонидани 127 автомошина санг, шинонидани 7 485 адад дарахт, сангфарш кардани 9 500 метр роҳҳо, хобонидан ва рехтани тахтасангҳои оҳану бетонӣ 261 адад, соҳилмустаҳкамкунӣ 1 145 метр ва тоза намудани селроҳа 13 473 метр корҳо иҷро карда шуд.

Ҷиҳати иҷрои фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешгирии хатарҳои офатҳои табиӣ ва мустаҳкам кардани соҳилҳои дарёҳои ҳудуди вилоят ва вусъат бахшидани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ соли 2020, 2 360 $м^2$ ва 138 метр корҳои зеризаминӣ ба анҷом расонида шуда, дар умум дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 6 884 адад тахтасангҳои оҳану бетонӣ рехта шудаанд.

Соли 2020 дар марказҳои таълимию методии вилоят ва минтақаи Кӯлоб 1 608 нафар шунавандагони ҳайати роҳбарикунанда, фармондеҳӣ-сардорӣ ва дигар тахасусҳои аҳолӣ ба омӯзиш фаро гирифта шуданд.




Дар соли 2020 вобаста ба хуруҷ намудани сироятшавии шаҳрвандон Раёсати Кумита дар якҷоягӣ бо Ситоди вилоятӣ оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддимэпидемикӣ барои пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави короновирус (COVID-19) дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят гурӯҳҳои зудамали безараргардонӣ дар ҳайати 60 нафар аз ҳисоби афсарону прапоршикони раёсат ва шуъбаи Кумита дар минтақаи Кӯлоб таъсис дода шуд.




Гурӯҳҳои зудамали безараргардонӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят корҳои фаҳмондадиҳиро бо аҳолии ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, муассисаҳои таълимӣ ва ташкилоту муассисаҳо ба роҳ монда, ҷиҳати пешгирӣ аз бемориҳои сироятӣ, хусусан коронавируси навъи COVID-19, оид ба тарзу усулҳои истифодабарии дурусти воситаҳои ҳифзи инфиродӣ, тартиби безараргардонии молу амвол, бинову иншоот, манзилҳои истиқоматӣ, риояи фосилаи иҷтимоӣ дар ҷойҳои ҷамъшавии оммавӣ ва қоидаи истифодабарии маводҳои безараркунанда машғулиятҳои омӯзиширо баргузор намуданд.

Ҳамчунин гурӯҳи мазкур дар давоми соли 2020 бо истифода аз моддаҳои гипохлориди натрий ва хлор дар масоҳати умумии **87 765 м$^2$** корҳои безараргардониро дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба анҷом расониданд.

Дар давоми соли соли 2020 наҷотдиҳандагони Дастаи зудамали наҷотдиҳии Раёсати Кумита дар вилояти Хатлон 58 баромади фаврӣ-наҷотдиҳиро ба минтақаҳои ҳолатҳои фавқулода анҷом доданд.





## Фаъолияти Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании дар шаҳи Душанбе

Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ дар шаҳри Душанбе дар соли 2020 барои омодасозии аҳолӣ, қувва ва воситаҳои мудофиаи гражданӣ ва зернизоми ҳудудии Низоми ягонаи шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 55 машқу тамринҳо бо иштироки 1 793 нафар шаҳрвандон ва гузаронидаанд.

Дар машқҳои мазкур комиссияҳои мудофиаи гражданӣ ва ҳолатҳои фавқулода, ҳайати роҳбарикунанда ва хадамотҳои мудофиаи гражданӣ, аъзоёни зернизоми ҳудудии Низоми ягонаи шаҳру ноҳияҳо, инчунин гурӯҳҳои нерӯҳои ғайриҳарбӣ, гурӯҳҳои ихтиёрӣ, муассисаҳои таълимӣ ва аҳолӣ ҷалб карда шуданд.



Мақсад аз гузаронидани машқҳои болозикр, ин баланд бардоштани малакаи дониши ҳайати роҳбарикунанда, фармондеҳон ва сардорон, инчунин амали дурусти аҳолӣ ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода ба шумор мерафт.

Машқу тамринҳо дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе бо дарназардошти махсусиятҳои ҳудудҳое, ки дорои хавфи баланди рух додани офатҳоро доро буданд, гузаронида шуданд. Дар рафти машқҳо корҳои соҳилмустаҳакамкунӣ ва дигар чорабиниҳои фоиданок, ки ба пешгирии офатҳои табиӣ мусоидат менамоянд, иҷро карда шуданд.






Маркази таълимӣ-методии Раёсати Кумита дар шаҳри Душанбе дар доираи барномаҳои тасдиқгардида як қатор чорабиниҳоро оид ба баланд бардоштани савияи дониши ҳайати роҳбарикунандаи мудофиаи гражданӣ бо ҳайатҳои зернизомҳои ҳудудии Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода, раисони комиссияҳои ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании ноҳияҳои шаҳри Душанбе гузаронидаанд.





Бо мақсади гузаронидани чорабиниҳои пешгирикунанда ва безараргардонӣ баҳри ҳифзи аҳолии шаҳр аз сирояти бемории «COVID-19» дар Раёсати Кумита дар шаҳри Душанбе дар ҳайати 20 нафар гурӯҳи фаврии зиддиэпидемиологӣ таъсис дода шуд.

Оғоз аз санаи 27 апрел то 8 июни соли 2020, гурӯҳи фаврӣ ҳамарӯза дар ҳудуди ноҳияҳои шаҳри Душанбе корҳои фаҳмондадиҳиро бо аҳолӣ гузаронида, чорабиниҳои безарааргардонии ҳудудҳо, атрофи бино ва иншоотҳои вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, кӯча ва хиёбонҳо, инчунин мактабу маҳаллаҳоро анҷом доданд.





Барои бехатаргардонии кӯча ва хиёбонҳои шаҳри Душанбе 3 адад автомашинаи махсусгардонидашуда, 13 адад дастгоҳҳои муҳаррикдору дастии пошдиҳанда ва истифодаи 159095 литр омехтаи моеъи гипохлориди натрий безарар гардонида шуданд.

Дар соли 2020 аз тарафи Дастаи зудамали наҷотдиҳии Раёсати Кумита дар шаҳри Душанбе барои расонидани кӯмак ба зарадидагон 380 баромади фаврӣ-наҷотдиҳӣ анҷом дода шуда, 78 нафар шаҳрванд наҷот дода шуданд.



**Фаъолияти шуъба ва бахшҳои Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ**

Шуъба ва бахшҳои Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждани дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар соли 2020 барои омодасозии аҳолӣ, қувва ва воситаҳои мудофиаи граждани ва зернизоми ҳудудии Низоми ягонаи шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо иштироки 32 477 нафар шаҳрвандон 340 машқу тамринҳои соҳавиро ташкил ва гузаронидаанд.

Дар машқҳои мазкур комиссияҳои мудофиаи граждани ва ҳолатҳои фавқулода, ҳайати роҳбарикунанда ва хадамотҳои мудофиаи граждани, аъзоёни зернизоми ҳудудии Низоми ягонаи шаҳру ноҳияҳо, инчунин гурӯҳҳои нерӯҳои ғайриҳарбӣ, гурӯҳҳои ихтиёрӣ, муассисаҳои таълимӣ ва аҳолӣ ҷалб карда шуданд.



Мақсад аз гузаронидани машқҳои болозикр, ин баланд бардоштани малакаи дониши ҳайати роҳбарикунанда, фармондеҳон ва сардорон, инчунин амали дурусти аҳолӣ ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода ба шумор мерафт.

Соли 2020 шуъба ва бахшҳои Кумита дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар якҷоягӣ бо мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, ташкилотҳои ватанӣ, байналмилалӣ ва шарикони рушд ҳамкориҳои судмандро ба роҳ монда, бо ҷалби аҳолии маҳаллӣ, тариқи дастҷамъона ва ҳашарҳо, корҳои зиёди пешгирикунанда ва фоиданоки ҷамъиятиро бахри пешгирӣ аз ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиидошта ба анҷом расониданд.

Дар рафти гузаронидани машқҳо бо истифода аз қувва ва воситаҳои зернизомҳои ҳудудии Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода ҳамчунин, корҳои соҳилмустаҳакамкунӣ ва дигар чорабиниҳои пешгирикунандаи ҳолатҳои фавқулода ба анҷом расонида шуданд.






Соли 2020 дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ зиёда аз 833 нафар ҳайати роҳбарикунандаи мудофиаи гражданӣ, фармондеҳӣ – сардорӣ ва нерӯҳои ғайриҳарбии мудофиаи гражданӣ, аъзоён ва ҳайати шахсии зернизомҳои худудии Низоми ягонаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода дар Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методӣ, курсҳои минтақавӣ, шуъба ва бахшҳои шаҳрию ноҳиявӣ ва 198 ҳазор нафар кормандону хизматчиёни иншоотҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, муассисаҳои таълимӣ ва дигар тахассусҳои гуногуни аҳолӣ ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ба омӯзиш фаро гирифта шуданд.

Бо эълон гардидани пандемияи ҷаҳонӣ оид ба бемории сироятии коронавируси навъи COVID-19 дар соли 2020 ва хуруҷи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи дастури Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддимэпидемикӣ барои пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти навъи коронавирус COVID-19 дар ҳама шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ комиссияҳои ҳудудӣ ва гурӯҳҳои безараргардонӣ оид ба пешгирии паҳншавии бемориҳои сироятӣ ташкил карда шуданд.

Ҳайати шахсии шуъба ва бахшҳои Кумита дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз давраи пайдоиш ва хуруҷи бемории мазкур ба гурӯҳҳои кории мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо шомил карда шуда, ба ҳайси ҳамоҳангсози фаъолияти хадамотҳои мудофиаи гражданӣ ва зернизоми ҳудудии Низоми ягона оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода, хусусан, дар амалисозии нақша-чорабиниҳо оид ба пешгирии бемории сирояти короновируси навъи COVID-19 корҳои муайянеро ба анҷом расониданд.





Гурӯҳҳои безараргардонии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои пешгирии бемории сироятии коронавируси навъи COVID-19 дар ташкилоту муассисаҳо, бозор ва ҷойҳои ҷамъшавии оммавии аҳолӣ, муассисаҳои таълимӣ ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳру ноҳияҳо оид ба роҳҳои пешгирӣ аз бемориҳои сироятӣ, хусусан бемории сироятии нави коронавирус COVID-19 корҳои фаҳмондадиҳиро гузаронида, хонаҳои истиқоматӣ, кӯчаю хиёбонҳои шаҳр, ноҳия ва маҳалҳоро бо моддаҳои гипохлориди натрий ва хлор безараргар гардониданд.

Дар соли 2020 аз тарафи наҷотдиҳандагони Дастаи зудамали наҷотдиҳии Кумита дар минтақаи Рашт 24 баромади фаврӣ-наҷотдиҳӣ гузаронида шуда, дар рафти корҳои наҷотдиҳӣ 4 нафар шаҳрванд наҷот дода шуданд.





## Чорабиниҳои пешгирикунанда ва зиддисадамавӣ дар фаъолияти Хадамоти ҲНКҶ дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Норак

Яке аз самти фаъолияти Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таъмини корҳои наҷотдиҳӣ-кӯҳӣ дар иншоотҳои зеризаминӣ мебошад.

Дар ҳайати ташкилотҳои системаи Кумита – Хадамоти ҳарбикунонидашудаи наҷотдиҳӣ-кӯҳии ҷумҳуриявӣ (ҲНКҶ) дар шаҳри Хуҷанд, ки дар шимоли ҷумҳурӣ барои хизматрасонии наҷотдиҳӣ-кӯҳӣ дар конҳо ва маъданҳои саноати кӯҳкорӣ фаъолият намуда, бехатарии коргарони кӯҳкориро дар иншоотҳои зеризаминӣ ва Хадамоти ҲНКҶ дар шаҳри Норак бехатарӣ ҳангоми сохтмон ва истифодабарии нақбҳои иншоотҳои зеризаминии гидротехникию гидроэнергетикӣ ва нақлиётиро таъмин менамояд, дохил мешаванд.




**Харитаи ҷойгиршавии Хадамотҳои ҳарбикунонидашудаи наҷотдиҳӣ-кӯҳии ҷумҳуриявӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Норак**

Ба корҳои наҷотдиҳӣ-кӯҳӣ амалҳои наҷот додани одамон, сарватҳои моддӣ ва фарҳангӣ, ҳифзи муҳити зист дар минтақаҳои ҳолатҳои фавқулода, паст намудани садамаҳо, оқибатҳои таъсиррасонӣ аз моддаҳои тарканда ва ё газҳои табиӣ, сӯхтор, газнокӣ, резиши кӯҳпораҳо ва сангрезаҳо, зериобмонӣ ва дигар намудҳои ҳодисаҳо дар иншоотҳои зеризаминӣ дохил мешаванд.

Иншоотҳои зеризаминӣ аз ҷиҳати хатарнокӣ дар навбати худ ба 2 навъ ҷудо мешаванд: хатарнок аз газу таркиш ва хатарнок аз чангу газ.

Иншоотҳои аз газ ва таркиш хатарнок вобаста ба он ки дар натиҷаи коркарди канданиҳои фоиданок газҳои хатарнок ҷудо мешаванд ва эҳтимоли зиёди ба амал омадани сӯхтор ва таркиш вуҷуд доранд, дорои дараҷаи баландтарини хатарнокӣ мебошанд.

Дар иншоотҳои хатарнок аз газу чанг чунин хатар вуҷуд надорад ва аз рӯи хатарнокӣ онҳо дуввуминдараҷа ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади бехатарӣ ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ, ки корҳои кӯҳии зеризаминиро мегузаронанд, бояд ҳатман аз тарафи хадамоти наҷотдиҳандагони касбӣ хизматрасонӣ карда шаванд.

Ба ҳайати Хадамоти ҲНКҶ дар шаҳри Хуҷанд 7 взводи алоҳидаи наҷотдиҳӣ-кӯҳӣ ва ду нуқтаи наҷотдиҳӣ-кӯҳӣ дохил мешаванд. Взводҳо ва нуқтаҳои наҷотдиҳӣ-кӯҳӣ корҳои зеринро ба анҷом мерасонанд, аз ҷумла наҷот додани кормандон дар конҳо ҳангоми ба амал омадани садамаҳо, хомӯш намудани сӯхтор дар иншоотҳои зеризаминӣ, хомуш намудани сӯхторҳои рӯизаминие, ки ба иншоотҳои зеризаминӣ ё ба ҳаёти одамон дар ҷойҳои хатарнок таҳдид менамояд.

Дар соли 2020 шумораи умумии наҷотдиҳандагон 133 нафарро ташкил дод. Взводҳо ва нуқтаҳои наҷотдиҳӣ-кӯҳӣ дар шаҳрҳои Панҷакент, Исфара, Гулистон, ноҳияҳои Айнӣ ва Мастчоҳ ҷойгир мебошанд.

Хадамоти ҲНКҶ дар шаҳри Хуҷанд ба тариқи шартномавӣ хизматрасониро дар комбинати Шуроб, Консой, Анзоб, Тарор, Зарнисор, Фоняғноб, Ғабируд, Панҷчоч, Моғиён ва Такоб амалӣ менамояд.





Дар соли 2020 аз тарафи взводҳои алоҳида ва нуқтаҳои наҷотдиҳии кӯҳии Хадамоти ҲНКҶ дар шаҳри Хуҷанд мувофиқи нақшаи амалиёт 1 780 санҷишҳои профилактикӣ гузаронид. Дар натиҷаи санҷиш ба роҳбарияти корхонаҳои зеризаминии кӯҳкорӣ 1 500 пешниҳодҳо оид ба ислоҳи камбудиҳо ва бартарафсозии вайронкуниҳои талаботи техникаи бехатарӣ дар конҳо пешкаш карда шуд.





Тибқи тавсияҳои пешниҳодшуда, камбудиҳо дар таъминоти оксиген тавассути қубурҳои ҳаводиҳанда ва корҳои зидди сӯхтор бартараф карда шуда, инчунин аз пешниҳодҳои дар болоовардашуда 1 400 қоидаи вайронкунии техникӣ ислоҳ ва бартараф карда шуд.

Соли 2020 дар корхона ва иншоотҳои зеризаминие, ки аз тарафи ҲНКҶ дар шаҳри Хуҷанд хизматрасонӣ карда мешаванд, ҳолатҳои садамавӣ ба қайд гирифта нашуд.

Инчунин бо назардошти аҳамияти чорабиниҳои профилактикӣ дар объектҳои дорои аҳамияти махсус дар шаҳри Норак Хадамоти ҳарбикунонидашудаи наҷотдиҳӣ-кӯҳии ҷумҳуриявӣ дар шаҳри Норак фаъолият менамояд. Хадамоти ҲНКҶ дар шаҳри Норак тибқи тартиби муқарраршуда хизматрасонии наҷотдиҳии кӯҳиро дар саноати кӯҳкорӣ, сохтмон ва истифодаи иншоотҳои гидроэнергетикию гидротехникӣ ва нақбҳои нақлиётӣ анҷом медиҳад.

Шумораи умумии ҳайати шахсӣ 32 нафарро ташкил медиҳад, ки бехатарии корро дар иншоотҳои гидроэнергетикию гидротехникии НБО-и Норак, НБО-и Сангтуда-1 ва МД «Нақби обии Данғара» таъмин менамояд.

Бо мақсади пешгирӣ, рафъи садамаҳои эҳтимолӣ, гузаронидани корҳои пешгирикунанда ва дигар корҳои таъхирнопазир тибқи «Ҷадвал оид ба гузаронидани тадқиқоти пешгирикунанда»-и тасдиқшуда дар 36 иншооти зеризаминии гидротехникии НБО-и Норак 12 маротиба тадқиқоти профилактикӣ гузаронида шудааст. Дар рафти санҷиш 60 вайронкунии қоидаҳои бехатарии байнисоҳавӣ муайян карда шуда, санади тадқиқоти профилактикӣ ва санади таъиноти нигоҳдории нақбҳо тартиб дода шудааст.






Дар давраи соли 2020 мувофиқи ҷадвали тасдиқшудаи ҷамъоварии намунаҳо барои таҳлил, муайян намудани суръати ҳаво, ҳарорат ва намнокии иншоотҳои зеризаминии НБО-и Норак 60 намунагирӣ ва 432 таҳлили лабораторӣ гузаронида шудааст.Инчунин санҷиши пурраи маҷмааи иншоотҳои зеризаминии НБО-и Норак бо таҳияи санад ва пешниҳод ба ШСХК «Барқи Тоҷик» барои бартараф кардани камбудиҳои ошкоршуда гузаронида шуд.

Тайёрии ҳайати шахси Хадамоти ҲНКҶ дар шаҳри Норак тибқи нақшаи барномаи таълимии ҳайати қаторӣ, хурд ва миёнаи фармондеҳӣ амалӣ карда мешавад. Барои мутахассисоне нав ба кор қабул шуда, мувофиқи барномаи омӯзишӣ барои таълими бозомӯзон (шунавандагон) дар муддати 3 моҳ гузаронида мешавад.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳайати шахси взводи Норак бо истифода аз дастгоҳои нафаскашӣ бо иштироки намояндагони коргоҳи гидротехникӣ 12 машқ дар иншоотҳои зеризаминии НБО-и Норак ва 24 машқ дар пойгоҳи Хадамот гузаронид.





Дар НБО-и Сангтуда-1 ва МД «Нақби обии Данғара» бинобар сабаби кам будани шумораи кормандон ва иншоотҳои зеризаминӣ гурӯҳи ихтиёрии ёрирасони наҷотдиҳӣ (ГИЁН) ташкил карда шудааст. Командири ГИЁН аз ҳисоби кормандони Хадамоти ҲНКҶ дар шаҳри Норак таъин гардида, аъзоёни ГИЁН аз ҳисоби кормандони иншоотҳои хизмат расонидашаванда таъин карда шудааст. Ба гуруҳи ГИЁН тибқи барномаи омӯзишӣ машғулият аз рӯи кори кӯҳӣ гузаронида мешавад. Ҳангоми ба амал омадани садама то омада расидани наҷотдиҳандаҳои Хадамоти ҲНКҶ онҳо барои бартараф кардани садама шурӯъ менамоянд.

Дар давраи ҳисоботӣ тибқи «Ҷадвали чорабиниҳо оид ба гузаронидани тадқиқоти пешгирикунанда бо мақсади пешгирӣ ва рафъи садамаҳои эҳтимолӣ ва гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва дигар корҳои таъхирнопазир» ва «Ҷадвали ҷамъоварии намунаҳо барои таҳлил, муайян намудани суръати ҳаво, ҳарорат ва намнокӣ» дар иншоотҳои НБО-и Сангтуда-1 – 12 маротиба тадқиқоти пешгирикунанда ва 96 намунагирӣ бо усули зудсанҷ инчунин чен кардани параметрҳои микроклиматӣ гузаронида шуд. Машғулиятҳо бо кормандони НБО-и Сангтуда-1 мувофиқи нақшаи таълимӣ ва нақшаи чорабиниҳо оид ба омодасозии гурӯҳи ихтиёрии ёрирасони наҷотдиҳӣ (ГИЁН) барои соли 2020 гузаронида шудааст.

Бо мақсади пешгирӣ ва бартарф кардани садамаҳои эҳтимолӣ кор дар МД «Нақби обии Данғара» дар соли 2020 тибқи «Ҷадвали гузаронидани тадқиқоти профилактикӣ» анҷом дода шуд.

Дар нақб дар давраи ҳисоботӣ 9 тадқиқоти профилактикӣ ва 18 намунагирӣ бо усули зудсанҷ инчунин чен кардани параметрҳои микроклиматӣ гузаронида шуд.

Инчунин, аз тарафи Хадамоти ҲНКҶ дар шаҳри Норак бо мақсади пешгирии паҳншавии бемории сироятии коронавирус «COVID-19» чораҳои пешгирикунанда гузаронида шуд. Идораҳо, биноҳои истеҳсолӣ, долонҳои НБО-и Норак, инчунин мошинҳо барои интиқоли коргарон бо маҳлули хлордор коркард карда шуд.

# III. ЧОРАБИНИҲОИ ЗИДДИЭПИДЕМОЛОГӢ ДАР ДАВРАИ СИРОЯТИ КОРОНАВИРУС «COVID-19»

## Гузаронидани чорабиниҳои зиддиэпидемиологӣ дар давраи сирояти коронавирус «COVID-19»

Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали пайдоиши сирояти коронавируси «COVID-19» як қатор чорабиниҳоро оид ба омодасозӣ ва омодабошӣ ба ҳолати паҳншавии он дар ҷумҳурӣ андешид.

Бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармони Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2020 Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба пӯрзур намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ дар давраи пандемияи сирояти коронавируси COVID-19 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуд.

Тибқи Фармоиши Раиси Кумита аз 10 феврали соли 2020, №28 «Комиссия оид ба пешгирӣ ва эмин нигоҳ доштани ҳайати шахсии Кумита аз сироятшавии коронавируси навъи COVID-19» таҳти роҳбарии муовини якуми Раиси Кумита таъсис дода шуд. Ба ҳайати комиссия намояндагони Сарраёсати ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд, Раёсати кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсӣ ва Раёсати тиббии Кумита шомил карда шуд.

Бо мақсади татбиқи чорабиниҳои пешгирикунанда оид ба пешгирӣ аз воридот ва паҳншавии сирояти нави коронавируси «COVID-19» 20 марти соли 2020 Ситоди ҷумҳуриявӣ таҳти роҳбарии Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пӯрзур намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ ташкил карда шуд.

Дар асоси Нақшаи чорабиниҳои Ситоди ҷумҳуриявӣ аз 22 марти соли 2020, Нақшаи чорабиниҳои Кумита оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ дар давраи пандемияи COVID-19 30 марти соли 2020 таҳия ва тасдиқ карда шуд. Оид ба вазъи баамаломада дар Нақша-чорабиниҳои мазкур аз 28 апрел, 12 май ва 3 августи 2020 тағйирот ва иловаҳо дохил карда шуданд.

Дар асоси Нақшаи чорабиниҳои Ситоди ҷумҳуриявӣ ва дар доираи ваколатҳои худ Кумита дар иҷрои чорабиниҳои зерин ҷалб карда шуд:

– истифодаи техникаҳои махсус ва имкониятҳои Кумита (реаномобил, нақлиётҳои барои интиқоли шаҳрвандон, нақлиётҳои боркаш ва таҷҳизотҳо барои безараргардонӣ) дар ҳолати ёрии таъҷилии тиббӣ ба роҳ монда шуд;
– қабул, интиқол ва расонидани кӯмаки башардӯстона;
– гузаронидани корҳои таблиғотӣ ва фаҳмондадиҳӣ бо истифода аз мошини махсуси таблиғотӣ дар ҷойҳои серодам (терминалҳо, бозорҳо, боғҳо) ва сомонаи расмии Кумита;
– гузаронидани корҳои безараргардонӣ дар иншоотҳо, ва ҳудудҳо (кӯчаҳо, хиёбонҳо, биноҳои истиқоматӣ, манзилҳо ва ғ.);
– дар якҷоягӣ бо дигар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, таъмини риояи қоидаҳои чорабиниҳои карантинӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ;
– интиқоли шахсони аз кишварҳои аз ҷиҳати эпидемиологӣ номувофиқ, инчунин шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ки аз кишварҳои хориҷ баргаштаро бо хатсайрҳои чартерӣ ба ҷойҳои карантинӣ;
– интиқоли ҷасади фавтидагон аз беморхонаҳо ба ҷойҳои дафн.

Аз 1 феврал то моҳи декабри соли 2020 тариқи воситаҳои нақлиёти Кумита барои интиқоли шаҳрвандоне, ки аз Федератсияи Россия, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Туркия, ИМА, Олмон, Чин, Ҳиндустон, Кувайт аз фурудгоҳи шаҳри Душанбе сафарбар гардида, шахсони воридшударо ба нуқтаҳои карантинии воқеъ дар шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат, Ҳисор ва минтақаи Варзоб расониданд, ки шумораи онҳо зиёда аз 8 390 нафарро дар бар гирифт.



Бояд қайд намуд, ки 10 феврали соли 2020 кормандони Кумита дар расонидани кӯмаки башардӯстонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли 400 000 ниқоб ба Ҷумҳурии Халқии Хитой иштирок намуда, 11 феврали соли 2020 дар эвакуатсияи 46 нафар шаҳрванди Тоҷикистон аз шаҳри Ухани Хитой ширкат варзиданд.



Барои ташкили чораҳо оид ба омодагӣ ва вокуниш ба паҳншавии сирояти нави коронавирус дар мамлакати мо дар моҳҳои феврал–апрели соли 2020, роҳбарияти Кумита бо роҳбарони ташкилотҳои байналмилалӣ, кишварҳои маблағгузор ва аъзоёни гурӯҳи РЕАКТ як қатор мулоқотҳо ташкил намуд.

Мувофиқи дархости Кумита оид ба кумак дар иҷрои вазифаҳои дар давраи пандемия гузошташуда, ба шарикони доимӣ дар доираи ҳамкориҳои дуҷониба ёрии фаврӣ расонида шуд. Бо дастгирии онҳо захираҳои таҷҳизоти муҳофизатӣ барои кормандони Кумита ва миқдори зарурии маводи дезинфексионӣ ва маҳлулҳои антисептикӣ, инчунин таҷҳизоти дезинфексионӣ ва тиббӣ саривақт дастрас карда шуд.





Кумита аз шарикони рушд кумакҳои башардустона дар намуди воситаҳои ҳифзи инфиродӣ, маводи дезинфексионӣ, антисептикӣ, таҷҳизоти дорупошӣ ва дигар лавозимотҳои лозима дастрас намуд. Аз ҷумла, аз Бонки Рушди Осиё, ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷирати СММ, намояндагии Ташкилоти умумҷаҳонии Тандурустӣ дар Тоҷикистон, Агентии Оғохон оид ба макони зист, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Ташкилоти Каритас–Швейтсария, Сафорати Фаронса ва ИМА, созмони байналмилалии америкоӣ «Spirit of America», созмони хайриявии Авесто (кумаки USAID), Салиби Сурхи Олмон ва Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон кумакҳо расонида шуд. Аз он ҷумла, дар нашри маводҳои чопӣ ба монанди буклет ва брошюраҳо барои минбаъд тақсим намудан миёни аҳолӣ аз ҷониби Ташкилоти умумиҷаҳонии Тандурустӣ дар Тоҷикистон, Хазинаи кӯдакони СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Салиби Сурхи Олмон, Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон ва САҲА кумакҳои худро дареғ надоштанд.

Барои ҳифзи ҳайати шахсии Қӯшунҳои мудофиаи граждани, яъне сарбозон аз ҷониби занон-хизматчиёни Кумита дар марҳилаи якуми сирояти коронавирус COVID-19 дӯхтани ниқобҳо ва омода намудани маҳлулҳои антисептикӣ ба роҳ монда шуд. Дар маҷмӯъ, беш аз 8000 дона ниқоб дӯхта шуд.

Шумораи муайяни воситаҳои ҳимоявӣ, маводҳои антисептикӣ ва таҷҳизотҳои дезинфексионнӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетии Кумита харидорӣ карда шуданд.



**Кумаки расонидашуда аз ҷониби Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ бо генераторҳои оксигенӣ**

Дар асоси тавсияҳои Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мутахассисони Кумита Фармоиши Раиси Кумита аз 10 майи соли 2020, №112 таҳия ва тасдиқ карда шуда, дар асоси он дастурамалҳои оид ба гузаронидани чорабиниҳои пешгирикунанда ва дезинфексионӣ оид ба пешгирии бемориҳои сироятӣ дар байни ҳайати шахсӣ, муносибати махсуси воситаҳои нақлиёти мусофирбар ва дезинфексионӣ ва ошхонаҳои қисмҳои ҳарбӣ дар воҳидҳои Кумита бароварда шуд.

Чораҳои андешидашуда дар моҳҳои феврал–майи соли 2020 имкон доданд, ки дар байни кормандони Кумита паҳншавии зиёди сирояти коронавирус пешгирӣ карда шавад ва муҳимтар аз ҳама, талафоти ҳайати шахсӣ пешгирӣ карда шуд.

**Гузаронидани чорабиниҳои дезинфексионӣ дар ташкилотҳо, муассисаҳо ва ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Бо мақсади пешгирии паҳншавии бемории коронавирус ва тибқи супориши Ситоди ҷумҳуриявӣ қарор қабул карда шуд, ки аз ҷониби Кумита дар ҷойҳои ҷамъшавии оммавии шаҳрвандон, кӯчаҳо, муассисаҳо ва биноҳои истиқоматӣ корҳои дезинфексионӣ гузаронида шавад.

Ба руйхатгирии такрорӣ ва таъмири ҷории тамоми таҷҳизотҳои дорупошӣ дар Кумита мавҷудбуда (бензинӣ, барқӣ ва дастӣ) ва омодагии мошинҳои обпошӣ гузаронида шуда, инчунин миқдори зиёди таҷҳизотҳои иловагӣ (костюмҳои муҳофизатии яккарата ва бисёркарата, дастпӯшакҳо, ниқобҳо, антисептикҳо ва маҳлулҳои дезинфексионӣ) харидорӣ карда шуд.

Бо мақсади омодагӣ ва пешгириии саривақтӣ вобаста ба хуруҷи бемории сироятии коронавирус COVID-19 барои гузаронидани чорабиниҳои зиддиэпидемиологӣ, мутобиқи Фармоиши Раиси Кумита охири моҳи марти соли 2020 дар марказҳои вилояти ВМКБ, Суғду Хатлон ва шаҳрҳои Душанбею Кӯлоб 7 гурӯҳи сайёри безараргардонӣ ташкил шуда буд.





Гурӯҳҳои сайёр бо наклиёт ва таҷҳизотҳои махсус, таҷҳизотҳои муҳофизатӣ, дорупошакҳо ва генераторҳо, инчунин маводҳои дезинфексионӣ муҷаҳҳаз гардонида шуданд.

Танҳо аз ҷониби гурӯҳи сайёри вилояти Суғд тақрибан 8000 бино ва иншоотҳо, дар масоҳати зиёда аз 1 миллион $м^2$ қитъаҳо ва ҳудудҳо корҳои безараргардонӣ гузаронида шуд. Инчунин, гурӯҳҳои сайёр дар вилояти Хатлон беш аз 877 ҳазор $м^2$, дар ВМКБ беш аз 724 ҳазор $м^2$, дар минтақаи Кӯлоб беш аз 760 ҳазор $м^2$ ва дар шаҳри Душанбе тақрибан 1,5 миллион $м^2$ қитъаҳо ва ҳудудҳо безарар намуданд.

Дар маҷмӯъ, гурӯҳҳои сайёри Кумита тақрибан 20 ҳазор бино ва иншоотро коркард намуда, зиёда аз 4 миллиону 240 ҳазор метри мураббаъ қитъаву ҳудудҳоро безарар гардонидаанд.

Аз ҷониби гурӯҳҳои сайёр дар баробари корҳои безараргардонӣ миёни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ ба таври азназаргузаронии хона ба хона низ гузаронида шуда, тақрибан 9 ҳазор буклет ва варақаҳои таблиғотӣ тақсим карда шуд.





Бо ташаббуси Кумита 15 апрел, 7 август ва 16 декабри соли 2020 ҷаласаҳои Гурӯҳи фаврии баҳодиҳӣ ва ҳамоҳангсозӣ (РЕАКТ) ташкил ва баргузор гардиданд, ки ба он ҳамаи ташкилотҳои байналмилалие, ки дар соҳаи коҳиши хатари офатҳои табиӣ, омодагӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода фаъолият менамоянд, дар ҳолати омодагӣ қарор дода шуданд.





Дар ҷаласаҳои мазкур Раиси Кумита, ҳамоҳангсози доимии Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон, роҳбарон ва намояндагони Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ, БОҶ, Агентии Оғохон оид ба макони зист, Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон, инчунин намояндагони Вазорати кишоварзӣ, Вазорати маориф ва илм, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ ва дигар шарикон дар кори он тавассути тамоси видеоӣ ширкат варзиданд.

Дар ҷаласаҳо Стратегияи вокуниш ба хуруҷи сирояти коронавируси «COVID-19» дар Тоҷикистон, ки аз ҷониби Кумита дар якҷоягӣ бо шарикони мо таҳия шудааст, муаррифӣ карда шуда, чараёни татбиқи он баррасӣ карда шуд.

Стратегияи вокуниш ба хуруҷи сирояти коронавируси «COVID-19» бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа шуда, аз ҷониби роҳбари Ситоди ҷумҳуриявӣ – Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст.

Стратегияи мазкур чор самтҳои асосиро дар бар мегирад:

– дастгирии муассисаҳои тиббӣ ва марказҳои карантинӣ;
– дастгирии иқтидор ва назорати беморон ва ҳисоботдиҳӣ;
– дастгирии хӯрокворӣ;
– риояи қоидаҳои беҳдоштиву фосилаи иҷтимоӣ.

Стратегияи мазкур хароҷоти 16 миллион доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро дар бар гирифта, аз шарикон – созмонҳои байналмилалӣ барои таъмини чораҳои мубориза бо сирояти коронавирус дар кишвари мо ва тақвияти иқтидори мақомоти давлатиро дар ин самт дар бар мегирад.





Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар доираи Стратегияи мазкур дар соли 2020 аз ҷониби шарикон маблағи беш аз 8,5 миллион доллари амрикоӣ ҷалб гардида, барои захираҳои сариватқтии воситаҳои муҳофизатии шахсӣ, дезинфексия, антисептика ва таҷҳизоти зарурӣ барои корҳои дезинфексионӣ корҳо ба анҷом расонида шуд. Ҳамчунин, кӯмак ба марказҳои карантинӣ ва муассисаҳои тиббӣ расонида шуд. Курсҳои омузишӣ барои кормандони муассисаҳои тиббӣ ва кормандони Кумита ташкил ва гузаронида шуданд. Татбиқи самтҳои афзалиятноки амали Стратегияи мазкур дар соли 2021 идома хоҳад ёфт.

Инчунин, қувва ва воситаҳои Кумита барои гирифтани кӯмаки башардӯстона ва интиқол додани онҳо ба ҷойҳои таъиншуда сафарбар карда шуданд. Кормандон ва техникаҳои махсуси Кумита дар ҳама чорабиниҳо оид ба қабул ва интиқоли кӯмакҳои башардӯстонаи аз кишварҳои дӯст воридгашта, аз ҷумла аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Озарбойҷон, Арабистони Саудӣ ва Қувайт, ки барои мубориза бар зидди сирояти коронавирус пешбинӣ гардида буданд, сафарбар гардида, иштирок намуданд.





Оғоз аз аввали моҳи апрели соли 2020 Кумита ҳамаруза оид ба корҳои иҷрошуда вобаста ба вазифаҳои дар наздаш гузошташуда ба Ситоди ҷумҳуриявӣ ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маълумотҳои ҳар моҳа ба Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамуд. Дар маҷмӯъ 179 маълумот омода ва пешниҳод карда шуд.

## Нуқтаи коркарди махсуси нақлиёт ва безараргардонии ҳайати шахсӣ

Бо мақсади иҷрои вазифаҳои аз ҷониби Ситоди ҷумҳуриявӣ дар назди Кумита гузошташуда, аз 4 май то 1 декабри соли 2020 қувва ва воситаҳои Кумита барои безараргардонӣ ва дигар корҳои махсус дар биноҳои истиқомати беморон ва нафароне, ки аз коронавирус ва дигар бемориҳои сироятӣ фавтидаанд, сафарбар гардида буданд.

Барои иҷрои ин вазифа нуқтаи коркарди махсуси техника ва безараргардонии кормандоне, ки барои интиқоли ҷасадҳо дар муассисаҳои тиббӣ аз бемориҳои гуногун фавтидаанд, ташкил карда шуд.

Дар ин давра 415 ҷасади шаҳрвандони фавтида, ки дар натиҷаи сирояти коронавирус, пневмония ва дигар бемориҳои сироятӣ фавтидаанд, аз муассисаҳои тиббӣ ба ҷойҳои дафни онҳо интиқол дода шуданд (аз ҷумла, 347 баромад дар ҳудуди Душанбе ва ноҳияҳои тобеи марказ ва 68 баромад дар ҳудуди ВМКБ).

Барои ҷойгир кардани ин нуқта, устохонаи сайёрии таъмирӣ-кимиёвии ПРХМ-1М дар заминаи нақлиёти ГАЗ-66-и Озмоишгоҳи ҷумҳуриявии кимиёвӣ ва радиометрӣ ба маҷмааи коркарди махсуси техника табдил дода шуд. Инчунин нуқтаи коркарди беҳдоштии ҳайати шахсӣ низ омода карда шуд. Барои интиқоли ҷасадҳои фавтидагон 4 адад нақлиётҳои махсус ва 20 нафар ҳайати шахсӣ ҷудо гардид.





Пас аз баргаштан ба майдонча, техника ва ҳайати шахсӣ бо либосҳои муҳофизатӣ, бо маҳлули гипохлориди натрий 0,5% коркард карда шуда, пас аз он ҳайати шахсӣ дар нуқтаи коркарди беҳдоштӣ бо оби гарм шуста мешуданд.





Дар ҳолати ҳавои сарди шабонарӯз коркарди либосҳои муҳофизатии кимиёвӣ ба таври ҷисмонӣ дар ҷевони хушккунии ҳаво анҷом дода мешуд. Безараргардонии воситаҳои ҳифзи инфиродӣ дар муддати 45 дақиқа дар ҳарорати 120°С гузаронида мешуд.

Дар маҷмӯъ, 347 адад нақлиёти махсус дар якҷоягӣ бо ҳайати шахсии идоракунанда безарар карда шуданд. Риояи қоидаҳои беҳдоштӣ ва техникаи бехатарӣ имкон дод, ки ҳайати шахсиро, ки ба корҳои безараргардонӣ сафарбар гардида буданд, аз сироятёбии бемории коронавирус ва дигар бемориҳои сироятӣ эмин нигоҳ дорем.

# IV. ЧОРАБИНИҲО ОИД БА МУДОФИАИ ГРАЖДАНӢ

## Омӯзиш ва омодасозии шахсони мансабдори вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мудофиаи гражданӣ дар Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ методӣ

Омӯзиши аҳолӣ оид ба соҳаи мудофиаи гражданӣ, ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷузъи низоми ягонаи тайёрии аҳолӣ оид ба соҳаи мудофиаи гражданӣ, ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунад, мебошад.

Вазифаҳои асосии низоми омодасозии шахсони мансабдори вазоратҳо, идораҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо ва аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мудофиаи гражданӣ, ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ, аз омӯзиши шахсони мансабдор ва аҳолӣ бо қоидаҳои рафтор, усулҳои асосии ҳифз аз хатарҳо ва амал дар ҳолатҳои фавқулода, омӯзиши усулҳои ҳифз аз хатарҳое, ки бар асари ҳолатҳои фавқулодаи замони осоишта ва ҷанг ба амал меоянд, тартиби амал тибқи бонгҳои хабардоркунӣ, усулҳои расонидани ёрии аввалияи тиббӣ ба зарардидагон, қоидаҳои истифодаи воситаҳои муҳофизати шахсӣ ва дастаҷамъона иборат мебошанд.

Омӯзиши аҳолӣ оид ба соҳаи мудофиаи гражданӣ ва ҳифз аз ҳолатҳои фавқулода дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиаи гражданӣ» аз 28 феврали соли 2004 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои омодасозии аҳолӣ ба амалиёт дар ҳолати фавқулода» аз 31 августи соли 2009, №400 ва дигар ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи фаъолияти Кумита амалӣ карда мешавад.

Бо ин мақсад, дар ҳайати Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ (МҶТМ) амал намуда, дар вилоятҳо ва шаҳри Душанбе сохторҳои таркибии он барои омодасозии гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ фаъолият менамоянд.



МҶТМ ва сохторҳои таркибии он муассисаҳои доимоамалкунандаи таълимӣ буда, фаъолияташон ба омодасозӣ ва омӯзиши кадрҳои касбӣ, такмили ихтисоси ҳайати роҳбарикунанда ва фармондеҳон-сардорон, кормандони соҳаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳо, корхонаҳо ва муассисаҳо оид ба ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ равона гардида аст.

Соли 2020 Марказ ва сохторҳои минтақавии он омӯзишҳоро бо ҳайати роҳбарикунандаи вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳо, намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, коллеҷҳо ва литсейҳо, инчунин дар муассисаҳои таълимии мактабӣ ва томактабӣ ташкил намуданд.



Бо мақсади кам кардани хароҷоти моддӣ ва сарфаи вақти шунавандагон, иҷозат дода шудааст, ки шунавандагонро бо усули сайёр, бо сафари омӯзгорон ба дигар шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо истифода аз технологияҳои таҳсилоти фосилавӣ омӯзонанд.

Тибқи нақшаҳои таълимию методии Марказ, марказҳои вилоятӣ ва курсҳои минтақавии Кумита дар соли 2020, таълими 14 дараҷаи аҳолиро бо шумораи 7 059 нафар шунаванда пешбинӣ намуда, аммо бо сабаби пандемияи COVID-19, воқеан 4 302 нафар шунавандагон ба таълим фаро гирифта шуданд.

**Омӯзиши** аҳолӣ **дар соли 2020**




Омӯзиши шунавандагон бо супоридани санҷиш, ки аз ҷониби комиссияи махсуси аз ҷониби сардори МҶТМ таъсис меёбад ба анҷом мерасад. Ба ҳайати комиссия сардори МҶТМ ё муовини ӯ, муаллимоне, ки бо шунавандагон машғулиятҳо гузаронидаанд ва корманди Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил карда мешаванд.

Ба шунавандагоне, ки санҷишро супоридаанд, шаҳодатномаи такмили ихтисос ё хатми курси таълимӣ дода мешавад.



Соли 2020 аз ҷониби мутахассисони Марказ як қатор дастурамалҳо, барномаҳо ва воситаҳои таълимӣ таҳия гардиданд, ки дар раванди таълим пурра истифода мешаванд. Аз ҷумла:

– «Дастури таълимӣ оид ба тасвири вазъият дар ҳуҷҷатҳои графикӣ (тасвирӣ) ва кор дар харита»;
– «Дастурамали методӣ оид ба тартиб, ташкил ва усулҳои гузаронидани машқҳои мудофиаи гражданӣ ва таҳияи намунаҳои ҳуҷҷатҳо»;
– «Дастурамал оид ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода»;
– «Барномаи таълимӣ оид ба омӯзиши ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ».

Инчунин Тавсияи методӣ оид ба гузаронидани як қатор чорабиниҳо оид ба омодагӣ ва пешгирии ҳолатҳои фавқулода ва ташкили бозиҳои варзишӣ дар истироҳатгоҳҳои тобистона омода ва бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шудааст.

Бо дастгирии молиявии ташкилотҳои байналмилалӣ маводҳои таълимӣ, дастурҳо, брошюраҳо ва буклетҳо барои истифода дар раванди, таълим чоп карда шуданд.



**Машқҳои омӯзишӣ бо ҳайати роҳбарикунанда**





Дар Марказ инчунин курсҳои ибтидоии омӯзишӣ барои мутахассисони нав ба хизмат ҷалбшудаи Кумита ташкил карда шуданд, ки пас аз ба итмом расидани курси пурраи таҳсил, ба шунавандагон ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда, сертификат ё шаҳодатнома дода мешаванд.



**Бозомӯзии ҳайати роҳбарикунанда ва ҳайати шахсии Дастгоҳи марказӣ, ҳайати шахсии наҷотдиҳандагони сохторҳои КҲФ дар заминаи Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ методӣ**

Дар баробари омодасозии ҳайати роҳбарикунандаи МГ ва гузаронидани курсҳои омодагии афсарони ҷавон, дар давоми соли 2020 барои намояндагони вазорату идораҳои кишвар ва донишҷӯёни Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дарсҳо ташкил ва гузаронида шуданд.

Инчунин, дар заминаи Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ дар давоми соли 2020 дар доираи ҳамкории Кумита бо САҲА ва Агентии Оғохон оид ба макони зист курсҳои омӯзишӣ оид ба баланд бардоштани малака ва таҳкими иқтидори кормандон ва ҳайати шахсии шуъба ва бахшҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, наҷотдиҳандагон ва кормандони тиббии Раёсати хадамоти наҷотдиҳӣ, инчунин ҳайати ихтиёриёни иншоотҳои иқтисодӣ ва толибилмони муассисаҳои таҳсилоти умумии Вазорати илм ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуданд.



Бо мақсади гузаронидани курсҳои омӯзишӣ бо дараҷаҳои гуногуни шунавандагон, кормандони МҶТМ барномаҳои таълимиро таҳия ва тасдиқ намуда, дар гузаронидани чорабиниҳо ба ҳайси омӯзгорон ва дастурдиҳандагон, мутахассисони ташкилотҳои байналмилалӣ, наҷотдиҳандагони баландихтисос, кормандони тиб ва роҳбарони сохторҳои Дастгоҳи марказии Кумитаро даъват намуданд.



Ҳамин тариқ, дар соли 2020 дар заминаи МҶТМ 32 нафар мутахассисони марказҳои таълимии вилоятҳо ва минтақаҳо, 108 нафар афсар ва афсарони калони шуъба ва бахшҳои Кумита дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, 34 нафар наҷотдиҳанда ва 18 нафар корманди тиббии сохторҳои наҷотдиҳии Раёсати хадамоти наҷотдиҳӣ, 27 нафар намояндагон ва мутахассисони вазорату идораҳо, зиёда аз 70 нафар хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе ба омӯзиш фаро гирифта шуданд.

Ғайр аз ин, тибқи тартиби муқарраргардида, ҳар сол дар заминаи МҶТМ донишҷӯёни факултети «Огоҳӣ ва бартарафсозии ҳолатҳои фавқулода»-и Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон курсҳои амалиро мегузаранд. Соли 2020 низ 16 нафар донишҷӯён ва 25 нафар афсарони хурд, прапоршикон ва кормандони нав ба Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон даъватгардида курси мазкурро хатм намуданд.

## Гузаронидани чорабиниҳои мудофиаи граждан**ӣ**

Гузаронидани чорабиниҳои мудофиаи гражданӣ банақшагирии фавриро дар бар мегирад, ки он қисми таркибии омодагӣ ва гузаронидани мудофиаи гражданӣ буда, ҳадафи асосии он, омодасозии ҳама гурӯҳҳои аҳолӣ, таъмини муташаккилонаи гузаронидани мудофиаи гражданӣ аз замони осоишта ба давраи ҷанг, иҷрои чорабиниҳо оид ба ҳифзи аҳолӣ, таъминоти аввалиндараҷаи ҳаётӣ ва баланд бардоштани устувории фаъолияти иншоотҳои иқтисодӣ дар давраи ҷанг, дар ҳолати омодагии доимии нигоҳ доштани низоми идоракунӣ, алоқа ва огоҳкунӣ, инчунин ташкили гурӯҳбандии қувва ва воситаҳо барои гузаронидани корҳои садамавӣ-наҷотдиҳӣ ва дигар корҳои таъхирнопазир дар мавзеъҳои эҳтимолии хатарҳо ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо мебошад.

Ҳамасола Нақшаи чорабиниҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мудофиаи гражданӣ, эътино, пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода аз ҷониби Сардори мудофиаи гражданӣ – Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Мақомотҳои иҷроияи давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар навбати худ, нақшаҳои мудофиаи гражданӣи худро таҳия намуда, ташкилотҳо тибқи нақшаи тасдиқгардида, гузаронидани чорабиниҳои мудофиаи гражданиро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиаи гражданӣ» таъмин менамоянд.

Дар асоси нақшаҳои зикршуда, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, ташкилоту муассисаҳо омӯзиши аҳолӣ ва омодасозии иншооти иқтисодиро новобаста аз шакли моликияташон омода мекунанд.

Омодасозии аҳолӣ ва иншоотҳои иқтисодии ҷумҳурӣ оид ба мудофиаи гражданӣ дар соли 2020, тибқи Нақшаи чорабиниҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мудофиаи гражданӣ, эътино, пешгирӣ ва рафъи ҳолати фавқулода ба роҳ монда шуда, дар ҷумҳурӣ санҷиши ҳолати омодагӣ ва машқҳои мукаммали зернизомҳои ҳудудии Низоми ягона оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода дар шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ гузаронида шуданд.





Дар машқҳо малакаҳои амалии зарурӣ, амалҳои возеҳ ва ҳамоҳангшудаи ҳайати шахсии сохторҳо ташаккул ёфта, ҷустуҷӯи усулҳои мувофиқу мақсадноки истифодаи техника, дастгоҳ, таҷҳизот ва асбобҳои гуногун такмил дода шуда, идоракунии қувва ва воситаҳои мудофиаи гражданӣ, низоми алоқа ва огоҳкунӣ такмил дода мешавад.

Ҳамин тариқ, соли 2020 бо риояи ҳама меъёрҳои тиббию эпидемиологӣ дар ҷумҳурӣ 36 машқи мукаммал, 197 машқи фармондеҳӣ-ситодӣ, 235 машқи тактикии махсус, 187 машқи ситодии МГ, 98 тамриноти ситодӣ ва 4 693 рӯзҳои мудофиаи гражданӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ гузаронида шуданд.





Машқҳои мудофиаи граждание, ки тибқи талаботҳои муосир гузаронида мешаванд, имкон медиҳанд, ки гурӯҳҳо, коргарон, хизматчиён ва аҳолие, ки ба соҳаи истеҳсолот ва хизматрасонӣ шомил нестанд, тартиби амал намудан дар шароитҳои замони осоишта ва давраи ҷангро омӯхта, ба одамон сифатҳои олии ахлоқӣ, сиёсӣ ва руҳиву равониро тарбия намоянд.

Гузаронидани чорабиниҳо оид ба мудофиаи гражданӣ, хусусан тамринҳои амалӣ ва машқҳо, ин шакли олӣ ва усули фаъоли омодасозии ҳайати роҳбарикунанда, нерӯҳо ва аҳолӣ барои иҷрои вазифаҳои мудофиаи гражданӣ мебошанд. Баланд бардоштани малакаи роҳбарони вазорату идораҳо, мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳо новобаста аз шакли ҳуқуқӣ ва ташкилӣ бо маҳорати идоранамоии қувва ва воситаҳои ба Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода шомилбуда, инчунин мукаммалгардонии таҷриба оид ба ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои мудофиаи гражданӣ, гузаронидани корҳои садамавӣ-наҷотдиҳӣ ва дигар корҳои таъхирнопазир дар ҷойҳои ҳолатҳои фавқулода рухдода, мебошад.





# V. ТАШВИҚОТУ ТАРҒИБОТ ДАР СОҲАИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА

### Фаъолияти муштараки КҲФ ва ВАО дар соли 2020

Яке аз омилҳое, ки ба баланд шудани сатҳи донишу огоҳии қишрҳои васеи аҳолӣ дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ, шиносоӣ бо вазъи ташаккулёфта мусоидат мекунад, истифодаи мақсаднок ва ҳамоҳанги кулли навъҳои воситаҳои ахбори омма мебошад.

Яке аз ҳадафҳои муҳими кори КҲФ бо аҳолӣ ташаккул додани афкори шаффофи ҷомеа дар самти пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ аст. Дар робита ба ин, соли 2020 Шуъбаи кор бо ҷомеа пешкаши муттасили иттилоот, огоҳиҳо, тавсияҳоро барои ҷомеа тариқи расонаҳо идома дод.

Маводу маводу матолиб оид ба масъалаҳои таъмини фаъолияти ҳаёти бехатар барои аҳолӣ, хабардор кардани он аз хавфҳои имконпазир, тавсияҳо ба хотири эмин мондан аз онҳо мунтазам дар сомонаи Кумита ба забонҳои давлативу русӣ ҷой дода мешуд. Соли 2020 дар сомонаи расмии КҲФ (www.khf.tj) зиёда аз 1 500 маводи иттилоотӣ доир ба фаъолияти он нашр гардид.




Маводҳои мазкурро дар саҳифаҳои худ агентиҳои иттилоотии ҳам дохили кишвар ва ҳам берун аз он бознашр карда ва дар сафиҳаҳои васоити ахбори оммаи чопӣ ҷой додаанд, тариқи барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ пахш намуданд.

Бо ҳадафи ҷалби таваҷҷуҳи хонандагон, шунавандагон ва бинандагон, инчунин ба онҳо омӯзондани амалу рафтори дуруст ба таъмини бехатарии шахсӣ, соли 2020 канали наворҳои КҲФ дар шабакаи «YouTube» таъсис дода шуд.

Ҳамчунин барои ҷалби таваҷҷуҳи ҷавонон ба масъалаҳои бехатарӣ ва рафтори дуруст ҳангоми ҲФ дар шабакаҳои иҷтимоии маъруфи Телеграм, Инстаграм ва Фейсбук саҳифаҳои махсус боз шуданд.

Хусусияти кори Шуъбаи кор бо ҷомеа дар соли 2020 бетағйир монд – пешкаши иттилоот, намоишдиҳӣ, таҳлил ва ба аҳолӣ шарҳ додани чораҳое, ки Ҳукумати кишвар дар самти пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода ва фаъолияти идораи наҷотдиҳӣ меандешад.

Тибқи таҳлили гузарондашуда, соли гузашта иттилоот аксаран тариқи шабакаҳои телевизион ва радио пешниҳод мешуд. Дар шабакаҳои телевизионии ҷумҳуриявӣ ва хориҷии «Тоҷикистон», «ТВ Сафина», «Ҷаҳоннамо», «Душанбе», «Синамо», «Баҳористон», «Варзиш», МТРК «Мир» ва «ВВС» зиёда аз 700 гузоришу барнома намоиш дода шуд ва тариқи радио беш аз 800 барнома пахш гардид. «Пахшҳои мустақим» дар радиоҳои сершунавандае чун «Азия-Плюс», «Ватан», «Имрӯз», «Ховар», «Садои Душанбе», «Тоҷикистон» ва «Овози тоҷик» зуд-зуд доир карда мешуданд.



Кумита барои бозтоб додани кори худ васеъ аз ВАО-и электронӣ ва чопӣ истифода кард. Дар саҳифаҳои рӯзномаҳои маҳаллӣ беш аз 200 матлаб, хабар ва очеркҳо доир ба фаъолияти Кумита ва ҷузъу томҳои сохтори он ба табъ расонда шуд.

Яке аз чорабиниҳои ҷолиб ташрифи беш аз 20 намояндаи воситаҳои ахбори оммаи кишвар дар чорҷӯбаи «пресс-тур» дар санаи 12 ноябри соли 2020 буд, ки Созмони ҷамъиятии «Хома» ташкил намуд. Худи ҳамин рӯз ба намояндагони расонаҳо дар рафти рӯнамоии васеъ доир ба ҳадафҳо, сохтор, ҳамкориҳои байналмилалӣ ва дурнамои рушди Кумита маълумот пешкаш гардид.



Ҳамчунин, ба хотири муҳайё намудани иттилооти пурра дар бораи кори идораи наҷотдиҳии кишвар, дар пойгоҳи Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методии КҲФ намоишгоҳи техника ва таҷҳизоти махсус ташкил карда шуд.





Ҳайати хабарнигорон аз ВАО бо рафти амалишавии «Лоиҳаи миллии идоракунии хавфи офатҳои табиӣ», ки муштаракан Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар симои Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёии Рушд татбиқ мекунанд, шинос карда шуд.

Дар фарҷоми вохӯрӣ наҷотдиҳандагон амалҳои худро ҳангоми тахлияи ҷабрдидагон бо истифода аз техника ва воситаҳои махсуси техникии наҷотдиҳӣ намоиш доданд.





Дар маҷмӯъ, соли 2020 Кумита нашру пахши зиёда аз 3500 маводро тариқи матбуоти чопӣ, радиоӣ ва телевизионӣ ташкил намуд, ки ин дар муоқиса бо соли 2019 – 36% зиёд аст.

## Корҳои ташвиқотӣ-тарғиботии КҲФ оид ба пешгирӣ аз паҳншавии коронавирус

Кумита хатари вируси навро ба инобат гирифта, фавран тадбирҳои профилактикӣ ва пешгирии паҳншавии сирояти коронавируси COVID-19-ро пурзӯр кард.

Соли 2020 кормандони Кумита бо ҳадафи огоҳсозии саривақтӣ ва пешкаши фаврии маълумот ба шаҳрвандон, инчунин татбиқи чораҳои пешгирикунанда оид ба пешгирӣ аз сирояти коронавирусии COVID-19, бо истифода аз тамоми воситаҳои техникии муосири мавҷуда, миёни ҳамаи қишрҳои аҳолии кишвар як қатор чорабиниҳои дорои хусусиятҳои ташвиқотӣ гузаронданд.

Оғоз аз моҳи январи соли 2020 бо ҳадафи огоҳкунии аҳолӣ аз хавфи бемории мазкур, Кумита паёмҳои иттилоотиро оид ба тадбирҳои асосии эҳтиётӣ барои ҳимоя аз сирояти нави коронавирус таҳия ва паҳн намуд.

Дар сомонаи расмии Кумита бахши махсус ба забонҳои давлатӣ ва русӣ таъсис дода шуда, маълумоти дахлдор пайваста тариқи ҳамаи манбаъҳо паҳн мегардид.

Қайд намудан лозим буд, ки танҳо наворҳои видеоиро дар сомонаи Кумита зиёда аз 140 ҳазор корбар дидан кардаанд. Ҳамчунин дар сомонаи иҷтимоии «Youtube» (канали КҲФ) наворҳои видеоӣ оид ба пешгирӣ ва профилактикаи коронавирус гузошта шуданд. Дар ин қатор, аз ҷумла 9 филми таълимии аниматсионӣ барои кӯдакон ва 16 барнома барои калонсолон ҷой доштанд.

Соли 2020 бо истифода аз автомашинаи таблиғотӣ кормандони Кумита бо ёрии сабтҳои видеоии таълимӣ, ки шарикони мо омода намуданд, дар як қатор шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ дар муассисаҳои томактабӣ, миёнаи ҳамагонӣ, махсус ва олӣ, корхонаҳо, назди бозорҳо ва марказҳои савдо, майдону дигар маконҳои ҷамъшавии мардум зиёда аз 1 283 вохӯрӣ доир намуданд. Дар рафти ин вохӯриҳо брошюра ва варақаҳо оид ба пешгирӣ аз сирояти бемории коронавирусии COVID-19, риоя намудани қоидаҳои беҳдошти шахсӣ ва фосилагирии иҷтимоӣ, инчунин нишонаҳои мубталошавӣ ба сирояти коронавирусии COVID-19 ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, инчунин сабтҳо бо наворҳои таълимӣ тақсим карда шуданд.





Ғайр аз ин, бо мақсади идома додани кор оид ба пешкаши ахбор ба аҳолӣ доири пурзӯркунии табдирҳои зиддиэпидемиявӣ Кумита дар якҷоягӣ бо Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон, Салиби Сурхи Олмон, Агентии Оғохон оид ба макони зист бахшида ба масоили пешгирӣ аз паҳншавии беморӣ овезаҳои иттилоотӣ омода кард. Овезаҳо дар пойтахт ва марказҳои маъмурии се вилояти кишвар бо қайди рақамҳои телефони алоқаи фаврии КҲФ ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ насб шуданд. Дар овезаҳо зарурати риоя кардани фосилаи иҷтимоӣ, пӯшидани ҳатмии ниқобҳо ва пок кардани дастон қайд мегардид.




Бо мақсади шиносоӣ ва хотиррасон кардани оқибатҳои риоя накардани қоидаҳои эҳтиёт аз сирояти коронавирусии COVID-19, махсусан миёни ҷавонон, Кумита дар якҷоягӣ бо Дафтари Барномаҳои САҲА дар Душанбе барои паҳнкунӣ дар наклиёти ҷамъиятӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ навори видеоӣ омода кард. Сужаи навор дар шароити замони нав имкон медиҳад боз як бор рафтори худ ва масъулияти шахсии ҳар кадом дар кори пешгирӣ аз паҳншавии сирояти коронавирус ва бехатарии наздикону пайвандони худ мавриди ташлил қарор дода шавад.



Ҳангоми бозтоб додани масъалаҳои марбут ба пешгирӣ аз паҳншавии сирояти коронавирус ва анҷом додани корҳои ташвиқотӣ, кормандони Кумита дар ҳамкории зич бо шабакаҳои ватании телевизионӣ ва радиоӣ беш аз 1 000 барнома, сужа, навор, гузориш, «пахшҳои мустақим» омода намуданд.



Дар чорчӯбаи чорабиниҳое, ки ба Рӯзи байналмилалии коҳиши хавфи офатҳо бахшида шуданд, ки ҳамасола санаи 13 октябр таҷлил мешавад, Кумита як қатор чорабиниҳоро ташкил ва баргузор намуд, ки ба пешгирӣ аз сирояти коронавирусии COVID-19 равона буданд. Аз ҷумла, озмуни расмкашӣ дар байни кӯдакон ва наврасон, викторинаҳои радиоӣ, мизҳои мудаввар, чорабиниҳои варзишӣ, баромаду вохӯриҳо, тренингу тамринҳо гузаронда шуданд.




Дар асоси чорабиниҳое, ки Раиси Кумита тасдиқ намуд, дар якҷоягӣ бо ТВ «Баҳористон» бо дастгирии Барномаи Рушди СММ ва Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ ва рушд барои кӯдакону наврасон Озмуни ҷумҳуриявии телевизиони расмкашӣ дар мавзӯи «Мо ҷонибдори ҳаёти бехатар дар рӯи Замин ҳастем» ташкил ва гузаронда шуд.





Дар озмуне, ки моҳи октябр баргузор гардид, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии миёна, гимназияҳо ва литсейҳои шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ иштирок карданд. Дар доираи он зиёда аз 450 расми мухталиф бахшида ба мавзӯъҳои офатҳои табиӣ ва пешгирӣ аз сирояти коронавирус пешкаш гардид. Ба ғолибони озмун диплому туҳфаҳои хотиравӣ тақдим шуданд. Расмҳои беҳтарин барои «Тақвими соли 2021» интихоб ва ба он ворид карда шуданд.







Ҳамчунин, 14–15 октябри соли 2020 дар пойгоҳи Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методии Кумита бо дастгирии Барномаи Рушди СММ ва Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ ва рушд бо иштироки 40 хонандаи мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии №12 ва №62-и шаҳри Душанбе чорабинии варзишӣ дар мавзӯи «Худро наҷот деҳ ва дигаронро ҳимоя кун» ва Рӯзи дарҳои боз бо намоиш додани техникаю таҷҳизоти садамавӣ-наҷотбахшӣ доир гардид.

Дар рафти чорабинӣ хонандагон ҳамчунин бо усулҳои расондани ёрии аввалин, қоидаҳои рафтор дар ҳолатҳои фаврӣ, истифодаи дурусти воситаҳои муҳофизати шахсӣ, ниқобҳо, инчунин риояи қоидаҳои беҳдошти шахсӣ дар шароити паҳншавии бемориҳои сироятӣ ошно шуданд.

17 октябр радиовикторина дар радиои «Ватан» бо дастгирии Филиали Агентии Оғохон оид ба макони зист ташкил ва гузаронда шуд, ки ба масъалаҳои коҳиши хавфи офатҳои табиӣ ва мубориза бо сирояти коронавирус бахшида шуда буд. Ғолибони викторина 5 шунавандаи радио гардиданд, ки бо дипкому тухфаҳои арзишнок қадрдонӣ шуданд.





19 октябри соли 2020 бо иштироки 20 кӯдаки гирифтор ба аутизм Ташкилоти ҷамъиятии «Ирода» –Ташаббуси Волидони кӯдакони дорои Аутизм чорабинӣ бо бозиҳои нақшӣ дар мавзӯи «Мо тарафдори ҳаёти бехатар дар рӯи Замин ҳастем» бо дастгирии Барномаи ҷаҳонии озуқаворӣ омода ва баргузор шуд.



Ҳадафи чорабинӣ ҷалб намудани таваҷҷуҳи ҷомеа ба мушкилоти кӯдакони имконияташон маҳдуд, саломатӣ ва муҳофизати онҳо дар замони пандемия, равиши инклюзивӣ дар коҳиши хавфи офатҳои табиӣ буд. Ба ғолибони бозиҳо диплом ва туҳфаҳо тақдим карда шуданд.





Бо мақсади иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ кардани Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи муштараки КҲФ бо Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 дар шаҳри Душанбе, 16 октябри соли 2020 мизи мудаввар дар мавзӯи «Таъмини бехатарии сайёҳон дар хатсайрҳои сайёҳӣ дар шароити пандемияи COVID-19» бо дастгирии Барномаи Рушди СММ ва Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ ва рушд дар Тоҷикистон ташкил ва гузаронида шуд.



Дар кори мизи мудаввар ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор: мақомоти давлатӣ, Ассотсиатсияи сайёҳии Тоҷикистон, агентиҳои сайёҳӣ ва шарикони рушд ширкат варзиданд.





Дар рафти мизи мудаввар масъалаҳои тартиби мувофиқаткунии хатсайрҳои сайёҳӣ, воридшавии сайёҳон ба минтақаҳои сайёҳӣ ва махсусан хавфноки ҷумҳурӣ баррасӣ шуданд ва қарорҳои лозима барои таъмин намудани амнияти сайёҳон дар шароити паҳншавии пандемияи COVID-19 қабул гардиданд.

Лозим ба зикр аст, ки айни замон Кумита дар ҳамдастӣ бо Кумитаи сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор аҳдномаҳоро бо агентиҳои сайёҳии ООО «Сарез тревел», ООО «Сарез Бартанг Тур», ООО «Помир Трекининг», ООО «Ширкати Сайёҳии Помир» ва ООО «Ором сайёҳат» ба хотири таъмини бехатарии сайёҳоне, ки ба маконҳои зебоманзари Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф меоранд, ба имзо расонд.

## Чорабиниҳои Кумита бахшида ба Рӯзи «Дарҳои Боз»














# VI. КОРҲОИ КОФТУКОВӢ-НАҶОТДИҲӢ ВА ДИГАР РОҲАНДОЗИИ ФАВРӢ ДАР ИН САМТ

### Амалҳои сохторҳои таъиноти махсусгардонидашудаи кофтуковӣ-наҷотдиҳӣ КҲФ дар вақти ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои фавқулода

Хадамоти кофтуковӣ-наҷотдиҳӣ (ХКН) яке аз сохторҳои таркибии асосии КҲФ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад ва барои анҷом додани корҳои кофтуковӣ-наҷотдиҳӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ фаъолият менамояд.

Вазифаҳои асосии ХКН чунин мебошанд:

– дар ҳолати доимӣ нигоҳ доштани мақомоти идоракунӣ, қувваҳо ва воситаҳои Хадамоти кофтуковӣ-наҷотдиҳӣ барои иҷрои вазифаҳо тибқи таъинот;
– назорат аз болои омодагии иншоот ва ҳудудҳои хидматшаванда ба иҷрои корҳо оид ба рафъи ҳолатҳои фавқулода;
– ташкил ва гузаронидани корҳои кофтуковӣ-наҷотдиҳӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта;
– наҷотдиҳии одамон, сарватҳои моддӣ ва фарҳангӣ, ҳифзи муҳити табиӣ дар минтақаи ҳолати фавқулода;
– маҳалсозӣ, паст намудан ё ин ки ба ҳадди ақали имконпазир расонидани таъсири омилҳо ва падидаҳои хатарнок.

Ба ҳайати Хадамотҳои кофтуковӣ-наҷотдиҳӣ Раёсати кофтуковӣ-наҷотдиҳӣ, Дастаҳои зудамали кофтуковию наҷотдиҳии (ДХКН) дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, шаҳри Душанбе, минтақаҳои Рашт ва Кӯлоб, инчунин водии Зарафшон шомиланд.

Соли 2020 наҷотдиҳандагони Кумита дар бартарафсозии ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта дар 529 корҳои кофтуковӣ ва садамавӣ-наҷотдиҳӣ иштирок намуданд.



Дар рафти корҳои кофтуковӣ ва садамавӣ-наҷотдиҳӣ дар соли 2020 – 216 нафар, аз ҷумла дар рафти корҳои зериобӣ ва рӯиобӣ 55 нафар, дар вақти тармафароӣ – 125 нафар, дар садамаҳои нақлиётӣ – 36 нафар нафар наҷот дода шуд.

Дар асоси супориши Раиси КҲФ дар робита ба паҳншавии сирояти коронавирус ва бо мақсади пешгирии паҳншавӣ, инчунин таъмини саломатӣ ва эпидемиологии аҳолӣ дар давраи пандемияи COVID-19 аз ҳисоби наҷотдиҳандагон гурӯҳҳои махсус дар минтақаҳо, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе таъсис дода шуд.

Гурӯҳҳои махсус бо таҷҳизот ва либоси махсус муҷаҳҳаз буданд, ба онҳо вазифаи безараргардонӣ ва дезинфексия кардани муассисаҳо, хонаҳо ва кӯчаҳо, инчунин интиқоли шаҳрвандоне, ки аз COVID-19 ва дигар бемориҳои сироятӣ дар шаҳри Душанбе, дар марказҳои вилоятҳо ва НТҶ вафот кардаанд.





Бо мақсади амали фаврӣ ба офатҳои табиии хусусияти табиӣ ва техногенӣ дар шоҳроҳҳои ҷумҳуриявӣ дар самтҳои Душанбе–Хуҷанд, қитъаи Майхура (62 км), нақби Истиқлол (72 км) ва Душанбе – Шоҳроҳи Хоруғ дар ҳудуди ноҳияи Ванҷи ВМКБ (457 км) постгоҳҳои сайёрӣ бехатарӣ аз ҳисоби кормандони воҳидҳои кофтуковӣ-наҷотдиҳии Кумита таъсис дода шуд.

Постгоҳҳои сайёр бо мошини садамавӣ-наҷотдиҳӣ, маҷмӯи таҷҳизот ва таҷҳизоте, ки барои кофтуковӣ-наҷотдиҳии одамон ҳангоми фаромадани тарма пешбинӣ шудаанд, инчунин таҷҳизоти гидравликии наҷотдиҳӣ, барои рафъи оқибатҳои садамаҳои нақлиётӣ муҷаҳҳаз гардида буданд.



Ҳангоми навбатдории шабонарӯзӣ дар ин постгоҳҳо, наҷотдиҳандагон беш аз 180 нафарро аз минтақаҳои зери тарма ба ҷои бехавф кӯчонида ва 3 нафарро аз зери ғарами барф наҷот доданд.

Яке аз вазифаҳои асосии наҷотдиҳандагони Кумита ташкил ва гузаронидани корҳои ҷустуҷӯӣ-наҷотдиҳӣ дар об мебошад. Асосан, ин ҳолатҳо бо кӯдакон ва калонсолон дар натиҷаи риоя накардани қоидаҳои бехатарӣ, аз ҷумла шиноварӣ дар обанборҳое, ки оббозӣ дар онҷо манъ мебошад рух медиҳад. Соли 2020 наҷотдиҳандагон дар 123 амалиёти кофтуковӣ-наҷотдиҳии руи обӣ наҷотдиҳиро анҷом доданд. Дар натиҷа 45 нафар наҷот дода шуданд, ва 59 нафар ғарқшудагон дарёфт ва аз об бароварда шуд.





Аз сабаби риоя накардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, суръат ва риоя накардани тавсияҳои КҲФ, бахусус дар фасли зимистон садамаҳои нақлиётӣ рух медиҳанд ки дар натиҷа, мутаассифона, одамон ба ҳалокат мерасанд.

Соли 2020 наҷотдиҳандагони КҲФ – 27 маротиба ба бартарафсозии оқибатҳои садамаҳои нақлиётӣ сафарбар шуда ва фаъолона иштирок намуданд. Дар натиҷаи гузаронидани корҳои садамавӣ-наҷотдиҳӣ 26 шаҳрванд наҷот дода шуда, 18 ҷасад аз воситаҳои нақлиётӣ бароварда шуд.

Наҷотдиҳандагони Кумита соли 2020 дар бартарафсозии оқибатҳои ҷараёни сел ва ярч дар деҳаи Н. Асадулло, ҷамоати деҳоти С. Айнии ноҳияи Хуросон фаъолона иштирок намуданд. Наҷотдиҳандагони шуъбаи КҲФ ва МГ-и вилояти Хатлон дар чорабиниҳои бартарафсозии оқибатҳои омадани сел, инчунин корҳои санитарию-эпидемиологӣ, расонидани ёрии аввалини тиббӣ иштирок намуданд.

Ҳайати шахсии Раёсати хадамоти таъиноти махсусгардонидашудаи кофтуковӣ-наҷотдиҳии Кумита ва дастаҳои зудамали наҷотдиҳии таркибии он мунтазам бо гузаронидани машғулиятҳои таълимию тарбиявӣ донишу малакаи касбии худро такмил медиҳанд.

Дар доираи татбиқи минбаъдаи ҳамкориҳои дуҷониба оид ба омодагӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода байни КҲФ ва Дафтари барномаҳои аврупо ва САҲА дар Душанбе соли 2020 барои наҷотдиҳандагони КҲФ машғулиятҳои таълимӣ оид ба бардоштани малакаи касбӣ гузаронида шуд, ки дар ин чорабинӣ наҷотдиҳандагон фаъолона иштирок намуданд.





Дар рафти омӯзиш наҷотдиҳандагон малакаи назариявӣ ва амалиро бо истифода аз як қатор таҷҳизоти махсуси наҷотдиҳӣ ва воситаҳои муҳофизати инфиродӣ мустаҳкам карданд. Омӯзиш аз ҷониби дастурдиҳандагони касбии Кумита гузаронида шуд.

Барои фароҳам овардани шароити корӣ бо мақсади беҳтар намудани тайёрии касбии ҳайати шахсии хадамоти наҷотдиҳӣ ва ҷузъу томҳои он дар доираи лоиҳаи чорсолаи «Мустаҳкам намудани иқтидори коҳиш ва вокуниши офатҳои табиӣ», ки байни КҲФ, Ҳукумати Ҷопон ва Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид ба имзо расида буд, охири соли 2020 бинои маъмурии Раёсати хадамоти таъиноти махсусгардонидашудаи кофтуковӣ-наҷотдиҳии Кумита пурра азнавсозӣ ва ба истифода дода шуд. Утоқҳои корӣ ва аудиторияҳо бо тамоми таҷҳизоти зарурӣ муҷаҳҳаз мебошад.









7 декабри соли 2020 маросими кушодашавӣ ва ба истифода додани бинои Раёсати хадамоти таъиноти махсусгардонидашудаи кофтуковӣ-наҷотдиҳии КҲФ бо иштироки Раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда, Роҳбари БРСММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Тоҷикистон ва як қатор роҳбарони ташкилотҳои байналмилалии дар Ҷумҳурии Тоҷикистони аккредитатсияшуда ширкат варзиданд.



## Фаъолияти қӯшунҳои мудофиаи гражданӣ ҳангоми бартараф кардани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода

Қӯшунҳои мудофиаи граждании Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда бо мақсади бартарафкунии оқибатҳои ҳолатҳои фавқуллодаи хусусияти табиӣ ва техногенӣ дошта таъсис дода шудаанд. Вазифаҳои асосии қӯшунҳои мудофиаи гражданӣ дар замони ҳозира ин кофтуков ва наҷоти одамон аз зери харобаҳо, биноҳои осебдида, корҳои муҳандисӣ, барқарорсозии хати таъминоти барқ ва иштирок дар бартарафсозии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода мебошад.

Айни замон дар ҳайати Кумита ҳафт қисми ҳарбӣ (баталёни алоҳида) вуҷуд дошта фаъолияти онҳо ба самтҳои гуногуни зерин муайян карда шудааст:

– баталёни алоҳидаи роҳбаладии борҳо ва посбонии иншоотҳои Кумита.
– баталёни алоҳидаи механиконидашуда, барои безараргардонии химиявии (дегазатсия, дезинтификатсия)-и либоса ва дигар амволҳо, роҳҳо ва корҳои санитарию эпидемиологии аҳолӣ, гузаронидани корҳои иктишофи (разведка) оиди дастовардҳо кофтукови сарчашмаҳо ва таъминоти об, ҳамчунин бартарафсозии ҳолатҳои ногувор дар хати алоқа равона карда шудааст.
– баталёни алоҳидаи серҷабҳаи зудамал барои кофтуков ва наҷоти одамон, осебдидагони ҳолатҳои фавқулода, ҳамчунин пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода равона карда шудааст.
– баталёни алоҳидаи ҳарбию сохтмонӣ фаъолияташ ба самти кофтукови одамони зарардида аз биноҳои осебдида, эвакуатсияи аҳолӣ аз ҷойҳои хавфнок, ҳамчунин сохтмони биноҳо, корҳои саҳроию соҳилмустаҳкамкунӣ ва сохтани пойдеворҳо равона карда шудааст.
– баталёни алоҳидаи механиконидашуда барои бартарафсозии садамаҳо дар шабакаи таъминоти газ, об, коммуналӣ ва гармидиҳӣ, таъмири биноҳо ва иншоотҳо, ҳамчунин пайдо ва нобуд намудани воситаҳои ҷангии тарканда равона карда шудааст.

Роҳбарии бевоситаи қӯшунҳои мудофиаи гражданиро Раиси Кумита амалӣ менамояд.

Дар соли 2020 қӯшунҳои мудофиаи гражданӣ чандин маротиба дар бартарафсозӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода дар ҳудуди мамлакат иштирок намуданд.

Дар моҳи апрели соли 2020 ҳайати шахсии қисмҳои ҳарбии Кумита дар бартарафсозии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ дар ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон фаъолона иштирок намуданд.





Қӯшунҳои мудофиаи граждании сари вақт ба мардуми офатдидаи ноҳияи номбаршуда ёрии амалии худро расонида дар эвакуатсияи аҳолӣ, молу амвол, ҳайвонҳои хонагӣ ва бартарафсозии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода саҳми худро гузоштанд.

Ба қӯшунҳои мудофиаи граждании ҳамчунин вазифаи муҳими кофтуков, пайдо намудан, безараргардонӣ ва нобудсозии воситаҳои ҷангии тарканда, аз ҷумла маводҳои зиддиҳавоӣ ва безараргардонии дигар моддаҳои тарканда вогузор карда шудааст.

Дар соли 2020 хизматчиёни ҳарбии қисмҳои ҳарбии Кумита баъд аз гузаштан аз омӯзиши курси безараргардонии минаҳо дар Муассисаи давлатии Маркази миллии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои минаҳо ба ноҳияи Панҷ ва ноҳияи Шамсиддин Шоҳини вилояти Хатлон бо мақсади тоза намудани заминҳо аз минаҳо ва воситаҳои ҷангии тарканда сафарбар гардиданд.





Хизматчиёни қисмҳои ҳарбии Кумита 122 172 метри кубӣ майдонҳоро коркард намуда, ба чунин натиҷаҳо ноил шуданд: ПМН-2 ду адад, мина ПФМ-1 ҳашт саду ҳаштоду чор адад, мина ПОМ – се адад, мина 82-мм – чор адад, гранати Ф-1 – ду адад, снаряд – 120 мм – ду адад пайдо ва безарар намуданд.

Дар давраи даъвати баҳорӣ ва тирамоҳи соли 2020 қисмҳои ҳарбии Кумита бо ҳайати муайяни навдаъватшудагон пурра гардонида шуданд. Барои пешбурди хизмат дар қисмҳои ҳарбӣ тамоми шароитҳо муҳайё карда шудааст. Бо ҳайати шахсӣ дар асоси нақша чорабиниҳои махсуси тайёрӣ дарс ва машқҳо гузаронида мешаванд. Хизматчиёни хизмати ҳатмии ҳарбӣ ҳамчунин дар машқҳои маҷмуии ва роҳбарии ситодӣ ки аз тарафи Кумита дар вилояту ноҳияҳои мамлакат гузаронида мешаванд, фаъолона иштирок мекунанд.



Бо мақсади дастгирии қувваҳои мудофиаи граждани̅ барои омодабошии доими̅ дар яке аз қисмҳои ҳарби̅ машғулиятҳои тактики̅ гузаронида шуд. Ҳамасола ду маротиба баъд аз даъвати баҳору тирамоҳ ва гузаштани курси хизматчии ҷавон навдаъватшудагон тантанавор савганди ҳарби̅ баҳри садоқат ба ватан қабул менамоянд.





# VII. СИЁСАТИ КАДРҲО, ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИМОЯИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ҲАЙАТИ ШАХСӢ

### Таъмини Кумита бо кадрҳои баландихтисос

Сиёсати кадрии Кумита, ки татбиқи масъалаҳои кадрӣ, интихоб, ҷобаҷогузорӣ тарбия ва аттестатсияи кадрҳоро дар бар мегирад, бо назардошти фикру хулосаҳои Комиссияи доимии аттестатсионӣ амалӣ карда мешавад. Ҷойивазкунии нақшагирифтаи хизматчиёни ҳарбӣ бо тартиби аттестатсия дар асоси пешниҳоди сардори бевоситаи хизматчии ҳарбӣ анҷом дода мешавад.

Сиёсати кадрии Кумита равона шудааст, пеш аз ҳама ба фароҳам овардани шароити воқеӣ барои интихоби баландсифат, ҷобаҷогузорӣ, тарбия ва пешбарии афсарон ва ҳайати фармондеҳии хурд банақшагирӣ ва рушди малакаи касбӣ, назорат аз болои фаъолияти хизматчиёни ҳарбӣ ва шаҳрвандӣ ва ҳавасмандгардонӣ.

Раёсати кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсии Кумита фаъолияти худро тибқи «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» ва Низомномаи тартиби адои хизмати ҳарбӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ мондааст. Қабули номзадҳо дар Кумита ба кор дар асоси талаботҳои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №647 аз 10 марти соли 2016 «Дар бораи низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холӣ маъмурӣ дар хизмати давлатӣ» ба роҳ монда мешавад.

Интихоби номзадон барои қабул ба хизмати ҳарбӣ тибқи қарордод ва қабул ба муассисаҳои таълимии ҳарбии таҳсилоти касбӣ тибқи талаботи муқарраршуда дар асоси озмун сурат мегирад.

Дар соли 2020 7 маротиба озмунҳо барои қабул ба Академияи ҳифзи шаҳрвандии Федератсияи Россия, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоби номзадҳо ба хидмат гузаронида шуд.

Аз шумораи умумии воҳидҳои штатии Кумита дар соли 2020 воҳиди холии штатӣ аз ҳисоби хизматчиёни ҳарбии ба таври ихтиёрӣ фаъолияткунанда ва хизматчиёни шаҳрвандӣ 6%-ро ташкил дод, ки ин нишондод соли 2016 18,5% ва соли 2019 9,5%-ро ташкил дод.

То охири соли 2020 дар Кумита аз шумораи умумии кормандони фаъолият дошта, 85,2% ва 14,8% нафарашонро занҳо ташкил медиҳанд, ки аз ин шумора 8%-и занҳо дар вазифаҳои роҳбарикунанда фаъолият менамоянд. Ҳайати шахсӣ аз ҷумла афсарон 49,4%, 12,1%, қаторӣ то сержантҳо 0,5% ва хизматчиён 38% ба кор таъмин шудаанд.

Афсарони касбӣ (хатмкардагони донишкадаҳои ҳарбӣ) 21%-ро ташкил медиҳанд, ки мувофиқи ихтисосҳояшон дар сохторҳои таркибии Кумита.






Афсарони касбӣ (хатмкардагони донишкадаҳои ҳарбӣ) 21%-ро ташкил медиҳанд, ки мувофиқи ихтисосҳояшон дар сохторҳои таркибии Кумита таъин карда шудаанд, афсарон, прапоршикҳо ва хизматчиён бошанд 79%-ро ташкил медиҳанд, ки мувофиқи ихтисосҳои хатмнамудаашон (биолог, химик, духтур, ҳуқуқшинос, техник, муҳандис, сохтмончӣ, ронанда, алоқачӣ ва ғайра) мебошанд, ки дар Кумита ва сохторҳои он фаъолият намуда истодаанд.

Роҳбарияти Кумита ба ташаккули захираи кадрҳо диққати махсус медиҳанд. Тибқи Фармоиши Раиси Кумита «Дар бораи таъсиси Комиссия оид ба захираҳои кадрӣ» дар соли 2020 35 нафар афсарон дар асоси пешниҳоди роҳбарони бевоситаи худ ба рӯйхати захираҳои кадрӣ дохил карда шуданд. Вобаста ба омода намудани кадрҳои соҳавӣ аз тарафи роҳбарияти Кумита ҳамасола тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд. Дар соли 2020 барои таҳсил дар Академияи ҳифзи шаҳрвандии Вазорати ҳолатҳои фавқулодаи Федератсияи Россия бо мақсади омода намудани мутахассисони зинаи ибтидоӣ 8 нафар ва барои тайёр намудани мутахассисони соҳавӣ 4 нафар квота ҷудо карда шуд.



Соли 2020 барои таҳсил намудан дар Академияи ҳифзи шаҳрвандии Вазорати ҳолатҳои фавқулодаи Федератсияи Россия 2 нафар афсар ва 5 нафар шунаванда интихоб шуда, ба Академияи мазкур сафарбар карда шуданд. Илова бар ин, айни замон 6 нафар афсарони Кумита дар Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил намуда истодаанд. Дар маҷмӯъ айни ҳол дар Академияи ҳифзи шаҳрвандии Вазорати ҳолатҳои фавқулодаи Федератсияи Россия 4 нафар афсар ва 23 нафар курсантҳо таҳсил намуда истодаанд.

Соли 2020 10 курсанте, ки муассисаи таҳсилоти олии ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро хатм карданд, ба сафи воҳидҳои сохтории Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда фиристода шуданд.

Инчунин, Кумита ба масъалаи бардоштани сатҳи донишу малакаи касбӣ таваҷҷӯҳи махсус дода медиҳад. Барои омода намудани афсарону, прапоршикҳо, сарбозону, сержантҳо ташаккул додани рӯҳияи ватандӯстӣ, тарбияи хизматчиёни ҳарбӣ, омодагии баланди ҳарбӣ, масъулияти баланди шахсӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои вогузоркардашуда, як қатор барномаҳо ва методҳои таълимиро амалӣ менамоянд.

Аз ҷониби Кумита барои курсантони Академияи ВКД факултаи «Огоҳонӣ ва бартараф кардани оқибатҳои ҲФ» машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ гузаронида шуд. Моҳи феврали соли 2020 бо давомнокии 12 ҳафта машғулиятҳои назариявӣ дар шуъба ва бахшҳои шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Хоруғ ва ноҳияҳои Рудакӣ, Шуғнон, Файзобод гузаронида шуд. Инчунин дар заминаи Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методии Кумита аз моҳи ноябр то моҳи декабр машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ гузаронида шуд.





Илова бар ин, бо дастгирии Ҳукукмати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар соли 2020 бо ҳайати шахсии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании як қатор семинарҳо ва конфронсҳои омӯзишӣ гузаронида шуданд.

Филиали Донишкадаи тайёр намудан ва баланд бардоштани ихтисос Донишгоҳи ҳифзи шаҳрвандии Ҷумҳурии Беларус курси фосилавӣ дар мавзуи «Муҳофизат аз силоҳи кимиёвӣ» бо мутахассисони Кумита гузаронидааст.

Маркази ҳолатҳои фавқулода ва коҳиши хатари офатҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон бо дастгирии молиявии ЮНИСЕФ омӯзиши онлайн табодули таҷриба дар истифодаи ҳавопаймоҳои бесарнишин гузаронд.

Бо дастгирии Сафорати Ҳиндустон курсҳои омӯзиши забони англисӣ бо ҳайати афсарони Кумита гузаронида шуд.

Филиали Агентии Оғо Хон оид ба макони зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон трениги омӯзишӣ оид ба кор бо тайёраи бесарнишин (бо истилои Дрон) барои мутахассисони Кумита гузаронидан. Инчунин дар вилоятҳо семинар-тренинги омузишӣ оид ба омӯзиши таҷриба ва усулҳои мувофиқ ба талаботи муосир дар самти идоракунии ҳолатҳои фавқулода барои кормандон ва барои гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёна буклетҳои омӯзишӣ дар мавзӯи ҳифзи аҳолӣ дар ҳолатҳои фавқулода ҷудо карда шуданд ва дар мавзӯи амният дар вақти пандемия гузаронида шуд.

Соли 2020 Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии ҳастаӣ дар мавзӯи таъмини амниятӣ аз маводҳои ҳастаӣ ва радиоактивӣ курси омӯзишӣ гузаронид.

Дафтари барномаҳои САҲА дар Душанбе мувофиқи нақшаи мавзӯӣ барои кормандони воҳидҳои наҷотдиҳӣ модулҳои омӯзишӣ дар мавзӯи омодагии тактикӣ таълими умумӣ, инчунин дар самтҳои махсуси вокуниши касбӣ дар минтақаи офати табиӣ гузаронида шуданд. Инчунин барои ҳайати шахсии соҳаи тиб дар мавзӯи «Расонидани омодагии пеш аз тиббӣ ва расонидани ёрии аввалини тиббӣ ба аҳолии зарардида» ташкил ва гузаронида шуд.

Гурӯҳи татбиқи лоиҳаи миллии идоракунии хатари офатҳои табиӣ барои ҳайати шахсии Хадамоти зидди жола ва Раёсати кӯли Сарез курсҳои омӯзишии забони русӣ, асосҳои кори компютериро гузаронд. Инчунин бо ҳайати шахсии роҳбарикунандаи Дастгоҳи марказӣ ва воҳидҳои гарнизони шаҳри Душанбе оид ба масъалаҳои гендерӣ семинари омӯзишӣ гузаронд.



Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ) дар Душанбе дар мавзӯи таҳкими низоми идоракунии хатари офатҳо тренинг гузаронд.

Ҷиҳати баланд бардоштани дониши сиёсии, маҳорати ҳарбию варзишии ҳайати шахсӣ ва афсарони ҷавони Кумита ва сохторҳои таркибии он пайваста машғулиятҳо ва чорабиниҳои варзишӣ гузаронида мешаванд.

Моҳи марти соли 2020 иштироки ҳайати шахсии Дастгоҳи марказии Кумита дар мусобиқаи варзишӣ, аз намуди Дави наврӯзӣ ва Марафони велосипедронӣ, ки бахшида ба таҷлили Иди байналмилали Наврӯз дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо ибтикори Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳо баргузор гардида, дар мусобиқаи варзишӣ, ки бо ибтикори пойгоҳи ҳарбии 201-уми Федератсияи Россия дар Тоҷикистон санаи 30 июли соли 2020 мусобиқаи варзишӣ аз намуди бозии футболи хурд байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар «Майдончаи варзишии Султони Кабир» баргузор гардида буд, варзишгарони Кумита фаъолона ширкат варзидаанд.

Бахшида ба таҷлили 26-солагии таъсисёбии Хадамоти ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ байни хизматчиёни ҳарбии Кумита, мусобиқаи варзишӣ аз намуди бозии шоҳмот, шашка, турниккашӣ ва волейбол гузаронида шуд. Ғолибони мусобиқа аз ҷониби роҳбарияти Кумита бо ифтихорномаҳо сарфароз гардонида шуданд.

Хизматчиёни ҳарбӣ дар мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оид ба бозии шоҳмот барои дарёфти «Ҷоми Пешвои миллат», ки бо ибтикори Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки кормандони вазорату идораҳо, иштирок намуданд.

### Таъминоти тиббӣ

Раёсати тиббӣ дар ҳайати Кумита баҳри ҳифз ва таҳкими саломатӣ, ташаккули ҷисмонии хизматчиёни ҳарбӣ – қисми муҳим ва таъхирнопазири тайёр кардани онҳо ба иҷрои қарзи ҳарбӣ мебошад. Бо мақсади гузаронидани чорабиниҳо оид ба беҳдошти шароити хизматӣ ва маишӣ, амалӣ намудани чорабиниҳои санитарию гигиенӣ, зиддиэпидемиявӣ ва муолиҷавию пешгирикунанда, иҷрои меъёрҳои санитарӣ ва талаботи оинномаҳои ҳарбӣ роҷеъ ба ҷойгиркунии хизматчиёни ҳарбӣ, ташкили хуроки онҳо, таъминот бо об ва дигар шаклҳои таъминоти моддӣ ва маишии онҳо, бартараф ё то меъёрҳои муқарраргардида коҳиш намудани омилҳои ба саломатии хизматчиёни ҳарбӣ зараровар, гузаронидани тадбирҳои роҷеъ ба беҳдошти шароити экологӣ дар маҳали ҷойгирии ҳайати шахсӣ, фаъолият мекунад.

Раёсати тиббии Кумита ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо оид ба ҳифзи саломатии ҳайати шахси Кумита, сабабҳои пайдошавӣ ва инкишофи беморӣ, осеббардорӣ, омӯзиш ва таҳияи чорабиниҳо доир ба пешгирии онҳо ба роҳ мемонад.



Раёсати тиббӣ ҳамкории Кумитаро дар соҳаи тандурустӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Раёсати тиббии Вазорати мудофиа ва дигар созмонҳои байналмилалии манфиатдор ба роҳ мемонад.

Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2017, №547 беморхонаи ҳарбӣ ва комиссияи ҳарбӣ-тиббӣ аз ҳайати Раёсати тиббӣ бароварда шуда, ба ҳайати қисми ҳарбии алоҳида дохил гардид.





Шуъбаи санитарӣ-эпидемиологии Раёсати тиббӣ назорати мунтазами доимиро доир ба вазъи санитарӣ ба роҳ монда, меъёрҳои зиддиэпидемиявӣ ва санитариро дар сохторҳои Кумита амалӣ намуда, ҳамчунин омӯзиш ва таҳлили ҳолати санитарӣ-эпидемиологиро дар нуқтаҳои ҷамъшавии доимии қӯшунҳо дар доираи қоидаҳо ва меъёрҳои эпидемиологӣ ба роҳ мемонад.

Шуъбаи таъминоти доруворӣ ва таҷҳизот сохторҳои Кумитаро бо доруворӣ зарурӣ, таҷҳизот ва воситаҳои ёрии авалияи тиббӣ ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода, таъмин менамояд.

Беморхонаи ҳарбӣ маҷмӯи чорабиниҳои тиббиро, ки ба ҳифзи саломатии хизматчиёни ҳарбӣ, хизматчиён ва аъзои оилаи онҳо равона гардонидааст.

Беморхонаи ҳарбӣ аз шуъбаҳои бемориҳои даруна ва бемориҳои сироятӣ, ҷарроҳӣ ва эҳёгарӣ, шуъбаи поликлиникавӣ, бахши қабулгоҳ, Комиссияи ҳарбӣ-тиббӣ, бахшҳои кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсӣ, молиявию хоҷагидорӣ, посбонӣ ва шахсони хизматрасони техникӣ, иборат мебошад.





Чорабиниҳои асосии пешгирӣ-табобатӣ ин муоинаи клиникӣ, амбулаторӣ ва табобати статсионарӣ мебошанд. Барои назорати тиббии вазъи саломатии ҳайати шахсӣ, ташхиси барвақтии беморӣ, омӯзиши шароити хизматӣ ва маишии хизматчиёни ҳарбӣ, муайян кардани омилҳое, ки ба саломатии онҳо таъсири манфӣ мерасонад, муоинаи тиббии ҳайати шахсӣ гузаронида мешавад.

Дар давраи соли 2020 аз ҷониби шуъбаи поликлиникавии Беморхонаи ҳарбӣ 860 хизматчиёни ҳарбӣ ва 53 аъзои оилаи онҳо муоинаи тиббӣ гузаронида шуданд. Дар давоми соли гузашта дар Беморхонаи ҳарбӣ 273 хизматчиёни ҳарбӣ, 21 афсар ва 10 нафар аъзои оилаи онҳо ба табобат фаро гирифта шуданд.

Аз ҷониби Комиссияи тиббӣ-ҳарбӣ азназаргузаронии тиббии хизматчиёни ҳарбӣ, шаҳрвандоне, ки ба муассисаҳои таълимии ҳарбӣ дохил ва таҳсил мекунанд, аъзоёни оилаҳои хизматчиёни ҳарбӣ, муайян кардани робитаи сабабҳои ҷароҳат ва бемориҳо, назорати ташхиси тиббӣ, муайян кардани категорияи солимии шаҳрвандон бо сабаби саломатӣ барои хидмати ҳарбӣ, ташкил ва гузаронида мешавад.

Раёсати тиббӣ бо Фармоиши Раиси Кумита дар аввали моҳи январи соли 2020 дар ҳамкорӣ бо Намояндагии Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ дар ҷумҳурӣ ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши вазъи эпидемиологии омори ҳаррӯзаро оид ба паҳншавии сирояти коронавируси «COVID-19» ба роҳ мондааст.

Кормандони раёсат ба Ситоди доимамалкунанда «Барои пурзӯр намудани чорабиниҳо оид ба пешгирии паҳншавии сирояти коронавируси COVID-19 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 23 январ бо фармоиши Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, №37 шомил карда шуданд. Онҳо барои ҳамоҳангсозии минбаъдаи амалҳои Кумита бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пурзӯр намудани чораҳои зидди эпидемия ва ҳифозати аҳолӣ аз сирояти вирусӣ фаъолияти худро роҳандозӣ намудаанд.

25 январи соли 2020 баркияи телефонӣ-тавсияи №42 «Дар бораи паҳншавии сирояти нави вирусӣ дар Ҷумҳурии Халқии Хитой ва дигар кишварҳо, инчунин тавсияҳо оид ба риояи чораҳои оддии эҳтиётӣ: масофаи бехатар аз дигарон, ниқобпӯшӣ, риояи меъёрҳои санитарию гигиенӣ, пешгирӣ аз ҷойҳои серодам ва безараргардонии ҳудуди иншоот» ба тамоми сохторҳои Кумита ирсол карда шуд.

Бо фармоиши Раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тотористон аз 10 феврали соли 2020, No2 дар соли 2020 Комиссияи идоравӣ «Барои пешгирии сирояти коронавируси COVID-19 ва чораҳои зидди эпидемия дар байни кормандони Кумита» ташкил ва кори худро оғоз намуд, ки вазифаи он мустаҳкам намудани ҳамкорӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Намояндагии Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ дар ҷумҳурӣ, Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати мудофиа, Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх, Кумитаи Ҳилоли Аҳмар ва ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба пешгирӣ ва паҳн кардани оқибатҳои эпидемияи коронавируси COVID-19 дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар гирифт.





Дар асоси Нақшаи Ситоди ҷумҳуриявӣ, Нақшаи чорабиниҳои идоравии Комиссия оид ба пешгирии сирояти коронавирус «COVID-19» ва татбиқи чорабиниҳои зидди эпидемия ҳангоми хуруҷи он аз 30 марти соли 2020 таҳия ва тасдиқ карда шуданд. Ба нақша 28 апрел, 12 май ва 4 августи соли 2020 илова карда шуда буд.

Моҳи марти соли 2020 дар Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методӣ барои кормандони хадамоти тиббии Кумита дар мавзӯи «Мушоҳида ва карантин дар ҳолати эпидемияи беморихои сироятӣ, аз ҷумла сирояти коронавируси COVID-19» семинар ташкил карда шуд. Дар вақти пандемияи коронавируси COVID-19 бо Фармоиши Раиси Кумита назорати интиқоли мусофирони расидан ба фурудгоҳҳои Душанбе ва Айнӣ ба зиммаи Раёсати тиббӣ гузошта шуда буд.



Дар давоми пандемия аз 30 апрел то декабри соли 2020 Раёсати тиббӣ ва Беморхонаи ҳарбӣ дар якҷоягӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон озмоиши COVID-19-ро миёни зиёда аз 800 нафар кормандони Кумита гузаронид, аз он 70 нафар мусбат баромад, ки зери табобат гирифта шуданд.

Бо мақсади таъмини ҳифзи саломатии сарбозон аз бемориҳои сироятӣ дар охири моҳи декабри соли 2020, мувофиқи нишондод 150 даъватшаванда бо ваксинаи зидди грипп «Гриппол» ва шиддати мавсими эпидемияи 2020/2021 эм карда шуданд.





Дар доираи Барномаи рушди Кумита барои солҳои 2018–2022, Лоиҳаи муштараки КҲФ ва Ҳукумати Ҷопон ва Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид «Барои коҳиш додани хатари офатҳои табиӣ ва тақвияти иқтидори вокуниш», ду мошини ёрии таъҷилӣ, таҷҳизоти беҳисгардонӣ, як дастгоҳи УЗИ, як ЭКГ, УВЧ-66, дастгоҳҳои физиотерапевтӣ ва лабораторӣ, эндоскопия, барои Беморхонаи ҳарбӣ харидорӣ карда шуд, ки дар якҷоягӣ бо сохторҳои наҷотбахши Кумита дар ҳолатҳои фавқулода имкони ёрии тиббӣ расониданро пурсамартар гардонид.

**Мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии беморхонаи ҳарбии Кумита**












# VIII. АМАЛИГАРДОНИИ ЛОИҲАҲО БАРОИ УСТУВОРГАРДОНИИ ЗАМИНАИ МОДДӢ-ТЕХНИКИИ КҲФ

### Такмили системаи огоҳкунии қаблӣ ва мониторинги кӯли Сарез

Кӯли Сарез – ин обанбор дар баландии 3 255 м аз сатҳи баҳр, дар ҳудуди ноҳияҳои Рӯшон ва Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҷойгир аст. Дарозии кӯл тақрибан 70 км, умқи максималии он қариб 500 м, ҳаҷми об зиёда аз 17 миллиард м$^3$-ро ташкил медиҳад.

Кӯли Сарез дар натиҷаи заминларзаи шадиде, ки 18 феврали соли 1911 рух дод, ба вуҷуд омадааст. Дар натиҷаи офати табиӣ маҷрои дарёи Бартанг бар асари ярчи калон дар майдони қариб 4,5 км, ки деҳаи Усойро зеркарда, ба вуҷуд омада аст. Ҳамзамон, ҷинсҳои кӯҳӣ сарбанди табиро бо баландии 567 м ташкил карданд. Пуршавии бошиддати кӯл соли 1926 ба итмом расид, аз соли 1942 пасту баландшавии сатҳи кӯл тағйирёбанда мешавад.



Бо мақсади сари вақт огоҳ кардани сокинони водии Бартанги ВМКБ ва нуқтаҳои аҳолинишини соҳили дарёи Панҷ, ки дар минтақаи эҳтимолии обзеркунӣ дар сурати рахна шудани сарбанди кӯли Сарез дар сарбанди Усой қарор доранд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Бонки Умуми Ҷаҳонӣ, Ҳукуматҳои Швейтсария, ИМА, Ҷопон ва Фонди Рушди Оғохон дар соли 2004 системаи мониторинг ва огоҳкунии қаблиро насб кард. Дар нуқтаҳои аҳолинишини водии Бартанг, маркази ноҳияи Рӯшон, шаҳрҳои Хоруғ ва Душанбе, системаҳои огоҳкунӣ ва алоқаи КВ (мавҷи кӯтоҳ), УКВ (мавҷи ултра кӯтоҳ), алоқаи моҳворавиро насб кард. Инчунин, дар маркази ноҳияи Ванҷ, Дарвоз, Шамсидин Шоҳин, Ҳамадонӣ ва дар ҷамоатҳои деҳоти ин ноҳияҳо системаҳои комуникатисионии КВ насб карда шуданд.

Барои пайваста анҷом додани таҳқиқи гидрологӣ, сейсмологӣ ва геологии ҳолати кӯли Сарез дар сарбанди Усой воситаҳои техникӣ ва таҷҳизот барои огоҳкунии қабли насб карда шудааст.

Дар ҳолати рух додани ҳолати фавқулода, ин таҷҳизот ҳамзамон аҳолиро, ки дар минтақаи обзеркунӣ қарор дорад, дар бораи таҳдиди хатар тавассути воситаҳои алоқаи насб кардашуда огоҳ мекунад.

Дар сурати рахнашавии сарбанди Усой барои сокинони деҳоти водии Бартанг, ки эвакуатсия кардани онҳо ғайриимкон аст, дар наздикии ҷои зисташон, «ҷазираҳои бехатар» бо молу амволи ниёзи аввалия ташкил карда шудаанд.



Барои омодасозии аҳолии водии Бартанг ба ҳолатҳои фавқулода, ҳамасола дар якҷоягӣ бо Агентии Оғохон оид ба макони зист (АКАН) семинарҳо ва тамринҳо гузаронида мешаванд.

Системаи мониторинг ва огоҳкунии қаблӣ, ки дар сарбанди Усой зиёда аз 16 сол пеш насб карда шуда буд, барои кормандони Кумита ва сокинони водии Бартанг воситаи муҳими огоҳкунӣ ва иртиботӣ ҳисоб меёбад. Мутаассифона, ба ҳолати имрӯза мӯҳлати истифодабарии таҷҳизоту технологияи системаи мониторинг ва радиоалоқа истихроҷ шуда, ба азнавсозӣ ниёз дорад.



26 октябри соли 2017 дар мулоқоти Президенти Бонки Осиёии Рушд (БОР) ҷаноби Такехико Накао бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳҳои боз ҳам амиқтар роҳандозии шарикии тақрибан 20-сола мавриди муҳокима қарор гирифт. Бо мақсади такмил додани идоракунии захираҳои об ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, дар мулоқот инчунин масъалаи расондани кӯмак дар навсозии системаи мониторинг ва огоҳкунии қаблии кӯли Сарез баррасӣ шуд.







Зимни боздид аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, президенти БОР аз кӯли Сарез дидан кард. Пас аз машваратҳои КҲФ ва дафтари БОР дар Тоҷикистон, БОР дар соли 2018 тасмим гирифт, ки аз мабалғҳои махсуси БОР барои дар Тоҷикистон ба офатҳои табиӣ 10,0 миллион доллари ИМА грант ҷудо намояд.

Дар моҳи январи соли 2019 татбиқи Лоиҳаи Миллии идоракунии хатари офатҳои табиӣ оғоз ёфт, ки бо мақсади кӯмак ба таҳкими иқтидори Тоҷикистон дар идоракунии хавфҳои офатҳо ва коҳиш додани осебпазирии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба офатҳои табиӣ таҳия шудааст.

Дар моҳи сентябри соли 2019 коршиносони байналмилалӣ ва маҳаллии Лоиҳа ба кӯли Сарез барои таҳлили системаи мавҷуда, омӯзиши устувории сарбанди Усой, минтақаи ҳамшафати кӯл ва омилҳои имконпазире, ки метавонанд сабабгори ба вуҷуд овардани офатҳои табиӣ гарданд, сафар намуданд.





Дар натиҷаи арзёбӣ, қарор қабул шуд, ки системаи мониторинг ва огоҳкунии қаблӣ аз навсозӣ карда шуда, фарогирии он қад-қади марз бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон то ноҳияи Шаҳритуси вилояти Хатлон, ки бо вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамсарҳад аст, васеъ карда шаванд. Дар айни замон, системаи мавҷудаи огоҳсозӣ (сирена, радио алоқа) то ноҳияи Рӯшон насб карда шудааст.



**Хатти қаҳваранг** – системаи мавҷуда ба ноҳияи Рӯшон
**Хатти кабуд** – системаи навест, ки то минтақаҳои Шаҳритус васеъ карда шудааст.

Таҷҳизоте, ки дар оянда насб карда мешавад, аз системаи интиқоли маълумот тариқи маҳвора системаи пешгӯикунӣ, мониторинг ва огокунӣ иборат мебошад.




Дар моҳи сентябри соли 2020 интихоби ширкат ба анҷом расид ва 13 ноябри соли 2020 барои интиқол, насб ва ба истифода додани системаи нави мониторинг ва огоҳкунии қаблӣ дар кӯли Сарез шартнома ба имзо расид. Ба истифода додани системаи нав моҳи августи соли 2021 ба нақша гирифта шудааст. Таҳвил ва насби таҷҳизот аз ҷониби ширкати итолиёвии САЕ анҷом дода мешавад, ки ширкати мазкур дар насби системаи огоҳкунии қаблӣ, яке аз пешсафони ҷаҳонӣ ба ҳисоб меёбад.

Инчунин, дар нимаи аввали соли 2020, дар доираи Лоиҳа таҳлили моҳворави ҳаракати хоки таги об ва тағииротҳои таркибии кӯл аз кайҳон гузаронида шуд. Ҳамзамон деформатсияи таърихии хоки сарбанд ва хоки соҳили кӯли Сарез аз таҳқиқот карда шуд. Ин тадқиқот ба се қисм тақсим шуда – таҳлили пеш аз заминҷунбӣ, таҳқиқи коисесмикӣ ва пас аз заминҷунбӣ, ки давраи аз 18 октябри соли 2014 то 25 феврали соли 2020-ро дар бар гирифта буд, дар бар гирифт. Ин тадқиқот имкон дод, ки мо шарҳи нисбатан мукаммали устувории хоки таги оби кӯли Сарез, дар сарбанди Усой ва атрофи онро дастрас намоем.

## Муҷаҳҳазгардонӣ ва баланд бардоштани иқтидори Хадамоти зидди жола

Яке аз самтҳои муҳими баланд бардоштани ҳосили зироатҳои кишоварзӣ истифодаи васеи воситаҳои муҳофизати зироат аз талафот, аз ҷумла аз таъсири омилҳои номусоиди обу ҳаво ба зироат, аз ҷумла жола мебошад.

Жолазанӣ бо рушди абрҳои конвективӣ ба хоҷагии халқ зарари калони моддӣ мерасонанд. Хонаҳо ва биноҳо метавонанд аз жола зарар бинанд, аз он ҷумла ба нобудшавии растаниҳо ва оламӣ ҳайвонот сабаб мешавад. Дар баъзе минтақаҳои кишоварзии аз жола зарардида ба ҳисоби миёна талафоти ҳосил 15–25%-ро ташкил медиҳад.

Маълум аст, ки жолаи бузургтарин дар минтақаҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳӣ ба мушоҳида мерасад.

Дар Тоҷикистон, ки 93% қаламравашро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, боридани жолаи шадид ба кишоварзӣ зарари калон мерасонад. Аз ин рӯ, масъалаи ташкили Хадамоти зидди жола барои ҳифзи зироатҳои кишоварзӣ аз жола, пеш аз ҳама дар водии Ҳисор ва Вахши Тоҷикистон ба миён омад, ки дар он ҷо зироатҳои нодир ва ҳамзамон сердаромад парвариш карда мешаванд. Боришоти жолаи фалокатбори рӯзи 5 майи соли 1963 дар нобудшавии зиротаҳо сабабгор шуд: дар он рӯз дар водии Ҳисор 46 ҳазор гектар (қариб нисфи замини обӣ) зироатҳо ва токзорҳо зарар диданд.

Соли 1964 дар водии Ҳисор аввалин дастаи жола ба кор шурӯъ кард. Дар айни замон, Хадамоти зидди жолаи Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда аз 7 дастаи зидди жола ва 27 нуқта бо дастгоҳои зидди жола иборат аст, ки қодиранд майдони беш аз 609 ҳазор гектар киштзорро ҳифз кунанд.





Таъмини амнияти озуқаворӣи аҳолӣ яке аз чор ҳадафи стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Тағийрёбии иқлим дар ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфии худро мерасонад. Ин дар навбати худ метавонад ба кишоварзӣ зарар расонад. Дар робита ба ин, бо пешниҳоди Кумита Бонки Рушди Осиё дар доираи Лоиҳаи Миллӣ оид ба идоракунии хавфи офатҳои табиӣ тасмим гирифт, ки нерӯи техникӣ ва сатҳи омодагии касбии кормандони Хадамоти зидди жоларо баланд бардорад.

Соли 2019 дар доираи Лоиҳа мушовирони байналмилалӣ радарҳои амалкунандаи зидди жоларо арзёбӣ карданд. Натиҷаҳои арзёбии саҳроӣ тасдиқ кард, ки чор радарҳои коркунандаи МРЛ-5, ки дар солҳои 70-ум таҳия шуда буданд, кӯҳна шудаанд ва онҳоро бо системаҳои радарии муосир иваз кардан лозим аст.



**Радари амалкунанда, ки дар Ҳисор ҷойгир аст**



**Радари DMRL-S аз режими поляризатсияи**

Дар робита ба ин, қарор карда шуд, ки радиолокатсияи нави метроиорологии ДМРЛ-С-и Доплерро харидорӣ намоем. Радари DMRL-S қабул ва расонидани маълумоти амалиётиро дар радиуси 250 км таъмин менамояд. Вазъияти ҳаво дар шакли харитаҳои гуногуни метеорологӣ нишон дода шудааст. Ҷорӣ намудани режими поляризатсияи дугона ба DMRL-S инчунин имкониятҳои худро бо роҳи ба даст овардани маълумоти принсипи нав дар бораи сохтори объектҳои мушоҳидаи метеорологӣ хеле васеъ мекунад.




Масоҳати фарогирии **доираи кабуди** DMRL-S режими поляризатсия

**Доираҳои сурх** – майдони фарогирии чор радарии мавҷуда.

Дар айни замон, раванди харидории РЛС-и насли 5-ум ба итмом расидааст ва корҳои васл ва насби он идома дорад. Ин таҷҳизот имконият медиҳад, ки қисми зиёди заминҳои кишоварзии дар ноҳияҳои тобеи марказ, вилояти Хатлон ва қисман вилояти Суғдро аз зарари жола эмин нигоҳ дорад. Ба кор даровардани радари метеорологӣ моҳи марти соли 2021 ба нақша гирифта шудааст.

Бояд қайд кард, ки Лоиҳаи миллии идоракунии хавфи офатҳои табиӣ, ки аз ҷониби Бонки Рушди Осиё маблағгузорӣ мешавад, ягона лоиҳаест, ки дар навсозии Хадамоти зидди жолаи Кумита кумаки назаррас мерасонад.

Ҳамин тавр, дар доираи лоиҳа корҳои таъмир дар бинои Хадамоти зидди жола идома дошта, инчунин пурра аз нав ивазкунии мебел, системаҳои видеоӣ, таҷҳизотро дар мегирад.



**Вазъи кунунии бинои Хадамоти зидди жола**



**Бино пас аз навсозии Хадамоти зидди жола**

Соли 2020 барои кормандони Хадамоти зидди жола курсҳои омӯзишӣ ташкил карда шуданд. Дар курсҳои мазкур кормандон аз барномаҳои махсуси муосири компютериро аз худ карданд. Тренерони ботаҷриба барои омӯхтани технологияҳои нави компютерӣ барои кори зидди жола дарсҳои худро роҳандозӣ намуданд.





Пас аз ба итмом расонидани курси пурраи таҳсил ба шунавандагон ҳуҷҷатҳои дахлдори тасдиққунанда дода шуд.

# IX. ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Тавсеа ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода**

Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумита барои таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо кишварҳои шарик, намояндагиҳои дипломатии муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон, созмонҳои байналмилалӣ ва дигар ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода, тадбирҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва амалӣ меандешад.

Сарфи назар аз вазъи кунунӣ дар робита бо пандемияи COVID-19, роҳбарияти Кумита бо роҳбарон ва намояндагони созмонҳои байналмилалӣ 56 вохӯрӣ баргузор намуд, ки дар онҳо масъалаҳои ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷониба дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода муҳокима карда шуданд.



Санаи 2 марти соли 2020 дар шаҳри Душанбе байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва филиали Агентии Оғохон оид ба макони зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расид. Ин созишнома ҳамкориҳоро дар самти пешгирии ҳолатҳои фавқулода ва расонидани кӯмак дар рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ дарбар мегирад.

Санаи 7 октябри соли 2020 дар шаҳри Сеули Ҷумҳурии Корея бо ташаббуси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Корея «Ёддошти тафоҳуми байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи маориф ва ёрии таъҷилии тиббии Корея» ба имзо расонида шуд.

Бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои дигари ҳамкорӣ низ тасдиқ гардиданд. Аз ҷумла, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Покистон дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода ва Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои миллӣ оид ба амнияти миллии Мақомоти миллӣ оид ба идоракунии ҳолатҳои фавқулода, бухрон ва офатҳои табиии Аморати Муттаҳидаи Араб дар самти идоракунӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода.

Мутаассифона, бинобар сабаби паҳншавии бемор  сироятии коронавирус COVID-19, маросими баимзо расонидани ин санадҳои ҳамкорӣ ба таъхир гузошта шуд.

## Иштирок дар чорабиниҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар шакли видеоконфронсҳо

Бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо шарикони рушд дар давоми соли 2020 кормандони Кумита дар чорабиниҳои гуногун бо тариқи маҷозӣ тавассути видеоконференсия ширкат варзиданд.

Санаи 7 августи соли 2020 мутахассисони Кумита ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар семинари якуми минтақавӣ дар мавзӯи «Эҷоди махзани миллии маълумот оид ба зарар аз офатҳои табиии Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон» тариқи онлайн ширкат варзиданд.

Дар рафти баргузор гардидани семинари мазкур масъалаҳои вобаста ба таъсиси низоми «Дезинвентар барои ҷамъоварии маълумотҳои оморӣ»-и ба талафот дар натиҷаи оқибатҳои офатҳои табиӣ дар давоми солҳои 2005–2020 мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.



Санаи 7 августи соли 2020 Дафтари Созмони Милали Муттаҳид оид ба коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ (UNISDR) дар ҳамкорӣ бо Фонди тадқиқотии (CIMA) ва Маркази осиёгӣ оид ба омодагӣ ба офатҳои табиӣ (ADPC) аввалин семинари воридшавии онлайнӣ барои кишварҳои Осиёи Марказиро баргузор намуд, ки ба системаи «Desinventar–Sendai» барои ҷамъоварии муттасил, ҳуҷҷатикунонӣ ва таҳлили маълумотҳо дар иртибот ба талафот бар асари офатҳо бахшида шуда буд.

Дар кори семинари мазкур кормандони Сарраёсати ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд ва Маркази идоракунии ҳолатҳои бухронии Кумита ба тариқи онлайн ширкат варзиданд. Ҳадафи лоиҳа «Баланд бардоштани устуворӣ ба офатҳои табиӣ ва татбиқи Барномаи қолабии Сендай оид ба коҳиш додани хавфи офатҳо дар Осиёи Марказӣ» аз ҷониби «UNISDR» бо дастгирии молиявии Иттиҳоди Аврупо таҳия шуда, ҳангоми амалӣ кардани таъминоти барномавии «Desinventar–Sendai» ҷиҳати ҷамъоварии мунтазам, ҳуҷҷатикунонӣ ва таҳлили маълумотҳо оид ба талафотҳои дар натиҷаи офатҳои табиӣ, инчунин барои такмил додани ҳисоботҳо аз натиҷаи ҳадафҳои Барномаи қолабии Сендай шароити мусоид фароҳам меорад. Иштирокчиёни семинар системаҳои миллии ҷамъоварӣ, таҳлилӣ маълумотҳои талафоти офатҳои табиӣ, тарафҳои мусбӣ ва манфӣ, инчунин самтҳои зарурии такмили онҳоро баррасӣ наму-

данд. Бояд қайд кард, ки татбиқи барномаи «Desinventar–Sendai» ба зиёда аз 90 кишварҳои ҷаҳон оид ба коркарди системаи устувори идоракунии иттилоот вобаста ба офатҳои табиӣ мутобиқ бо раванди мониторинги Барномаи қолабии Сендай мусоидат менамояд.




Санаи 12 августи соли 2020 бо мақсади такмили ихтисоси табибон ва ҳамшираҳои шафқати Раёсати тиббӣ, Беморхонаи ҳарбӣ ва хадамотҳои тиббии қисмҳои ҳарбии Кумита оид ба пешгирии бемории сироятии коронавирус COVID-19 вохӯрӣ тариқи вебинар баргузор гардид. Вохӯрии мазкур бо ташаббуси Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва гузаронида шуд. Роҳбарони вебинар ба иштирокчиён дар бораи пешгирии бемории сироятии коронавирус COVID-19 дар терминалҳои фурудгоҳҳо бо мақсади таъмини бехатарии мусофирон ва халабонҳо ҳангоми парвозҳо ва хатсайрҳои транзитии байнидавлатӣ, ҷобаҷогузорӣ мусофирон ва назорати фосила байни онҳо маълумотҳо пешниҳод намуданд.

Бо мақсади баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи касбӣ кормандони Сарраёсати ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд, Раёсати ҳамкориҳои байналмилалӣ ва Раёсати тиббии Кумита санаи 17 сентябри соли 2020 дар вохӯрӣ таҳти унвони «Муколамаи кишварҳои узви СММ» барои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мавзӯи «COVID–19: Табодули таҷриба, стратегияи эътино ва мустаҳкамнамоӣ» тариқи маҷозӣ ширкат варзиданд.

Бо суханони ифтитоҳӣ ҷаноби Октавиан Бивол – роҳбари Дафтари минтақавии «UNISDR» дар Аврупо ва доктор Дорит Нитзан – Директори ҳолатҳои фавқулода ва дафтари минтақавии СУТ дар Аврупо баромад карданд.

Дар рафти мулоқот оид ба таҷриба ва дарсҳои омӯхташуда аз чораҳои омодагӣ ва вокуниш ба COVID-19 намояндагони департаменти ҳолатҳои фавқулода ва вазоратҳои тандурустии Осиёи Миёна суханронӣ карданд.

Дар бораи нақш ва вазифаҳои Кумита оид ба татбиқи чорабиниҳои зиддиэпидемиявӣ ҳангоми пандемияи сироятии коронавирус дар Тоҷикистон Сардори Сарраёсати ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди КҲФ ва МГ бо гузориш дар бораи корҳои фаҳмондадиҳию таблиғотӣ, ташкили гурӯҳҳои сайёр дар самти безараргардонӣ ва дезинфексия, расонидан ва интиқоли кумакҳои башардӯстона, инчунин интиқоли шаҳрвандони аз кишварҳои хориҷӣ воридгар-

дида ба ҷойҳои махсуси муайяншуда барои будубош баромад намуд. Ҳамчунин кумаки созмонҳои байналмилалӣ дар таъмини таҷҳизоти муҳофизатӣ, дезинфексия ва таҷҳизот барои безараргардонии автомашина, иншоот ва ҳудудҳо қайд гардиданд.

Тавре, ки дар Барномаи қолабии Сендай оид ба коҳиши офатҳои табиӣ барои солҳои 2015–2030 оварда шудааст, хавф рӯз аз рӯз бештар ва мураккабтар гардида, таъсироти пайдарпайро ба вуҷуд меорад, ки боиси ба миён омадани хисороти зиёд мешавад. Ҳолатҳои фавқулода, ки ҳангоми пандемия рух медиҳанд, зарари моддии расонидашуда ва хароҷоти бартараф кардани оқибатҳои онҳоро хеле зиёд мекунанд. Масалан, рахнашаваии обанбори Сардоб, ки 1 майи соли 2020 дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба амал омада буд, ба Ҷумҳурии Қазоқистон ва селхое, ки рӯзҳои 14–16 майи соли 2020 дар минтақаи Хуросони вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон рух дода буд, ба 260 бинои истиқоматӣ зарари калон расониданд. Роҳи ягонаи расидан ба ҳадаф ин тавассути ҳамкории мутаносиби муштарак оид ба пешгирӣ, омодагӣ ва вокуниш дар ҳама ҳолатҳо ва шароити гуногун аст.

Санаи 20 октябри соли 2020 Конфронси Осиё оид ба коҳиши хатари офатҳои табиӣ дар Ҷопон тавассути видеоконференсия баргузор гардид.




Раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенант Р. Назарзода бо иштирокчиёни видеоконференсия ҳамчун намояндаи кишваре, ки мебоист дар қаламрави он чорабинӣ баргузор гардад, суханронӣ намуданд.

Дар баромади худ Раиси КҲФ ва МГ дар бораи натиҷаҳои бадастомада дар татбиқи афзалиятҳои Барномаи қолабии Сендай дар Тоҷикистон, аз ҷумла нақши ҳамоҳангсозии Платформаи миллӣ оид ба «DRR», инчунин оид ба системаи коҳиши офатҳои табиӣ, ки дар мамлакати мо мутобиқи «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба коҳиши хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019–2030» ва «Барномаи рушди Кумита барои солҳои 2018–2022» қабул карда шудааст ва дар бораи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи паст кардани хатари офатҳои табиӣ маълумот доданд.

Ҳадафи асосии конфронс такмили ҳамкориҳои минтақавӣ дар мубориза бо офатҳои табиӣ ва амалисозии Барномаи қолабии Сендай оид ба коҳиш додани хатари офатҳои табиӣ мебошад.

Дар ҷараёни конфронс иштирокчиён масъалаҳои зеринро муҳокима намуданд:

– инфрасохтори ба офатҳои табиӣ тобовар;
– ба роҳ мондани ҳамкориҳо миёни давлат ва бахшҳои хусусӣ дар самти коҳиши хатари офатҳои табиӣ;
– сиёсати гендерӣ ва фарогирӣ (инклюзия), идоракунии ҳолатҳои фавқулода ва ҷалби сармоягузорӣ.

Санаи 20 октябри соли 2020 дар Кумита ҷаласаи ҳамоҳангсозии онлайн баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои ҳамкории эҳтимолӣ дар соҳаи банақшагирӣ ва идоракунии ҳолатҳои фавқулода муҳокима карда шуданд.

Дар ҷаласаи болозикр намояндагони Раёсати ҳамкориҳои байналмилалии Кумита ва Сафорати Британиёи Кабир дар Душанбе ширкат варзиданд.

Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои барқарор намудани ҳамкорӣ бо Коллеҷи банақшагирии ҳолатҳои фавқулодаи Британиё, ки ба Девони Вазирони Британиё дохил аст ва омодаанд барои хидматрасониҳои омӯзишӣ ва машваратӣ барои хизматчиёни давлатӣ дар соҳаи идоракунии ҳолатҳои фавқулода кумак намоянд, муҳокима гардиданд.



Санаи 17 ноябри соли 2020 мулоқот тариқи онлайн миёни намояндаи Сарраёсати ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди КҲФ ва МГ бо мутахассисони Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзии СММ багузор гардид. Дар мулоқот масъалаҳои марбут ба лоиҳаи «Дастгирии хоҷагиҳои фермерии хурд» дар асоси консепсияи омодагардидаи он аз ҷониби мутахассисони ташкилоти мазкур, ки амалишавии он соли 2022 дар назар аст, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ҳадафи лоиҳа пешигирӣ, баланд бардоштани устуворӣ ба офатҳои табиӣ ва идоракунии захираҳои об мебошад. Аз ҷониби Кумита пешниҳод гардид, ки дар доираи лоиҳаи мазкур бунёди майдонҳои ниҳолшинонӣ ва дар оянда интиқоли онҳоро ба минтақаҳои осебпазири дорои хавфҳои махсус дастгирӣ намоянд.

Аз 24 то 27 ноябри соли 2020 барои кормандони КҲФ ва МГ дар бинои Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методии Кумита курси омӯзишии «Дастгоҳҳои бесарнишин» дар ҳолатҳои фавқулода бо иштироки кормандони Маркази идоракунии ҳолатҳои бӯҳронӣ ва Раёсати масъалаҳои кули Сарез бо дастгирии СММ (ЮНИСЕФ) тариқи онлайн баргузор гардид. Ҳамзамон, дар чорабинии мазкур намояндагони ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой тариқи маҷозӣ иштирок намуда, оид ба истифодаи дастгоҳҳои бесарнишин бо воситаи барномаҳои «DJI Pilot», «Pix4d Capture», «AIR mep» таҷрибаи табодули таҷриба намуданд. Мақсади баргузор намудани чорабинии мазкур баланд бардоштани маҳорати кормандон дар самти истифодаи дастгоҳҳои бесарнишини муосир буд.



Аз 26 то 30 ноябри соли 2020 дар доираи татбиқи минбаъдаи Лоиҳаи миллии “Идоракунии хавфҳои офатҳои табиӣ”-и Бонки Осиёгии Рушд дар Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методӣ барои сохторҳои алоҳидаи Кумита дарсҳои назариявӣ ва амалӣ тавассути онлайн гузаронида шуданд. Дар тӯли 4 рӯз кормандони Раёсати наҷотдиҳии кишвар бо усулҳои нави корӣ дар самти муайян кардани минтақаҳои нави хавфнок дар асоси онлайн-курсҳо шинос шуданд. Ҳангоми омӯзиш аз дастгоҳҳои бесарнишин истифода намуданд. Дар ин омӯзиш намояндагони Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой низ тавассути видеоконфронс ширкат варзиданд.

Санаи 11 декабри соли 2020 Раиси Кумита генерал-лейтенант Назарзода Р., тавассути видеоконференсия дар ҷаласаи минтақавии машваратӣ оид ба таҳкими ҳамкориҳо дар доираи коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ ва татбиқи Барномаи қолабии Сендай дар Осиёи Марказӣ ширкат варзид.



Дар ҷаласаи онлайн роҳбарони идораҳои наҷотдиҳии Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон, инчунин роҳбарон ва намояндагони сохторҳои алоҳидаи СММ ширкат варзиданд. Вохӯрӣ дар доираи ташаббуси СММ оид ба коҳиши хавфи офатҳои табиӣ «Такмили устуворӣ ба офатҳои табиӣ ва суръат бахшидани амалисозии Барномаи қолабии Сендай оид ба коҳиши хавфи офатҳои табиӣ дар Осиёи Марказӣ» бо маблағгузории Иттиҳоди Аврупо баргузор гардид. Дар баромади худ Раиси Кумита ба иштирокчиёни ҷаласа дар бораи дастовардҳои мамлакати мо дар татбиқи Барномаи қолабии Сендай ва Стратегияи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019–2030, дар бораи пешрафти лоиҳаҳо ва барномаҳое, ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ, Бонки Осиёгии Рушд, САҲА ва Иттиҳоди Аврупо маблағгузоришаванда, маълумот пешниҳод намуд.

## Нақши Гурӯҳи РЕАКТ дар соли 2020 дар вокуниш ба пандемияи COVID-19

Дар соли 2001 Кумита ва Дафтари ҳамоҳангсозии масоили башардӯстонаи Созмони Милали Муттаҳид Гурӯҳи арзёбии фаврӣ ва ҳамоҳангсозӣ (минбаъд – гурӯҳи РЕАКТ)-ро таъсис доданд. Аъзои ин гурӯҳ намояндагони вазорату идораҳои кишвар, инчунин роҳбарони созмонҳои байналмилалие мебошанд, ки бо масъалаҳои хавфи ҳолатҳои фавқулода сарукор доранд. РЕАКТ-ро Раиси КҲФ ва МГ ва Ҳамоҳангсози доимии СММ дар Тоҷикистон ҳамраисӣ мекунанд. Гурӯҳи РЕАКТ кори мақомоти давлатӣ ва созмонҳои байналмилалиро дар соҳаи рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ ҳамоҳанг мекунад ва инчунин як қатор чорабиниҳоро оид ба беҳтар намудани идоракунии хатари офатҳо дар Тоҷикистон анҷом медиҳад. Соли 2020 3 ҷаласаи Гурӯҳи РЕАКТ баргузор гардид.



Санаи 15 апрели соли 2020 ҷаласаи аввали гурӯҳи РЕАКТ баргузор гардид, ки дар рафти баргузории он масъалаҳои тасдиқи нақша оид ба пурзӯр намудани чорабиниҳои зиддиэпидемиявӣ бо мақсади пешгирӣ ва паҳншавии коронавирус дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақш ва вазифаҳои вазорату идораҳои давлатӣ ва созмонҳои байналмилалии муқими кишвар дар ҳалли ин мушкилот, инчунин баррасии лоиҳаи Стратегияи муштараки гурӯҳи РЕАКТ оид ба вокуниш ба пандемияи «COVID-19» баррасӣ гардиданд. Бояд қайд кард, ки ҷаласаи РЕАКТ инчунин фосилавӣ (онлайн) баргузор гардида, дар он 20 нафар иштирокчиён аз созмонҳои гуногуни байналмилалӣ ширкат варзиданд.

Моҳи майи соли 2020 бо ташаббус ва дастгирии мақомоти давлатӣ, шарикони байналмилалӣ ва гурӯҳи РЕАКТ корҳои барқароркунӣ пас аз омадани сел ба деҳаи Чорбоғи ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон ва шаҳри Ваҳдат ташкил карда шуданд. Инчунин як қатор кумакҳо аз қабили хӯроквориӣ, маводҳои ғайрихӯрокворӣ ва масолеҳи сохтмонии зерин ба аҳолии зарардида аз офатҳои табиӣ расонида шуданд:

– Сафорати Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Тоҷикистон 67 тонна семент;
– Агентии Оғохон оид ба макони зист дар Тоҷикистон 16 тонна сӯзишвории дизелӣ ва Созмони Амният ва ҳамкории Аврупо дар Тоҷикистон 3 тонна сӯзишвории дизелӣ;
– Намояндагии Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон 676 кӯрпа, матрас, болишт, ҷиҳози хоб, лавозимоти ошхона (кружка, қошуқ, корд, кафлес, чойник, дегҳо), воситаҳои шустани зарфҳо ва сатилҳо;

Дафтари Барномаи озуқаворӣи СММ 17 тонна орд;

– Хазинаи кудакони СММ (ЮНИСЕФ) дар Тоҷикистон 342 маҷмӯаи гигиенӣ, зарфҳои даҳлитра барои об, 160000 ҳаб барои безараргардонии об;
– Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон 260 кӯрпа, матрас, болишт, ҷиҳози хоб, асбобҳои рӯзгор: бел, каланд, сатил, маҷмӯаҳои гигиенӣ ва маҷмӯаи лавозимоти ошхона;

Ғайр аз ин, бо мақсади таъмин намудани сокинони зарардида, ки хонаҳояшон дар натиҷаи сел пурра хароб шудааст, ба 67 оилаи деҳаи Чорбоғи ҷамоати деҳоти ба номи С. Айнии ноҳияи Хуросон қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ дар ҷойҳои бехавф ҷудо карда шуданд.

Санаи 7 августи соли 2020 ҷаласаи дуюми РЕАКТ низ тариқи фосилавӣ, тавассути онлайн баргузор гардида, зиёда аз 21 нафар иштирокчиён аз созмонҳои гуногуни байналмилалӣ ширкат варзиданд ва дар бораи ҳолатҳои фавқулодаи ба қайд гирифташуда, ки дар кишвари мо рух доданд, маълумот пешниҳод карда шуд. Инчунин шумора ва намудҳои кӯмакҳое, ки аз ҷониби Ҳукумати кишвар бо воситаи КҲФ ва МГ ба зарардидагон расонида шудааст, қайд гардиданд.



Ба иштирокчиён дар бораи фаъолияти зиддиэпидемиологии КҲФ ва МГ ва шарикони гурӯҳи РЕАКТ дар давраи пандемияи коронавирус маълумот дода шуд. Инчунин дар бораи раванди татбиқ ва вазъи кунунии амалисозии “Стратегияи вокуниши башардӯстона ба COVID-19 маълумот дода шуд. Андешидани чораҳо барои паст кардани таъсири манфии сирояти коронавирус ба аҳолӣ, тасдиқ гардидани чораҳои пешгирикунанда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалисозии Стратегияи вокуниши фаврии башардӯстона ба COVID-19 бо маблағгузории хориҷии грантӣ ба миқдори 16 миллиону 141 ҳазор доллари ИМА баррасӣ гардиданд.

## Стратегияи вокуниши башардӯстонаи КҲФ/РЕАКТ ба COVID-19

Барои таъмини омодагии муштарак ва ҳамоҳангшуда бо ҳамшарикии аъзои гурӯҳи РЕАКТ барои пандемияи COVID-19, КҲФ ва МГ моҳи апрели соли 2020 Стратегияи вокуниши башардустона ба COVID-19-ро омода намуд, ки аз чор ҳадафи асосӣ иборат мебошад, аз ҷумла:

– дастгирии аксуламали тиббии Вазорати тандурустӣ;
– дастгирии назорати эпидемиологии бемориҳо;
– ҳисобот дар бораи оқибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;
– расонидани кӯмаки башардӯстона ва дастгирӣ барои таъмини фосилаи иҷтимоӣ.

Пас аз равиши маъмулии машваратӣ ва ҳамоҳангшуда, ки пас аз РЕАКТ ба амал омадааст, бо ташаббуси КҲФ машваратҳои зерин гузаронида шуданд:

– баррасии ибтидоии ҳуҷҷати шарикони РЕАКТ, бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, дар ҷаласаи ғайринавбатии РЕАКТ санаи 15 апрели соли 2020;
– баррасии онлайн ва тасдиқи Стратегия аз ҷониби шарикони РЕАКТ дар ибтидои моҳи июни соли 2020;
– пешниҳоди Стратегияи вокуниши башардустона ба COVID-19 ба Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миёнаи моҳи июни соли 2020;

Дар асоси супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегия барои баррасӣ ва пешниҳоди хулосаҳои зарурӣ то охири моҳи июни соли 2020 ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод карда шуд.

КҲФ ва МГ аз вазорату идораҳои дахлдор, инчунин аз шарикони байналмилалӣ хулосаҳои расмиро дастрас намуд. Бояд зикр намуд, ки дар татбиқи Стратегияи мазкур Агентии Оғохон оид ба макони зист яке аз шарикони асосӣ маҳсуб ёфта, амалисозии онро дар тамоми қаламрави кишвар идома дод.

Бояд қайд кард, ки ҳангоми фаъолияти муштараки КҲФ ва Агентии Оғохон оид ба макони зист дар мубориза бо COVID-19:

– зиёиёни Тоҷикистон ва наҷотдиҳандаҳои ихтиёрии маҳаллӣ ба маъракаҳои огоҳсозӣ ҷалб гардиданд;
– таъминоти лавозимот ва таҷҳизотҳо ба раёсатҳои тандурустии ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд ва таъсиси беморхонаҳои муваққатӣ ва ёрии таъҷилии тиббӣ дар ноҳияҳои ВМКБ;
– баланд бардоштани маҳорат ва донишҳои зарурии хадамотҳо оид ба вокуниши сареъ ва муассир ба таҳдидҳои COVID-19;
– расонидани кӯмаки ғизоӣ ба қишрҳои осебпазири аҳолӣ.

Агентии Оғохон оид ба макони зист дастгирии худро идома дода, дар баробари дигар фаъолиятҳои ҷорӣ, фаъол намудани ташаббуси «Пул ва маҳсулот бар ивази кор» ва дастгирии минбаъдаи платформаи минтақавии РЕАКТ дар ВМКБ-ро ба нақша гирифтааст.

Дар асоси дастури Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 августи соли 2020 Стратегияи мазкур тасдиқ гардида, амалӣ гардида истодааст.

Дар охири ҷаласа иштирокчиён самтҳои афзалиятноки кори муштаракро оид ба пешгирии пандемияи COVID-19 муайян карданд.

Санаи 16 декабри соли 2020 ҷаласаи сеюми гурӯҳи РЕАКТ баргузор гардид. Бояд қайд кард, ки дар ҷаласа намояндагони Вазорати маориф ва илм, Вазорати кишоварзӣ, созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Барномаи озуқаворӣи ҷаҳонии СММ, Агентии Оғохон оид ба макони зист, Лоиҳаи миллӣ оид ба идоракунии хавфҳои офатҳои табиӣ, Федератсияи байналмилалии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар иштирок ва намояндагони Барномаҳои рушди СММ, Бонки ҷаҳонӣ, Агентии Швейтсария оид ба ҳамкорӣ ва рушд дар Тоҷикистон, Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид, дафтари Каритаси Швейтсария тавассути видеоконференсия онлайн ширкат варзиданд.



Дар рӯзномаи ҷаласа масъалаҳои вокуниш ба паҳншавии минбаъдаи бемории сирояти коронавирус ва нақшаи вокуниши байниидоравии РЕАКТ ба ҳолатҳои фавқулода мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Дар бораи корҳои анҷомдодашуда дар ин ду самт ва пешниҳодҳо оид ба беҳтар намудани вазъи минбаъда шунида шуданд. Самтҳои асосии фаъолияти Гурӯҳ барои соли 2021 муайян гардид.

Роҳбарони созмонҳои байналмилалӣ ба таҳкими минбаъдаи ҳамкорӣ дар соҳаи пешгирӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода, инчунин кумак ба осебдидагони офатҳои табиӣ, алахусус бо назардошти вазъи кунунии паҳншавии коронавирус дар кишвар ва дар саросари ҷаҳон даъват ба амал оварданд.

**Кумакҳои созмонҳои байналмилалӣ ба Кумита барои пешгирии бемории сироятии коронавирус**

Бо мақсади пешгирии паҳншавии бемории сироятии коронавирус COVID-19 ва гузаронидани чорабиниҳои зиддиэпидемиологӣ аз ҷониби шарикони рушд, ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар ташкилотҳои маблағгузор зерин дар давоми соли 2020 Кумита як қатор кумакҳои бебозгашт қабул намуд:

– Агентии Оғохон оид ба макони зист дар Тоҷикистон: 11 900 адад ниқоби тиббӣ, 7 000 ҷуфт дастпӯшак, 200 адад собуни дастшуӣ, 1 300 адад малҳами оксалин, 12 190 килограмм хлор, 795 адад курпа, 795 адад рахти хоб, 5 адад генератор, 8000 литр бензин, 18 000 литр сӯзишвории дизелӣ, 2 390 маҷмӯъ либоси муҳофизатӣ, 3 150 дона маҳлули антисептикӣ, 10 адад дег, 130 ҷуфт мӯзаи резинӣ, 100 адад айнаки муҳофизатӣ, 10 адад ҳароратсанҷи фосилавӣ ва 10 адад дастгоҳи санҷидани набз, инчунин як қатор маводи доруворӣ барои табобати бемории сироятии коронавирус, аз қабили арбидол, левофлоксатсин, реамберин, сиклоферон, анаферон, азитромитсин, сефтриаксон ва ғайраҳо;



– Намояндагии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ дар Тоҷикистон 25 адад дастгоҳи нафасдиҳии оксигенӣ (оксигенератор), 75 000 дона ниқоби тиббӣ ва 4 000 ҷуфт даспушак;
– Дафтари Созмони амният ва ҳамкории Аврупо дар Душанбе 10 адад дорупошаки муҳаррикдор, 15 адад дорупошаки дастӣ, 500 кг хлор, 1 200 метр дока, 3 000 дона ниқоби тиббии истифодаи яккарата, 70 адад маҳлули антисептикӣ, 200 адад глитсерин, 56 адад перекис, 10 литр собуни моеъ, 1 100 маҷмӯъ либоси муҳофизатӣ ва 10 адад дастгоҳи ҳароратсанҷи фосилавӣ;





- Сафорати Фаронса дар Тоҷикистон: 104 кг гипохлорити калтсий, 150 литр спирт, 59 метр дока, 160 адад дастпоки докагӣ ва 20 қуттии дорои маҷмуи маҳсулоти хӯрокворӣ;
- Сафорати ИМА дар Тоҷикистон: 2 717 кг хлор, 600 метр селофан, 1 000 метр дока, 300 адад ниқоби тиббӣ, 100 маҷмӯъ либоси махсуси муҳофизатии истифодаи бисёркарата, 21 адад ҳароратсанҷи фосилавӣ, 100 адад айнаки муҳофизатӣ, 10 адад дастгоҳи дорупошӣ, 200 литр спирт, 10 адад зарфи перекис 100 мл, 50 дона зарфи равғани эфир, 100 дона зарфи глитсерин, 200 адад собуни моеъ, 100 ҷуфт дастпӯшаки резинӣ, 400 адад зарфи антисетикии 500 мл, 50 адад халати тиббӣ, 102 дона пластмасси махсус барои ниқоби тиббӣ, 110 дона филтр барои ниқоби тиббӣ ва 100 дона зарфи моеи нукра 10 мл;





- Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх: 90 кг гипохлорити калтсий, 1 100 ҷуфт дастпӯшак, 100 ҷуфт дастпӯшаки резинии ғафс, 20 литр спирт, 35 ҷуфт музаи резинӣ, 8 адад айнаки муҳофизатӣ, 100 дона ниқоби тиббӣ, 5 халта барои ҷасад, 5 адад занбари тиббӣ, 20 адад либоси муҳофизатӣ, 10 адад кулоҳи муҳофизатӣ (каска) ва 500 метр дока;
- Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон: 100 адад ниқоби тиббӣ, 500 ҷуфт дастпӯшак, 40 ҷуфт комбинезон, 100 адад собуни дастшуӣ, 100 адад малҳами оксалин;
- Бонки Осиёгии рушд дар Тоҷикистон: 5 адад дорупошаки муҳаррикдор, 10 адад дорупошаки дастӣ, 100 литр спирт ва 2 100 метр дока;
- Дафтари Каритаси Швейтсария дар Тоҷикистон: 5 адад дорупошаки муҳаррикдор, 5 адад дорупошаки дастӣ, 104 кг гипохлорити калтсий ва 140 литр спирт;
- Раёсати комиссари олии СММ оид ба гурезаҳо дар Тоҷикистон: 250 литр спирт ва 3 500 дона собуни ҷомашӯӣ;
- Ташкилоти хайриявии Авесто 5 600 килограмм ғизои витаминдор.

Ҳамчунин бо маблағгузории Ҳукумати Ҷопон аз ҷониби дафтари БРСММ дар Тоҷикистон бинои Раёсати хадамоти махсусгардонидашудаи кофтуковӣ-наҷотдиҳӣ таъмир карда шуд. Фонди Агентии Оғохон ҳам самти худро тариқи харидорӣ намудани мебел барои фароҳам овардани шароити мусоиди кории наҷотдиҳандагон гузошт. Дафтари Хазинаи кӯдакони СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои шуъбаи кумакҳои равонии Маркази наҷотдиҳӣ мебел ва таҷҳизотҳои заруриро харидорӣ намуд.





# X. ДУРНОМАИ РУШДИ СОҲАИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА ВА МУДОФИАИ ГРАЖДАНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Нақшаҳои рушди Кумита барои соли 2021

Вазифаҳое, ки дар назди Кумита истодаанд, пеш аз ҳама ба ҳалли масъалаҳои рушди минбаъдаи афзалиятнок – такмили заминаи моддию техникӣ, афзоиши захираҳои инсонӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар доираи татбиқи «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019–2030» ва «Барномаи рушди Кумита барои солҳои 2018–2022» нигаронида шудаанд.

Бо назардошти тағирёбии иқлим ва афзоиши офатҳои табиӣ, аз ҷониби Кумита дар оянда чорабиниҳои дахлдори ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва муҳандисӣ барои беҳтар намудани фаъолият дар самти коҳиш додани хавфи офатҳо, ҷиҳати паст шумораи зарардидагон ва ҳалокшудагон, инчунин барои беҳтар намудани системаи мониторинг, пешгӯӣ ва огоҳии бармаҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андешида мешавад.

Ҷиҳати беҳтар намудани фаъолияти Системаи ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода, инчунин баланд бардоштани сатҳи заминаи моддию техникӣ ва захираҳои кадрӣ дар самти ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди ҷумҳурӣ аз ҳолатҳои фавқулода, коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ дар соли 2021 Кумита ба нақша гирифтааст:

1. Дар доираи татбиқи Лоиҳаи миллии идоракунии хавфи офатҳои табиӣ, ки аз ҷониби Бонки Осиёии Рушд маблағгузорӣ мешавад:

– насби радари метеорологӣ барои бурдани реҷаи назоратӣ (поляризатсияи дуҷониба)-и ДМРЛ-С, инчунин таҷдиди бинои Хадамоти зидди жола дар шаҳри Ҳисор;
– навсозӣ, такмил ва тавсеаи системаи огоҳии бармаҳал ва мониторинги кӯли Сарез.

**Лоиҳаи насби радиолокатори метеорологиии ДМРЛ-С**



**Лоиҳаи азнавсозии бинои Хадамоти зидди жолаи шаҳри Ҳисор**





2. Дар доираи татбиқи минбаъдаи ҳамкориҳои дуҷониба оид ба омодагӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода байни КҲФ, Иттиҳоди Аврупо ва Дафтари барномаҳои САҲА дар Душанбе:

– таълим ва бозомӯзии кадрҳо;
– таъсиси Маркази миллии таълими наҷотдиҳандагон бо мақсади омӯзиш ва бозомӯзии наҷотдиҳандагони Кумита, гурӯҳҳои наҷотдиҳандагони мустақил, гурӯҳҳои ихтиёрии наҷотдиҳии шаҳрҳо ва ноҳияҳо, инчунин омодагии кормандони хадамоти наҷотбахши Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва дигар кишварҳои минтақа.

**Лоиҳаи сохтмони биноҳо ва иншоотҳои Маркази миллӣ барои омӯзиши наҷотдиҳандагон**









3. Дар доираи татбиқи Барномаи Рушди КҲФ бо дастгирии молиявии Бонки Ҷаҳонӣ:
– сохтмони бинои нав барои Маркази миллии идоракунии ҳолатҳои бӯҳронӣ.

**Лоиҳаи бинои Маркази идоракунии миллии ҳолатҳои бӯҳронӣ**



4. Дар доираи лоиҳаи «Идоракунии ҳолатҳои фавқулода ва коҳиши хавфи офатҳои табиӣ», ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷопон маблағгузорӣ карда мешавад:
- тақвияти нерӯи хадамоти наҷотдиҳӣ ва воҳидҳои сохтории он;
- такмил ва таъминоти таҷҳизоти наҷотдиҳӣ барои хадамоти наҷотдиҳӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд, Норак ва Роғун;
- ба итмом расонидани сохтмони анборҳо дар ноҳияҳои Кушониёни вилояти Хатлон ва шаҳри Хоруғи ВМКБ ҷиҳати ҷой кардани захираҳои хӯрокворӣ ва масолеҳи сохтмонӣ барои аҳолии наздимарзӣ, ки дар сарҳади Тоҷикистон ва Афғонистон зиндагӣ мекунанд.

Бо мустаҳкам намудани ташаббусҳо оид ба таҳкими муносибатҳои байнидавлатӣ дар самти пешгирӣ, эътино ва коҳиши хавфи офатҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд намудани ҳамкориҳои минбаъда бо кишварҳои донор ва созмонҳои байналмилалӣ.

**ХОНАНДАГОНИ ГИРОМӢ!**

**Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шумо барои таваҷҷӯҳ ба Шарҳи мазкур изҳори сипосу қадрдонӣ мекунад. Мо ба ҳар эроду пешниҳоди Шумо дар ин замина изҳори ташаккур менамоем, Шумо метавонед онҳоро бо суроғаи зерин ирсол намоед: 734013, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи А.Лоҳутӣ, 26.**
**Почтам электронӣ: najot@rs.tj. Тел./факс: (+992 37) 2231311; (+992 37) 221-91-19 (факс).**

КУМИТАИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА ТОҶИКИСТОН

Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

САҲА Созмони амнияти ва ҳамкорӣ дар Аврупо
**Дафтари барномаҳо дар Душанбе**

Шарҳи мазкур бо кумаки молиявии САҲА нашр шудааст